Буйдоқов Холмурод
Наҷимова Ҳалимахон

# ПСИХОЛОГИЯИ СИНУСОЛӢ



ББК 750-250·2
Б - 95

Бо қарори Шӯрои миллии таҳсилоти
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28.02.2014,№02 барои нашр тавсия карда шуд.

**Буйдоқов Холмурод, Начимова Халимахон**
Б - 95 **Психологияи синусолӣ**. – Душанбе: «Ирфон», 2014, 136с.

Дар китоб бо назардошти шароитҳои нави иҷтимоию иктисодӣ ва комёбиву дастовардҳои илми психология асосҳои масоили умумии психологияи фаъолияти касбии калонсолон, соҳаи эҳсосотию иродавии одами калонсол, инчунин хусусиятҳои фардии он мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Китоб барои устод, донишҷӯёни мактабҳои олӣ тавсия карда мешавад.

Рисола самту ҷанбаҳои касбӣ дорад ва бахри ҳамаи онҳое манзур мегардад, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд.

Б 0303010000-120 / М 501(12)-2014 [illegible] 2014

[illegible] № 978 9947 [illegible] 65 [illegible] 48 [illegible] 5

© Буйдоқов Х.,Начимова Х., 2014

*Ба хотири ҳамсарам Буйдоқов Холмурод - Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор бахшида мешавад.*

# МУҚАДДИМА

Дар шароити ҳозира – замони пешрафту тараққиёти беназири техникаю технологияи навтарин ва рушду инкишофи бесобиқаи илму фан мо шоҳиди навсозию бозсозии беамсоли идроку шуури одамон ва таҷдиди сарватҳои рӯҳию ботинӣ ва маънавии онҳо мебошем.

Инсон бо муҳити зист робитаю таъсири мутақобилаю байниҳамдигарии доимию ногусастанӣ дорад. Ашёҳо ва зуҳуроту ҳодисоти сершумори воқеият ба узвҳои эҳсоси одам таъсир мерасонанд, дар зеҳну майнаи ӯ дар шакли ҳиссиёту таассурот, тасаввуроту тахайюлот, фикру ақида, завқу шавқ, орзую иштиёқ ва чаҳду талоше инъикос меёбанд, ки ба ин ё он амалу рафтор аксуламал ва ё таассури ҷавобӣ ба вуҷуд меоваранд.

Тамоми зуҳуроту ҳодисоти психологӣ – таассуроту идрок, тасаввуроту ақоид, ҳиссиёту хоҳиш, талаботу манфиат, шавқу завқ, майлу рағбат, қобилияту лаёқат, сифатҳои иродавию эҳсосотӣ ва аломату нишонаҳои хислат ва хулқу атвор ба ҳар як инсон он қадар наздиканд, ки дар назари аввал гӯё ба мо хеле хуб маълуманд ва дар ҳаёту фаъолияти ҳаррӯзаамон пайваста вомехӯранд, вале, зимнан, ба онҳо на ҳамеша баҳои дурусту сазовор медиҳем. Дар ҳақиқат бошад, фаҳмиши дурусту боидрокона и онҳо – яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти инсонӣ, маънию мақсади муносибату рафтор маҳсуб мегардад ва идораи онҳо кори бағоят мушкилу мураккаб мебошад.

Чӣ тавр хештан, ҷаҳондарксозии худ, ҳаёти шахсӣ, фикру андеша, нияту мақсад, муносибату рафтори хешро дар ҷамъият метавон фаҳмид? Дар ин ҷода ба мо қонуниятҳои объективӣ, зуҳурот, аломату нишонаҳо ва моҳияту сохтори рӯҳиёт (вазъияти рӯҳӣ) мадад мерасонад.

Барои чӣ ба омӯзиши психология рӯ меоваранд ва ё машғул мешаванд? Ҳамаи мо дар байни одамон зиндагӣ

мекунем ва бояд вазъияти рӯҳии онҳоро бидонем, инчунин хусусиятҳои фардии рӯҳиёт ва шахсияти худро ба эътибор бигирем. Мо ҳамагон ба ин ё он андоза рӯҳшинос ҳастем. Ва рӯҳиёти ҳаётиамон танҳо бурд мекунад ва ғанӣ мегардад, агар мо онро бо донишҳои илмӣ пурраю мукаммал созем.

Ҳар яки мо бояд дуруст дарк бисозад, ки одамони атрофамон мехоҳанд ва метавонанд ба хусусиятҳои шахсият, сабабҳои муносибату рафтор, хотираю тафаккур, хислату мизоҷ, феълу атвор чӣ тавр сарфаҳм бираванд ва мавқеи худро нисбати онҳо муайян бикунанд. Бидуни чунин аломату нишона ва имконот дар равандҳои мураккаби робитаю таъсири мутақобила ва муносибату муошírати байнишахсӣ кӯр-кӯрона амал кардан лозим меояд. Бар асари ин саҳву хатоҳо, баъзан беназокатию беадабиҳо содир карда мешаванд ва ба ҷойи дӯстон душманонатон бештар мегарданд.

Имконият, шаъну эътибор ва камбудию норасоиҳои хешро донистану дарк сохтан – хулласи калом худии худро аз ҷиҳати психологӣ дуруст, саҳеҳу аниқ тавсиф карда тавонистан низ бағоят муҳим аст. Низоми донишҳое, ки психология номида мешавад, маҳз ҳамин вазифаҳоро ҳаллу фасл мекунад. Он барои ҳар як инсон, ба истилоҳ, баҳри мақсаду ҳадафҳои шахсӣ ва дарки ҳолатҳои рӯҳии ӯ ва мавриди зарурат барои бошуурона тағйир додани ин ҳолат басо судманду муфид мебошад. Он барои волидайн низ бағоят муҳим аст, то бидонанд, ки дар табиату сиришти кӯдакону бачагони онҳо чӣ ба амал меояд. Ҳамзамон бояд ба онҳо ёрии аввалини психологӣ расонда, инкишофи рӯҳии эшон ислоҳ карда шавад. Психология барои сарварону роҳбароне, ки одамонро идора мекунанд, баҳри шахсони ӯҳдабарою кордоне комилан зарур аст, ки ҳолати рӯҳии тобеону зердастон, шарикону ҳамроҳонро ба эътибор гирифта, қарорҳои дахлдору пурмасъулият қабул мекунанд, ба ҳусни таваҷҷӯҳу хайрхоҳӣ ва нафрату бадбинӣ, эътиқоду боварӣ ва завқу табъи онҳо моҳирона таъсир мерасонанд. Муҳандисону духтурон ва тамоми мутахассисоне, ки масъалаҳои боэътимодии амалу рафтори хешро ҳаллу фасл менамоянд, онро сарфи назар карда наметавонанд.

Ҳаёту зиндагии имрӯза, тағйироту дигаргуниҳои қатъӣ дар тамоми соҳаҳо талаботҳои наву баландтареро ба инкишофи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоянд. Ба ин муносибат аҳамияти амалии психология боз ҳам меафзояд. Хулосаҳои психология аз ҷониби одамон дар фаъолияти серҷабҳаю доманадори онҳо ба роҳбарӣ гирифта мешаванд.

Психология, хусусиятҳои хоси шароитҳои ҳозираро ба эътибор гирифта, он сифатҳои рӯҳиеро муайян месозад, ки ба инсон вобаста ба ихтисос ва муносибати байниҳамдигарии ӯ бо дигар одамон баҳри амалу рафтори шоиставу дуруст дар ҳаёти имрӯза хеле заруранд. Донистани ин сифатҳо ба инсон кӯмак мерасонад, ки воқеияти атроф ва муҳити зистро беҳтар дарк созад ва фаъолияти ҳаётии худро мақсаднoктару ҳадафмандтар ташкил намояд.

Ҳар як роҳбар аз рӯйи вазифаи хеш бо ҳамкоронаш робитаи доимӣ ва ногусастанӣ дорад. Барору комёбиҳои кор бо онҳо на танҳо аз таҷриба, донишҳои касбии ӯ, балки аз маҳорати фаҳмида тавонистани ҳар як корманд дар алоҳидагӣ ва дар он умумияте вобаста мебошад, ки коллективро ташкил медиҳанд.

Роҳбар бояд ҳамкорони худро амиқу ҳаматарафа биомӯзад, вале ҷиҳатҳои фардӣ ва хусусиятҳои коллективҳоро дар раванди кор, омодагии ахлоқию рӯҳӣ ба кор низ ба назар гирад. Ба чунин вазъу шароите бояд муваффақ шуд, ки онро бо ҳамкорон ташкил карда, ҳар як роҳбар равшану возеҳ бифаҳмад, ки корманд дар раванди фаъолият бо чӣ гуна озмоиши нави ахлоқию маънавӣ, ҷисмонию рӯҳии идрок дучор меояд, бо чӣ гуна дониш, маҳорату малакаҳои касбӣ ва сифатҳои рӯҳию маънавӣ барои иҷрои вазифаи касбии хеш дар назди ҷамъият ба кор ҳозир мешавад.

Масъалаи булуғият асосан аз синни 18-солагӣ, вақте оғоз меёбад, ки шахс «шиноснома» мегирад, аз нуқтаи назари ҷисмонӣ, маънавию рӯҳӣ ва фаъолияти меҳнатӣ омода мешавад, узви комилҳуқуқи ҷомеа мегардад, аз ҷиҳати моддӣ худро мустақилона таъмин менамояд, ақди никоҳ мебандад, метавонад интихоб кунад ва интихоб шавад...

Вале дар шароитҳои зиндагии мо дар оила аксар вақт мушкилоту душвориҳо ба амал меоянд, аз ин рӯ, мушоҳида мегардад, ки наврасони тақрибан 14-16 - сола ба фаъолияти меҳнатӣ шурӯъ мекунанд.

Ба ин муносибат китобе, ки манзури хотири хонандагони гиромиқадр мегардад, фарогири «психологияи» калонсолон мебошад. Дар ин рисола муаллифҳо баҳри амалӣ гардондани принсипҳое кӯшиш ва саъю талош менамояд, ки онҳо шууру идрок, муносибату рафтор ва кору фаъолиятро ба ҳам мепайванданд ва ба фаҳмиши калонсолон комилан мувофиқанд. Вазифаи асосие, ки мусаннифҳо пайгирӣ менамоянд, роҳнамун сохтани хонандагон ба фаҳмиши дурусти моҳияти равандҳои рӯҳиёт ва зуҳуроти фарогири онҳо, истифодаашон дар зиндагии ҳаррӯза ва фаъолияти меҳнатӣ маҳсуб мегардад. Ҳангоми баёни маводи амалӣ муаллифҳо пайваста баҳри он ҷаҳду ҷадал менамоянд, ки принсипи ягонагии психологию физиологӣ (ба ин муносибат масъалае, ки ба системаи асаб ва майна бахшида шудааст, васеътар муоина карда мешавад), инчунин принсипи детерминизми материалистӣ – сабабияти вобастагии калонсолон низ ба асос гирифта шавад. Ғайр аз ин, дар китоб мусанниф ба асос гирифта шавад. Ғайр аз ин, дар китоб мусаннифҳо ба масъалаҳои психологияи иҷтимоию касбие диққати ҷиддӣ медиҳанд, ки ба омодагии ҷисмонию рӯҳии инсон ба ин ё он фаъолият дахл доранд. Мувофиқи талаботи рушду инкишофи психологӣ дар рисола қонуниятҳои психологии ягонагии шууру идрок, рафтору муносибат ва кору фаъолият, ҳамзамон принсипҳои чунин низоми баёни мавод, ба мисли муоинаи масъалаҳои психологияи равандҳои маърифатӣ (ҳиссиёту таассурот, идроку диққат, хотираю тафаккур ва тасаввуроту тахайюлот) муфассал таҳлил ва баён карда мешаванд. Инчунин бояд хотирнишон сохт, ки иродаю хислат, мизоҷу табъ ва қобилияту истеъдод дар синни балоғату камолот ва фаъолияти ҳаётии инсон ҳангоми шароитҳои дахлдори ҳаёт оғоз мeёбанд ва истифода мегарданд, ки ба инкишофи равандҳои психологии калонсолон мусоидат мекунанд.

Дар ин рисола масъалаҳое, ки ба методҳои истифодаи равандҳои психологӣ ва зуҳуроти фаъолияти амалию

муошират бо дигар одамон бахшида шудаанд, ҷою мавқеи муайянро ишғол менамоянд. Илова бар ин, дар китоб раванди ворид гардидани инсон ба ҳаёт ва фаъолияти мустақилона низ мавриди муоина қарор мегирад.

Психологияи бача аз психологияи калонсолон чӣ фарқ дорад?

Таҳти мафҳуми калонсол мо инсонеро дар назар дорем, ки намояндаи ҷамъият, синф ва коллективи муайяне маҳсуб мегардаду ба шакли мушаххаси фаъолият машғул мебошад, инчунин муносибати хешро ба атрофиён дарк месозаду хусусиятҳои фардии худро дорад. Нишонаю аломатҳои махсуси одами калонсол инҳоянд: Худоғоҳӣ, фардият, худтанзимсозӣ, боғайратӣ дар фаъолияти ҷамъиятию меҳнатӣ, ки дар фаъолияти мушаххас ва воруд ба низоми муносибату робитаҳои ҷамъиятӣ ифода меёбанд. Василаи мафҳуми калонсол дар айни замон инсон – фарди боидроку бошуурero ном мебаранд, ки дар ҷомеа мавқеъ ва мақоми аниқ дошта, нақши муайяни ҷамъиятиро ба ҷо меорад. Дар ин китоб аз хусуси ҳамин ва дигар хусусиятҳои психологӣ, фаъолияти касбию ҳаётии калонсолон ва муносибату рафтори онҳо сухан меравад.

# ПАЙДОИШИ ПСИХОЛОГИЯ ВА ИНКИШОФИ ТАЪРИХИИ ОН

## Мухтасар дар бораи психологияи миллӣ

Аз замонҳои қадимтарин мафҳумҳои «рӯҳ», «ҷон», «дониш», «маърифат», «рафтору кирдор», «хулқу атвор», «идроку фаҳмиш», «муносибату муошират» ва амсоли инҳо, ки имрӯз «психология» номида мешаванд, яъне тамоми равандҳои психологӣ ва хислату хусусиятҳои инсон дар афсонаҳои халқӣ ва мақолу зарбулмасалҳои мардуми тоҷик дучор меоянд.

Дар адабиёти классикӣ мафҳумҳои ҷону рӯҳ, шууру идрок, рафтору кирдор, муносибату муошират байни одамон васеъ истифода бурда мешавад.

Бад-ин тариқ, мафҳуми ҷамъбастии «Равоншиносӣ» пайдо шуд, ки имрӯз «психология» номаш мебаранд. Масалан, дар чунин асарҳо, ба мисли «Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ Насруллоҳ, «Рӯшноинома» ва «Саодатнома»-и Носири Хусрав, «Қобуснома»-и Унсурмаолӣ Кайковус, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насриддини Тусӣ, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайни Воизи Кошифӣ», «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва амсоли инҳо ба ин масъала таваҷҷи зиёде зоир карда мешуд.

Бояд қайд кард, ки инкишофи минбаъдаи психологияи миллӣ баъдан дар адабиёти имрӯза ҷову мақоми худро то ҳол наёфт.

## Пайдоиши калимаи «психология»

Ном ва аввалин таърифи психология ба илми асотиршиносӣ робитаи зичу ногусастанӣ дорад ва маҳз ба шарофати он ба мо маълуму дастрас аст. Эрот, писари Афродит, ба зани ҷавони бағоят соҳибҷамолу париваш – Психей ошиқи шайдо мешавад. Афродит норозӣ буд, ки писари ӯ, Худо – аҳли малакут, мехоҳад қисмати худро бо инсони муқаррарии миранда бипайвандад ва тамоми ҷидду ҷаҳдашро ба он сафарбар намуд, ки дилбохтагонро аз ҳам

чудо созад, аз ин рӯ, Психейро маҷбур кард, ки аз як қатор санҷишҳо бигзарад. Вале ишқу муҳаббати Психей чунон пурнур ва саъю кӯшиши аз нав мулоқот карданаш бо Эрот чунон бузург буд, ки ин ба худоён таъсир расонд ва онҳо қарор доданд ба ӯ ёрӣ бирасонанд, то ки тамоми талаботҳои Афродитаро иҷро намояд. Ба Эрот, дар навбати худ, муяссар гардид, ки Зевс – Худои олимақоми юнониёнро бовар кунонад, ки *Психейро ба олиҳа (маъбуда)* табдил диҳад ва ӯро ҷовидонӣ бигардонад. Бад-ин тариқ, дилдодагон абадан ба ҳам пайвастанд.

Барои юнониён ин асотир намунаи классикии ишқу муҳаббати ҳақиқӣ, василаи олии амалӣ гардондани садоқату меҳрубонии инсонӣ маҳсуб мегардид. Аз ин рӯ, Психей – инсони мирандае, ки абадият ва фанонопазирӣ дарёфт, рамзи рӯҳу ҷон ва меҳру вафо гардид, ки идеали худро меҷуст. Он чи ки ба калимаи «психология» дахл дорад, пас он аз калимаҳои «психе» (рӯҳ) ва «гос» (таълимот, илм) ташкил гардида, бори нахуст танҳо дар асри ХУIII дар асари философи немис Христиан Волф мавриди истифода қарор гирифт.

Барои он ки роҳи рушду инкишофи психологияро ҳамчун илм боз ҳам равшану аниқтар тасаввур намоем, марҳала ва самту равияҳои асосии онро мухтасар дида мебароем.

Аввалин тасаввурот дар бораи «психика» бо анимизм (аз калимаи лотинии «анима» - рӯҳ, ҷон) - қадимтарин ақидае алоқаманд мебошад, ки мувофиқи он ҳама мавҷудоти оламро ҷондор мепиндоштанд. Ҷон (рӯҳ) ҳамчун моҳияти новобаста аз ҷисме фаҳмида мешуд, ки мавҷудоти зиндаю ғайризиндаро идора мекард.

Баъдтар дар таълимотҳои фалсафии дунёи қадим масъалаҳои ҷиҳату ҷанбаҳои психологӣ бардошта мешуданд, ки онҳо аз нуқтаи назари идеалистӣ ё материалистӣ ҳаллу фасл мегардиданд.

Масалан, материалистон – файласуфони замони атиқа Демокрит, Лукретсий, Эпикур ҷони (рӯҳи) инсонро ҳамчун як навъи материя, чун ташкилаи ҷисме медонистанд, ки аз хурдтарин ва серҳаракаттарин зарраҳои куррашакли атом иборат мебошад.

Мувофиқи ақидаи як файласуфи Юнони қадим, ки шогирд ва пайрави Суқрот буд, - ҷон (рӯҳ) ягона чизи илоҳиест, ки аз ҷисм фарқ мекунад ва он пеш аз он ки бо ҷисм пайваст шавад, вуҷуд дорад. Он тимсол ва мурури рӯҳи ҷаҳонист. Ин мабдаи мастуру маҳҷуб, иртифоъу олӣ, илоҳию абадӣ мебошад. Рӯҳу ҷисм ба якдигар дар муносибати мураккаби ҷониббайн қарор доранд. Аз рӯйи баромаду пайдоиши илоҳии худ рӯҳ бояд ҷисмро идора намояд, ҳаёти инсонро ба роҳ монад. Вале баъзан мафҳуми охирин онро занҷирбанд месозад. Ҷисм бо вуҷуди майлу хоҳиш, шавқу рағбат ва орзуву ҳаваси мухталиф дар бораи хурду хӯрок, ризқу рӯзӣ гамхорӣ менамояд, ба беморию ранҷурӣ, ваҳшату даҳшат, биму ҳарос, дилкашолию васваса гирифтор мешавад. Зуҳуроти рӯҳиро Афлотун ба ақл, мардонагӣ (ба фаҳмиши имрӯза – ирода) ва нафсоният ҷудо мекунад.

Ақл дар асар, мардонагӣ дар сина ва нафсоният (шаҳвоният) дар холигоҳи (маҳватаи) шикам ҷойгир мешавад. Ягонагии мутаносиби мабдаи оқилона, шавқу рағбат ва нафсонияти хубу фоидабахш ба ҳаёти рӯҳии инсон мукаммалӣ мебахшад. Равон дар ҷисм ҷойгир аст ва онро дар тӯли тамоми ҳаёти инсон идора мекунад, баъди марг бошад, варо тарк месозад ва ба «олами ғояҳои» илоҳӣ ворид мегардад. Азбаски он аз ҳама чизе ки дар инсон ҳаст, олитар маҳсуб мегардад, бояд, назар ба ҷисм, дар бораи саломатӣ бештар ғамхорӣ намояд. Вобаста ба он ки инсон чӣ гуна тарзи ҳаёт мегузаронад, баъди маргаш ҷонро қисмати гуногун интизор мебошад: он ё дар наздикии Замин овораю сарсон мегардад ва ё ба олами идеалӣ, ба олами ғояҳое парвоз менамояд, ки берун аз материя ва берун аз шуури фардӣ вуҷуд дорад.

Файласуфи бузург Арасту дар рисолаи «Дар бораи рӯҳ» психологияро ҳамчун соҳаи махсуси дониш ҷудо кард ва нахустин бор ғояи ҷудонопазирии ҷонро аз ҷисми зинда ба миён гузошт. Арасту ақидаи ба рӯҳ ҳамчун ба модда назар карданро рад менамуд.

Дар айни замон ӯ ҷудо аз материя (ҷисмҳои зинда) муоина кардани онро имконпазир намешумурд. Равон, ба ақидаи Арасту, беҷисм аст, он шакли ҷисми зинда маҳсуб

мегардад. Сабабу максад тамоми вазифаҳои ҳаётии он ба шумор меравад. Файласуфи аҳди қадим ғояи рӯҳро ҳамчун вазифаи ҷисм пешниҳод намуд, на чун ягон хориқаи зоҳирис нисбат ба он. «Психе» - ин муҳаррикест, ки ба мавҷудоти зинда имконият медиҳад худро амалӣ гардонад. Агар чашм мавҷудоти зинда мебуд, пас биниш равони он маҳсуб меёфт. Ҳамин тавр рӯҳи инсон хам – ин моҳияти ҷисми зинда, амалӣ гардондани он зиндагию ҳастӣ мебошад, чунин мешумурд Арасту. Вазифаи асосии он – амалӣ гардондани мавҷудияти биологии организм ба ҳисоб меравад. Маркази «психе» дар дил ҷойгир аст, ки ба он ҷо аз узвҳои эҳсос таассурот ворид мегардад. Онҳо манбаи ғояҳоеро ташкил медиҳанд, ки бар асари тафаккури мулоҳизакорона байни ҳамдигар пайваст гардида, рафтору муносибатро зери таъсири худ медоранд. Чунин кувваи ҳаракатдиҳанда сатъю кӯшиш (фаъолиятнокии ботинии организм) маҳсуб мегардад, ки бо эҳсосоти хурсандию хушнудӣ ё норизоию нохушнудӣ алоқаманд мебошад. Идроки ҳиссӣ мабдаи маърифатро ташкил медиҳад. Ҳифозат ва идроки таассурот хотираро эҷод мекунад. Тафаккур аз рӯйи тартиб додани мафҳум, фикру мулоҳиза ва хулосаҳо тавсиф карда мешавад. Шакли махсуси фаъолиятнокии фикрию зеҳнӣ ақл маҳсуб мегардад, ки дар шакли хиради илоҳӣ аз берун ворид карда мешавад. Бад-ин тарик, рӯҳ дар қобилияту имкониятҳои гуногуни фаъолият зоҳир мегардад: таъминкунӣ, эҳсоскунӣ ва оқилона. Имконияту қобилиятҳои олию аъло аз қобилияту имконоти муқаррарию ибтидоӣ ва дар заминаи онҳо ба вуҷуд меоянд. Қобилияти ибтидоии маърифатии инсон – таассурот шаклҳои ашёҳои эҳсосотан идрокпазирро бидуни материяи онҳо қабул мекунад. Таассурот дар шакли тасаввурот – тимсолҳои он ашёҳое, ки пеш ба узвҳои эҳсос таъсир мерасонданд, аз худ осору нишонае боқӣ мегузорад. Арасту нишон дода буд, ки ин тимсолҳо аз се ҷиҳат ба ҳам пайваст мегарданд: аз рӯйи монандию мушобиҳат, ҳамҷаворию қаробат ва мухолифату зиддият. Бад-ин васила, ӯ шаклҳои асосии робитаҳои байни зуҳуроти рӯҳиро нишон дода буд. Файласуфи атиқа чунин меҳисобид, ки идроки инсон танҳо тавассути маърифати фалакиёт ва тартиботи мавҷудаи он имконпазир мебошад. Бад-ин тариқ, дар

марҳалаи аввал психология ҳамчун илм дар бораи рӯҳ арзи ҳастӣ мекард.

Дар давраи асримиёнагӣ тасаввуроте устувор гардид, ки ҷон мабдаи илоҳӣ, фавқуттабиа мебошад ва бинобар ин омӯзиши ҳаёти рӯҳӣ бояд ба вазифаҳои фиқҳу илоҳиёт вобаста карда шавад. Ба таъсири муҳокимаю мулоҳизаи одамизод метавонад ҷиҳати зоҳирии равон бимонад, ки он ба олами моддӣ нигаронида шудааст. Бузургтарин ва олитарин розу асрори рӯҳ танҳо дар таҷрибаи динӣ (ирфонӣ) дастрасу фаҳмо мебошад.

Аз асри ХУII дар инкишофи донишҳои психологӣ марҳалаи нав оғоз мегардад. Ба муносибати рушду инкишофи илмҳои табиатшиносӣ, ба шарофати методҳои таҷрибавию амалӣ ба омӯзиши қонуниятҳои шуури инсон шурӯъ мекунанд. Психология ҳамчун илм дар бораи шуур тадриҷан инкишоф меёбад. Он аз рӯйи ҷаҳду талоши фаҳмидани олами рӯҳӣ, афзалан аз мавқеи умумифалсафӣ ва назарӣ, бидуни заминаи зарурии таҷрибавӣ, тавсиф карда мешавад. Р.Декард ба хулосае омад, ки дар байни рӯҳи инсон ва ҷисми ӯ тафриқаю тавофуте ҳаст: «ҷисм аз рӯйи табиати худ ҳамеша тақсимпазир аст, ҳол он ки рӯҳ тақсимнопазир мебошад». Вале равон қобил аст ва метавонад, ки онро ба ҳаракат дароварад. Ин ихтилофоти таълимоти дуалистӣ масъалаеро ба миён овард, ки психофизикӣ номида мешавад: равандҳои ҷисмӣ (физиологӣ) ва психологӣ (рӯҳӣ) дар инсон чӣ тавр байни худ алоқамананд? Декард дар асоси модели механикӣ назарияе ба вуҷуд овард, ки муносибату рафторро шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Мувофиқи он, иттилооте, ки узвҳои эҳсос дармеёбанд, тавассути асабҳои ҳиссӣ ба роғҳои мағзи сар фиристода мешаванд ва он ҷо ин асабҳо васеътар мегарданд ва ба «рӯҳи ҳайвоние», ки дар мағз ҷойгир аст, имконият медиҳанд василаи найчаяки бориктарину маҳинтарин – муҳаррики асабҳо – ба мушакҳое ҷорӣ гардад, ки онҳо дам мекунанд ва таранг мешавад. Ин водор месозад, ки дасту пое, ки мубталои барангезиш гардидаанд, ин ё он амалро рад мекунанд ва ё анҷом медиҳанд. Бад-ин тариқ, зарурати ба рӯҳ рӯ овардан аз байн меравад, то маънидод карда шавад, ки амалу кирдорҳои муқаррарии ахлоқӣ чӣ тавр ба

вуҷуд меояд. Декард ба консепсияи муносибату рафтор ва гояи марказии он рефлекс ҳамчун ҷавоби қонунии муҳаррики организм ба барангезиши зоҳирии ҷисмонӣ шакли детерминистӣ (сабабиятнокӣ) гузошт. Ин дуализми декартӣ ҷисм, ки ба таври механикӣ амал мекунаду онро «рӯҳи оқил» идора менамояд, дар мағзи сар маҳдуд карда шудааст. Бад-ин тариқ, мафҳуми «рӯҳ» тадриҷан ба «ақл» ва баъдтар бошад, ба «шуур» табдил меёбад. Таъбири машҳури декартӣ «Ман фикр мекунам – яъне, ман вуҷуд дорам», асоси постулате гардид, ки чунин ақидаро тасдиқ менамояд: аввалин чизе, ки инсон дар хештан дармеёбад, - ин шуури худи уст. Мавҷудияти ҳамин – далели асосию қатъӣ; ва ин шакли даркгардидаи психология аз он иборат аст, ки вазъу ҳолат ва мазмуну мӯҳтавои шуур мавриди таҳлил қарор дода шавад. Бо назардошти ҳамин постулат психология тадриҷан инкишоф ёфтаи гирифт ва предмети худи шуур гардид.

Ба ҷаҳду талоши аз нав ба ҳамдигар пайвастани ҷисму рӯҳ, ки онҳоро Декарт ҷудо карда буд, файласуфи голландӣ Б.Спиноза шурӯъ намуд. Ба ақидаи ӯ, мабдаи махсуси рӯҳонӣ нест, он яке аз зуҳуроти киёнои (материяи) тӯлонӣ мебошад.

Рӯҳу ҷисм аз рӯйи худи ҳамон як сабабҳои моддӣ муайян карда мешаванд. Спиноза чунин мепиндошт, ки ин нуқтаи назар имконият медиҳад зуҳуроти рӯҳӣ он қадар анику объективона муоина гардад, ки ҳамон андоза хат ва сатҳ дар геометрия дида баромада мешаванд.

**Тафаккур** – хусусияти абадии киёно (материя, табиат). Аз ин рӯ, ба дараҷаи муайян он ҳам ба санг, ҳам ба ҳайвонот ва ба андозаи хеле бештар – ба инсон хос мебошад ва дар шакл ақлу хирад ва иродаи ӯ зоҳир мегардад.

Файласуфи немис Г.Лейбнитс баробарии рӯҳу шуурро, ки Декард муқаррар карда буд, рад намуда, мафҳуми рӯҳиёти *бешуурона*ро ворид сохт. Дар рӯҳиёти инсон кори ниҳонӣ – «идроки (фаҳмидагирии) суст» сершумор беист идома меёбад. Майлу хохиш ва шавку рағбати бошуурона аз онҳо пайдо мешавад.

Истилоҳи «психологияи таҷрибавӣ» аз ҷониби олими рӯҳшиноси асри ХУIII немис Х.Волф баҳри нишон додани самтҳои илми психология ворид карда шудааст, ки принсипи

асосии он назорати зуҳуроти мушаххаси психологӣ, таснифоти онҳо ва муқаррар намудани робитаи қонунии дар таҷриба озмудашудаи байнашон маҳсуб мегардад. Файласуфи англис Ҷ.Локк рӯҳи инсонро ҳамчун як чизи ғайрифаъол, вале қобили дарки муҳит муоина менамояд ва онро ба тахтаи тозае муқоиса мекунад, ки дар он чизе навишта нашудааст. Он таҳти таъсири таассуроти ҳиссӣ барангехта мегардад ва бо гояҳои муқаррарӣ пур мешавад, ба андеша кардан, яъне эҷоди гояҳои мураккаб оғоз менамояд. Ба забони илми психология Локк мафҳуми «ассотсиатсия - робитаҳои байни зуҳуроти психологиро ворид намуд, ки мубрамсозии яке аз онҳо боиси ба вуҷуд омадани дигараш мегардад. Психология ба тадриҷ онро меомӯхтагӣ шуд, ки инсон бо ёрии ассосиатсия чӣ тавр олами атроф ва муҳити зистро дарк мекунад. Омӯзиши муносибати байниҳамдигарии рӯҳу ҷисм дар ин сурат ҷойи диққату таваҷҷӯҳро қатъиян ба фаъолияти зеҳнӣ ва шуур медиҳад. Локк чунин меҳисобид, ки ду манбаи тамоми донишҳои инсонӣ вуҷуд дорад: якум – ин объектҳои олами берунӣ, дуюм – эҳсосоти ботинӣ – реклексия. Он, ба ақидаи Локк, «назорати ақл ба фаъолияти худ»; ин равонасозии диққату таваҷҷӯҳи инсон ба фаъолияти рӯҳи хеш арзёбӣ мегардад. Нуқтаи назари охирин метавонад дар ду сатҳ ҷараён гирад: раванди якуми онхо – идрок, фикру андеша, майлу хоҳиш (онҳо ҳатто дар ҳар як кӯдак ҳастанд); равандаи дуввум – назорат ё «мушоҳидаи» ин идрок, тафаккур ва майлу хоҳиш маҳсуб меёбад (ин танҳо дар одамони баркамоле ҳаст, ки дар бораи худии худ фикру мулоҳиза мекунанд, таассуроту ҳиссиёт ва ҳолати рӯҳии хешро дарк менамоянд). Ин методи худмушоҳидагарӣ воситаи муҳими омӯзиши фаъолияти фикрию зеҳнӣ ва шуури одамон мегардад.

Ба илми мустақил ва алоҳида ҷудо шудани психология дар солҳои 60-уми садаи XIX ба вуқӯъ пайваст. Он бо ташкилу бунёди муассисаҳои махсуси илмию таҳқиқотӣ алоқаманд буд: лабораторияю пажӯҳишгоҳҳои психологӣ, кафедраҳо дар мактабҳои олӣ, инчунин ҷорӣ намудани таҷриба барои омӯзиши зуҳуроти психологӣ. Варианти нахустини психологияи таҷрибавӣ ҳамчун фанни мустақилу

[illegible] илми психологияи физиологии олими немис В.Вундт маҳсуб мегардид. Соли 1879 Вундт дар Лейпсиг [illegible] дар ҷаҳон лабораторияи *таҷрибавии психологӣ* кушод.

Дере нагузашта, соли 1885 В.М.Бахтерев ҳамин гуна лабораторияро дар Россия созмон дод.

Дар соҳаи шуур, андеша меронд Вундт, сабабияти махсуси рӯҳӣ амал мекунад, ки таҳқиқоти объективии онҳоро талаб менамояд. Шуур ба сохторҳои рӯҳӣ ва унсурҳои оддитарин ҷудо карда шуда буд: таассурот, тимсолҳо ва эҳсосот. Нақши психология, ба ақидаи Вундт, аз он иборат аст, ки ҳар қадар мумкин бошад, тавсифи аз ҳама муфассалтари ин унсурҳо дода шавад. «Психология – ин илмест *дар бораи сохторҳои шуур»*. Ин равияро муносибату рафтор ва ё *ҷараёни структуралистӣ* меномиданд. Ҳамчунин методҳои худмушоҳидагирӣ ва худназоратсозӣ низ истифода мегардид.

Кисе аз психологҳо таассурот, ҳолати ҳиссӣ, андешаю тафаккур, фикру хаёл, хотираю ёддошт ва майлу хоҳишро ба ҳам муқоиса карда буд – ҳамаи ин метавонад дар як вақт дар шуур воқеъ гардад. Дар он соҳаи комилан равшану возеҳ - «доираи таваҷҷӯҳ» ва «маркази шууур» ҷудо карда мешавад; берун аз доираи он дигар мазмуну мӯҳтаво - «канораҳои ғайримарказии шуур» воқеъ гардидаанд, ки хираю норавшан, мубҳаму номуайянанд ва тақсиму ҷудо карда нашудаанд. Мазмуну мӯҳтавои шуур, ки ҳардуи ин соҳаҳоро пурраю мукаммал месозад, тағйирпазир мебошад.

Таҷрибаҳои Вундт бо зарбсанҷ нишон доданд, ки қарсакзаниҳои якоҳангаю якхела ва идроки инсон беихтиёрона мазмуну вазндор карда мешаванд, яъне шуур аз рӯйи табиати худ мавзун аст, илова бар ин ташкили назму вазн метавонад ҳам беихтиёронаю бешуурона ва ҳам худраъёнаю озодона сурат бигирад. Вундт кӯшиш мекард, ки чунин тавсифи шуур, ба мисли ҳаҷми онро низ биомӯзад. Таҷриба нишон дод, ки қатори иборат аз 18 зарбаи дутогӣ (ё иборат аз 16 онҳои алоҳида) ченаки чунин ҳаҷм маҳсуб мегардад. Олим чунин меҳисобид, ки психология бояд унсурҳои шуурро дарёбад, кашф созад, тасвири мураккаби динамикии онро ба ҷузъҳои оддию муқаррарӣ, баъдан тақсимнопазир ҷудо

созад. Вундт таассурот ё эҳсосоти ҷудогонаро унсурҳои оддитарини шуур эълон кард. Инҳо унсурҳои объективӣ маҳсуб мегарданд. Боз унсурҳои субъективӣ – ҳушу ҳиссиёт низ ҳастанд. Муҳаққиқи немис се ҷуфт унсурҳои субъективиро пешниҳод кард: хушнудӣ – нохушнудӣ, ҳаяҷоннокӣ – хотирчамъӣ, шиддатнокӣ-мӯътадилӣ. Аз мувофиқати онҳо тамоми эҳсосоти инсон ба вуҷуд меояд, масалан, хурсандӣ – ин хушнудӣ ва ҳаяҷоннокӣ; умед – хушнудӣ ва шиддатнокӣ; тарс – нохушнудӣ ва шиддатнокӣ.

Вале гояи ба унсурҳои оддитарин ҷудо кардани рӯҳ ғалат ва бардурӯғ баромад, аз унсурҳои муқаррарию оддӣ фароҳам овардани ҳолати мураккаби шуур коре будааст имконнопазир. Аз ин рӯ, дар асри XX ин психологияи шуур амалан мавҷудияти худро қатъ кард. Акнун ба хусусиятҳои **муносибату рафтори функсионалӣ** дахл мекунем. Рӯҳшиноси амрикоӣ У.Ҷеймс омӯхтани вазифаи шуур ва нақши онро дар зинда мондани инсон пешниҳод намуд. Ӯ фарзияе ба миён гузошт, ки зинда мондани инсон аз он иборат аст, ки ба одам имконият дода шавад, то ба вазъу ҳолатҳои гуногун мутобиқ гардад.

Ин ё ҳангоми такрори шаклҳои муносибату рафтори аллакай тайёр, ё дар вақти тағйирёбии онҳо вобаста ба вазъу ҳолатҳо ва ё дар сурати азхудсозии амалу рафторҳои нав, агар инро вазъият талаб намояд, ба вуқуъ мепайвандад. Функсионалистҳо тасдиқ мекунанд, ки «Психология – ин илмест дар бораи вазифаҳои шуур». Онҳо методҳои худмушоҳидагарӣ, қайду тақрири вақтеро, ки ба ҳаллу фасли вазифаю масъала сарф мегардид, истифода мекарданд.

Ҷеймс таҳти мафҳуми «ҷараёни шуур» ҳаракати он, тағйироти муттасилу беисти мазмуну мӯҳтаво ва вазъу ҳолатҳои варо инъикос мекард. Равандҳои шуур ба ду синфи калон ҷудо мешаванд: баъзеҳояшон як навъ беихтиёрона, худ ба худ ба амал меоянд, дигарҳояшон бошанд, аз ҷониби инсон ташкил ва идора карда мешаванд. Аввалинҳо – беихтиёронаю бешуурона, дуюмиҳо – ихтиёрию озодона номида мешаванд.

Физиологи рус И.М.Сеченов, муаллифи яке аз барномаҳои *ташкили психология* ҳамчун илми мустақилу алоҳида дар ташаккули психологияи илмӣ саҳми муносибу

ирсоли гуфт. Дар китоби «Рефлексҳои мағзи сар» равандҳои асосии психологӣ шарҳу тавзеҳи физиологӣ пайдо мекунанд. Тарҳу нақшаи онҳо ҳамон таврест, ки аз они рефлексҳост: онҳо аз таъсири берунӣ сарчашмаю ибтидо мегиранд, дар фаъолияти марказии асаб идома меёбанд ва бо фаъолияти ҷавобӣ – ҳаракат, амалу рафтор ва нутқу сукунат анҷом меназиранд. Сеченов василаи чунин шарҳу тафсир сахт кӯшиш мекард, ки психологияро аз доираи олами ботинии инсон «кашида гирад».

Г.И.Челпанов дар таърихи психология ҷою мақоми муҳимму арзанда дорад. Хидмати асосии ӯ аз он иборат аст, ки дар Россия Донишкадаи психологӣ таъсис дода шуд (соли 1912). Равияи таҷрибавиро дар психология, ки истифодаи методҳои объективии таҳқиқотро дар назар дошт, В.М.Бехтерев инкишоф дод. Ҷидду ҷаҳди И.И.Павлов ба омӯзиши робитаҳои шартию рефлексӣ дар фаъолияти организм нигаронида шуда буд. Кори ӯ ба фаҳмиши асосии физиологии фаъолияти психологӣ таъсири самарабахш расонд.

Дар ибтидои асри XX **психоанализ ё фрейдизм** пайдо шуд. З.Фрейд ба психология як қатор мавзӯъҳои муҳимро дохил кард: сабабияти бешуурона, механизми муҳофизи рӯҳ, нақши шаҳватпарастӣ дар он, таъсири зарбаи рӯҳии кӯдакӣ ба амалу рафтори синни баркамолӣ ва амсоли инҳо. Вале чандикай шогирди наздиктарини ӯ ба хулосае омад, ки на таъсири шаҳватпарастӣ худ ба худ, балки эҳсосоти паст ва зарурати пур кардани ҷойи ин иллат (А.Адлер), ё беҳисону бечунони (архетипҳои) коллективие, ки дар худ таҷрибаи умуминсониро муттаҳид кардаанд (К.Юнг), инкишофи рӯҳии шахсиятро *муайян мекунанд.*

Нуктаю ниҳодҳои асосии фрейдизмро мо дар бобҳои минбаъда дида мебароем.

Равияи психологӣ ба омӯзиши равандҳои даркнопазири рӯҳӣ рӯ овард. Онҳоро метавон ба ду синфи калон ҷудо кард: якум механизмҳои даркнопазири амалу рафторҳои бошуурона (амалу рафтори беихтиёронаи даркнопазир ва олатҳои малакаҳои автоматонидашуда, зуҳуроти нуктаю ниҳодҳои даркнопазир); дуввум – барангезандагону подоршавандагони даркнопазири амалу рафторҳои

бошуурона (маҳз ҳаминро Фрейд боғайратона таҳқиқ кард). Импулсҳои соҳаи беҳиссии рӯҳ (шавқу рағбат, майлу хоҳиш ва ҳиссиёти танғ карда баровардашуда) ба амалу рафтор ва вазъу ҳолати инсон таъсири пурзӯр мерасонанд, агарчи ӯ инро пайхас ҳам намекунад. Инсон аксар вақт худаш намедонад, ки барои чӣ ягон кор ё амалеро иҷро мекунад.

Беҳушон бо душворӣ ба ҳуш меоянд, ба сабаби кори ду механизм – тангкардабарорӣ ва муқовимат даркнопазир боқӣ мемонанд. Ҳуш (шуур) ба онҳо муқобилат мекунад, яъне инсон дар он тамоми ҳақиқатро дар бораи худаш роҳ намедиҳад. Аз ин рӯ, тасаввуротҳои бешуурона, нерӯи бузурги энергетикӣ дошта, ба ҳаёти бошууронаи фард зӯран ворид мегарданд ва шакли таҳрифӣ ё рамзӣ мегиранд (се шакли зуҳуроти хоби бешуурона – амалу рафторҳои барғалат (шарҳу тавзеҳ ва саҳви сухан, ғалату иштибоҳ, аз хотиру ёд баровардани ашёҳо), аломату нишонаҳои асабоният).

К.Хорни, Г.Салливан ва Э.Фромм – ислоҳотгарони психоанализ, ки Фрейд пешниҳод карда буд (фрейдистони навбаромад), баҳри пайвастани моҳияти асоси бешууронаи рӯҳи инсон бо шароитҳои иҷтимоии ҳаёти ӯ ҷаҳду талош мекарданд. Инсонро на танҳо ангезаҳои биологӣ, пешакӣ муқарраргаридаи бешуурона, балки шавқу рағбати андӯхтаи беҳиссию беҳушӣ ва худаамалисозӣ (Хорни), тимсолҳои худ ва дигарон, ки дар айёми кӯдакӣ ба вуҷуд омадаанд (Салливан), таъсири сохторҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа (Фромм) низ ба ҳаракат меоваранд.

Намояндагони ***психологияи когнитивӣ*** У.Найссер, А.Пайвио ва дигарон ба муносибату рафтори субъекти дониш (аз калимаи лотинии cognition – дониш) нақши ҳалкунанда ҷудо мекунанд. Масъалаи ташкили дониш ва хотираи субъект, таносуби қисматҳои забонию шифоҳӣ ва образноку бадеӣ дар равандҳои баёдгирию тафаккур (фикркунӣ) масъалаи марказӣ мекардад.

**Мақсади шахсият** – на талабот ва ниёзу ҳоҷати якхелаю якранга, чунонки психоанализ ҳамин тавр мешуморад, балки худамалисозӣ, худмубрамсозӣ, афзудани мабдаи қобили қабули «Мани» инсонӣ маҳсуб мегардад. Инсон барои олам дастрас аст, баҳри инкишофу худамалисозии беисту

муттасил қудрату нерӯи зиёд дорад. Ишқу муҳаббат, эҷодкорӣ, инкишофу камолот, сарватҳои олӣ, мақсаду манфиат, ақлу хирад – талаботҳои бунёдии инсон маҳз аз рӯйи ҳамин ва мафҳумҳои ба инҳо наздик тавсиф карда мешаванд.

Чи тавре ки В.Франкл, муаллифи консепсияи логотерапия, қайд мекунад, ҳангоми надоштан ё аз даст додани шавқу рағбат ба ҳаёт инсон зиққию дилтангӣ ҳис мекунад, ба иллату нуқсон мубтало мегардад, ӯро нокомиҳои мушкилу гароне пеш меоянд.

*Психологияи равонии диниро* низ метавон соҳаи махсуси психологияи инсонпарварона баршумурд. Маҳдуд кардани предмети психологияро василаи зуҳуроти ҳаёти маънавӣ ғайриқонунӣ ҳисобида, он ба соҳаи рӯҳ рӯ меоварад. Он қувваи худмуайянсозиест барои беҳдошту беҳбудӣ, қобилияти тақвиятбахшу рафъсози он чизест, ки раддy инкор карда мешавад. Зоҳидию рӯҳоният ба инсон барои ишқу муҳаббат, инсофу виҷдон, ҳисси вазифашиносию масъулиятнишосӣ роҳ мекушояд. Он ба ӯ кӯмак мерасонад, ки бӯҳрони бехатарию амният, ботилияту хаёлияти мавҷудияту ҳастиро рафъ созад.

## Рӯҳ ҳамчун объекти таҳқиқоти психология

Психология роҳи тӯлонии рушду инкишофро тай кард, дар айни ҳол дарку фаҳмиши субъект, предмет ва мақсаду ҳадафҳои он низ тағйир ёфт.

**1. Психология ҳамчун илм дар бораи рӯҳ.** Чунин таъриф бештар аз 2 ҳазор сол пеш ба миён омада буд. Тамоми зуҳуроти номафҳумро дар ҳаёти инсон кӯшиш мекарданд, ки аз рӯйи мавҷудияти рӯҳ маънидод намоянд.

**2. Психология ҳамчун илм дар бораи шуур.** Психология ҳамчун илм ва шуур дар асри ХУII ба муносибати инкишофи илмҳои табиатшиносӣ ба вуҷуд меояд. Лаёқату қобилияти фикру мулоҳиза, дарку эҳсос кардан ва майлу рағбат доштанро шуур меномиданд. Методи асосии омӯзиш ба худии худ муоинаю назорат кардани инсон ва тасвиру тавсифи ҳақиқату далелҳо ба шумор мерафтанд.

**3. Психологияи ҳамчун илм дар бораи рафтор.** Психология ҳамчун илм дар бораи рафтор дар асри XX пайдо мешавад. Вазифааш – гузаронидани таҷрибаҳо ва муоинаю назорат ба он, ки чӣ чизро бевосита метавон дид, шояд маҳз бевосита рафтор, махсусан рафтор, кирдору амал ва аксуламалу таассури инсонро мумкин аст эҳсос ва дарк кард (сабабҳое, ки рафтору кирдорро ба вуҷуд меоваранд, ба назар гирифта намешуданд).

**4. Психологияи ҳозиразамон** – илмест, ки қонуниятҳои объективӣ, зуҳурот ва механизмҳои рӯҳро меомӯзад.

Ин соҳаи донишро ҳамчун *таҳқиқоти илмии рафтору кирдор ва равандҳои ботинии рӯҳию истифодаи амалии донишҳои андӯхта* таъриф, муайян ва муқаррар мекунанд.

## Вазифа ва ҷойи психология дар низоми илмҳо

Вазифаҳои психология асосан аз инҳо иборатанд:

- омӯхтани фаҳмидану дарк кардани моҳияти зуҳуроти рӯҳӣ ва қонуниятҳои онҳо;
- омӯхтани идора кардани онхо;
- истифодаи донишҳои андӯхта, то ки самаранокии фаъолияти одамон дар соҳаҳои гуногуни амалӣ баланд бардошта, ҳамчунин солимии рӯҳӣ, қаноатмандию рӯҳбаландӣ ва саодату хушбахтии инсон дар ҳаёти харрӯза таҳким бахшида шавад;
- асоси назариявии амалияи хадамоти психологӣ будан.

Психология мазмуну мӯҳтавои ботинии зуҳуроти субъективӣ (рӯҳӣ), равандҳо ва ҳолатҳоеро, ки худи инсон дарк мекунад ё намекунад, инчунин рафтору кирдори ӯро муоина менамояд; он қонуниятҳои объективӣ ва зуҳуроти рӯҳиро меомӯзад.

Рӯҳро ба таври анъанавӣ ҳамчун ***хусусияти материяи зиндаи олиташкиле таъриф мекунанд, ки дар лаёқату қобилияти тавассути ҳолатҳои худ инъикос кардани олами объективии атроф ва равобиту муносибатҳои он зоҳир мегардад.***

Мувофиқан он худ микрооламе (олами ҷисмҳои хурд) мебошад, ки дар он микроолам дар худайниятӣ фишурда, маҳдуд ва ғун мешавад ва бад-ин тариқ, ғайриэҷобияти

хешро гум мекунад. Он чизе, ки дар табиат мустақил аст, дар рӯҳ то дараҷаи сифатҳои муқаррарию оддие мерасад, ки аз онҳо ягонагии рӯҳӣ ба амал меояд. Албатта, дар ҳаёти табиӣ онҳо шабеҳу эквивалентҳои худро доранд, ки на танҳо аз якдигар ҷудоянд. Ва дар ҳамин аст тафриқаю тафовути асосии сифатҳои табиӣ аз рӯҳӣ. Дар чунин маврид мегӯянд, ки сифатҳои табиӣ дар рӯҳи организм, ҷисми органикӣ ҷойгир ва устувор мегарданд.

Рӯҳ чунин ҷавҳару моҳиятест, ки дар он гуногуншаклии табиат дар ягонагӣ фароҳам меояд. Ин – табиати виртуалии газйиқӣ, инъикоси олами объективӣ дар равобиту муносибати он мебошад.

Одами солим дорои ҳарду қобилият мебошад – тазаккурӣ ва созандагӣ ва ин имконият медиҳад, ки воқеияти объективӣ самаранок дарк намуда, моҳияти ашёву ҳодисаҳо, робитаҳои ниҳонӣ, ҷиҳату хусусиятҳои аз ҳама умумию муҳимтарини онҳо муайян сохта, ҳама чизи сатҳию зоҳирӣ ва тасодуфӣ сарфи назар карда шавад. Бо чунин андешаронии (тафаккур) судбахшу пурсамар инсон ба чизу ашё, объекти берунӣ бепарвою бетафовут нест, балки ба онҳо шавқу рағбати зиёд ва робитаи ногусастанӣ дорад. Вале тафаккури (фикрронии) самарабахшу судманд боз аз рӯйи объективият, ҳурмату эҳтиром ба объекти худ, қобилияти дидани он чунон, ки воқеан ҳам ҳамон тавр аст, на чи хеле ки андешарон мехоҳад, тавсиф карда мешавад Меъёри возеҳию саҳеҳӣ ва дурустии инъикоси рӯҳии олами берунӣ бошад, чунон ки маълум аст, фаъолияти амалии инсон махсуб мегардад. Вале ин проблемаи психологӣ аллакай ба доираи умумифилософӣ – ба соҳаи меъёрҳои ҳақиқат мегузарад.

Бад-ин тариқ, рӯҳ – ин «тимсоли субъективии олами объективӣ», маҷмӯи эҳсосоту унсурҳои таҷриба, малакаю маҳорати ботинии субъект маҳсуб мегардад.

Онро метавон ин тавр ифода кард: ***рӯҳ – ин танҳо хусусияти системаи асаб, инъикоси махсуси кори он мебошад ё равон моҳияту мабдаи ба худ хос низ дорад?***

Алҳол ҳаминро метавонем бигӯем, ки рӯҳро танҳо ба системаи асаб мансуб донистан мумкин нест. Воқеан ҳам, узви охирин (ба ҳар ҳол, яке аз чунинҳо) рӯҳ ба шумор

меравад. Дар сурати вайрон шудани фаъолияти он рӯҳиёти инсон зарар мебинад.

Аз ин бармеояд, ки тавсифи равандҳои рӯҳие, ки василаи ақл амалӣ гардонда мешаванд, танҳо аз қонуниятҳои кору амали он маншаъ намегиранд. Тасаввурот дар бораи мустақилии равандҳои рӯҳӣ ва физиологие, ки дар назарияи мутавозияти рӯҳию физиологӣ устувор мегардад, бо ҳамин маънидод карда мешавад. Мувофиқи он, онҳо ду қатори зуҳуротеро пешниҳод мекунанд, ки звеноҳояшон ба ҳамдигар мувофиқат менамоянд, вале ин ду хати мувозӣ, ҳеҷ гоҳ якдигарро бурида намегузоранд ва ба ҳамдигар таъсир намерасоанд. Бад-ин тариқ, ***мавҷудияти «рӯҳе» пешниҳод мегардад, ки бо ҷисм алоқаманд ва пайваста мебошад, вале аз рӯйи қонунҳои худ зиндагӣ мекунад.***

Зуҳуроти психологӣ на бо қисмҳои ҷудогонаи майна, на бо равандҳои алоҳидаи нейрофизиологӣ, балки бо ташкилу ягонагии маҷмӯи онҳо муносибат дорад. Рӯҳ – ин сифати бонизоми майна мебошад; он ба шарофати низомҳои функсионалии серзинааш амалӣ гардонида мешавад, ки дар инсон дар раванди ҳаёт, вақте ки ӯ шаклҳои таърихан таркибёфтаи фаъолият ва таҷрибаи инсониро аз худ менамояд ва онҳоро дар фаъолияти рӯзафзуни худ татбиқ месозад, ташаккул меёбанд.

Дар ин ҷо мо бояд таваҷҷӯҳро боз ба як хусусияти муҳими рӯҳи инсон ҷалб намоем: он аз лаҳзаи таваллуди ӯ дар шакли тайёр дода нашудааст ва худ аз худ инкишоф намеёбад, агар инсон аз одамон ҷудо бошад. Он танҳо дар раванди муносибату муошират ва робитаи байниҳамдигарӣ рушду инкишоф меёбад. Бад-ин тариқ, сифатҳои хоси рӯҳ (шуур, нутқ, меҳнат) дар инсон танҳо дар раванди ҳаёт ташаккул меёбанд, вақте ки ӯ маданияту фарҳангеро, ки наслҳои пешин ба вуҷуд овардaнд, аз худ менамояд. Аз ин рӯ, ҳеҷ набошад, метавон се ҷиҳати таркибии рӯҳи инсонро ҷудо кард: олами берунӣ (зоҳирӣ), табиат, инъикоси он. Фаъолияти пурраю комили майна – робитаи байниҳамдигарӣ бо одамон, интиқоли фаъолонаи тамаддуни башарият, лаёқату қобилиятҳои инсоният ба насли наврас маҳсуб мегардад.

Инъикоси рӯҳии шумо аз рӯйи як қатор хусусиятҳо тавсиф карда мешавад: он имконият медиҳад, ки воқеияти атроф дуруст инъикос гардад, зимнан, ин василаи амалия дастгирӣ меёбад: худи тимсоли рӯҳӣ дар раванди фаъолияти рӯзафзуни инсон мукаммал мегардад, ташаккулу такмил меёбад; мақсаднокию ҳадафмандии рафтору фаъолиятро таъмин месозад; тавассути фардияти инсон мункасир мешавад; хусусияти инъикосӣ пайдо мекунад.

Вазифаи рӯҳ – инъикоси олами атроф, муҳити зист ва танзими рафтору фаъолияти шумо ба шумор меравад, то ки зиндамониатонро таъмин созад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло имконият медиҳанд, ки аҳамияти назариявии илми равоншиносӣ (психология) муайян карда шавад. В.И.Ленин онро ба ҷумлаи соҳаҳои донишҳое ворид мекард, ки дар заминаашон назарияи умумии маърифат (гносеология) ба вуҷуд меояд.

Равоншиносӣ қонуниятҳои фаъолияти рӯҳиро барои он меомӯзад, ки моҳирона ба он таъсир расонда шавад. Аз ин рӯ, аҳамияти психология дар тамоми шаклҳои фаъолияти амалии инсон бағоят бузург аст.

## Моҳияти сифати рӯҳ ва фаъолияти инсон

**Шуур** – шакли махсуси инъикос мебошад, ки сифати умумии тамоми вазифаҳои равонии инсон маҳсуб мегардад.

**Шакли олии рӯҳ** – натиҷаи ташаккули ҷамъиятию таърихии инсон дар фаъолияти меҳнатӣ ҳангоми муомила, муносибату муошрати доимӣ бо дигар одамон василаи забон мебошад.

***Шуур инҳоро фарқ мекунад:***

Детерминистияти шароитҳои иҷтимоӣ;

Дигаргунсозии эҷодии воқеият;

Хусусияти пешгӯёнаю пешбинонаи фаъолият;

Инъикоси олам дар равобиту муносиботи асосии он;

Мавҷудияти худшиносӣ.

***Меҳнат талаб мекунад:***

Истеҳсол ва истифодаи асбобу олат дар фаъолияти якҷоя;

***Пайдоиши забон.***

**Забон** - низоми аломатҳо/рамзҳо.

Забон фаъолияти бошууронаро тағйир медиҳад;

Тимсолҳои ботинии ашёҳо (ва сифати онҳо) ва амалҳо (ва муносибатҳои байни онҳо)-ро эҷод намуда, оламро «дар ҳайрат мегузорад»;

Хусусиятро ҳамчун воситаи тафаккур абстрактӣ мегардонад;

Ба тамоми инсоният ахбороту иттилоот медиҳад.

*Рафтори бошууронаю бешуурона* дар ягонагӣ амал мекунанд: дар доираи рафтори бошуурона танҳо як қисми сигналҳои воридотие мавҷуду маҳфузанд, ки барои идораи боидроконаи рафтору кирдор – ҳангоми интихоби стратегияи рафтору кирдор, ҷустуҷӯйи тарзу усулҳои нави қарору хулосаҳо ва ҳаллу фасли онҳо истифода карда мешаванд; сигналҳои дигар бошанд, баҳри танзими равандҳо, вале дар сатҳу дараҷаи бешуурона – барои танзими рафтору кирдоре хидмат мекунанд, ки бидуни иштироки бевоситаи шуур ҷараён меёбанд.

***Рафтори бешуурона дар ҳолатҳои зерин зоҳир мегардад:***

Зуҳуроти рӯҳӣ дар хоб;

Ҳаракатҳои беихтиёрона;

Баъзе барангезишҳои беидрокона;

Тасаввур ба барангезандагони беидрокона.

## Сохтори рӯҳи инсон

Рӯҳ аз рӯйи зуҳуроти худ басо мураккаб ва гуногуншакл аст. Се гурӯҳи калони зуҳуроти рӯҳӣ, маҳз чунин гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд:

Равандҳои рӯҳӣ;

Вазъияти равонӣ;

Хусусиятҳои рӯҳӣ.

**Равандҳои рӯҳӣ** – ин инъикоси пуртаҳарруки (динамикии) воқеият дар шаклҳои мухталифи зуҳуроти рӯҳӣ маҳсуб мегардад.

Он ба шаклҳои маърифатӣ (ба онҳо тааcсуроту идрок, тасаввуроту хотирот, тафаккуру хаёлот мансубанд), эҳсосотӣ

(ҳиссиёти фаъол ва ғайрифаъол) ва иродавӣ (қарору ҳукм, ичро, чидду чаҳди иродавӣ) чудо карда мешавад.

**Вазъияти равонӣ** – дар айни замон дарачаи муқарраргардидаи нисбатан устувори фаъолияти рӯҳӣ ё фаъолияти пасту сусти шахсият ба шумор меравад.

Ҳар як инсон ҳамарӯза вазъу ҳолатҳои гуногуни рӯҳиро эҳсос мекунад ва ё аз сар мегузаронад. Дар кадом як ҳолат кори фикрӣ ё чисмонӣ сабуку осон ва сермаҳсулу самарабахш чараён меёбад, дар ҳолати дигар бошад – хеле душвору мушкил ва ғайрисамарабахш.

### Аз ҳама бештар омӯхта шудаанд:

Вазъияти умумии равонӣ, масалан, таваччӯҳ, ки дар сатҳу дарачаи бодиққатии фаъол ё парешонхотирӣ зоҳир мегардад;

Ҳолати эҳсосотӣ ё кайфият (рӯҳияи зиндадилию ҳаётдӯстӣ, шодиву хурсандӣ, ғамгинию маҳзунӣ, оташинию хашмгинӣ, пуралламию андӯҳгинӣ, тундмизочию зудранчӣ, ҳолати афсурдаҳолию рӯҳафтодагӣ, вазъияти эчодӣ ва амсоли инҳо).

Хусусиятҳои шахсият муназзимии олӣ ва устувори фаъолияти рӯҳӣ маҳсуб мегарданд.

### Шаклҳои зуҳуроти рӯҳи инсон

**Равандҳо**: таассурот, идрок, хотирот, тафаккур, тахайюлот, мафҳумот, нуқт, таваччӯҳ. **Эҳсосотию иродавӣ**: ҳис, эҳсос, ирода. **Ҳолат**: шавқу рағбати устувор, рӯҳбаландии эчодӣ, бепарвоию беҳавсалагӣ, афсурдахотирию рӯҳафтодагӣ. **Хусусиятҳо**: тамоюлот, ғайрату ҳиммат, хислату тинат, лаёқату қобилият, рафтору кирдор.

Таҳти мафҳуми *хусусиятҳои таърихӣ* бояд ташкилаҳои устуворе фаҳмида шаванд, ки сатҳу дарачаи муайяни фаъолияту рафтори хоси ин ё он инсонро таъмин месозанд.

Онҳо синтез карда мешаванд ва ташкилаҳои мураккаби сохтории шахсиятро ба вучуд меоранд, ки инҳо маҳсуб мегарданд.

Мавқеи ҳаётӣ (низоми талаботу манфиатҳо, ақидаю эътиқод ва идеалҳое, ки таъсири хос ва дараҷаи фаъолияти инсонро муайян мекунад);

Ниҳоди низоми хусусиятҳои ботинии шахсият (мутаҳаррикӣ, ботамкинии рафтор ва қувваю дараҷаи фаъолияте, ки ҷиҳату ҷанбаи пуртаҳарруки рафтору кирдор ва хулқу атворро тавсиф менамоянд);

Қобилият (низоми хусусиятҳои зеҳнию иродавӣ ва эҳсосотие, ки имкониятҳои эҷодиро муайян мекунад);

Тинату хислат ҳамчун низоми муносибатҳо ва тарзу усулҳои рафтору кирдор.

## Соҳаҳои равоншиносӣ

Соҳаи илмҳои рӯҳшиносӣ алҳол низоми бағоят сершохаи фанҳои назариявӣ ва амалиеро дарбар мегирад, ки бо бисёр илмҳои оид ба табиат, ҷамъият ва инсон якҷоя рушду инкишоф мeёбанд. Дархосту талаботи фаъолияти амалии одамон ва ҷамъият ба ташаккулу рушди фанҳои нави психологӣ, масалан ба инкишофи чунин илмҳо, ба мисли равоншиносии муҳандисӣ, психологияи кайҳонӣ ва равоншиносии педагогӣ талқину водор месозанд (чунинанд сабабҳои **амалӣ ва эмпирики** инкишофи илмҳо). Аз ҷониби дигар, ба психология методҳои нави таҳқиқот ва маърифат ворид мегарданд.

Масалан, истифодаи техникаи физикӣ боиси ба вуҷуд омадани психологияи таҷрибавӣ, психофизика гардид, мурочиат ба методҳои физиология бошад, психофизиологияро ташаккул дод, ҷорӣ кардани муносибатҳои математикӣ – психологияи математикӣ ва бионикаро эҷод кард (чунинанд сабабҳои *маърифатӣ ва гносеологии* сершохагии илмҳои равоншиносӣ).

**Психологияи умумӣ** як қатор вазифаҳоро ба ҷо меорад:

**Назариявӣ (ҷамъбаст):** дастоварду комёбиҳои илмии соҳаҳои гуногуни психологияро ҷамъбаст мекунад, онҳоро ба низоми ягона медарорад; кашфиёту ихтирооти афзалиятнокеро амалӣ мегардонад, ки дар соҳаҳои мухталифи равоншиносӣ баҳри ба тарзи нав дарк кардану

сарфаҳм рафтани масъалаҳои тадқиқотии хосашон кӯмак мерасонанд;

**Методологӣ:** принсипҳои методологии таҳқиқотҳои психологӣ ва методҳоро тасвият менамояд;

**Дарсӣ:** устувории таълиму таҳсилотро дар соҳаи равоншиносӣ таъмин месозад. Ин ба мутахассис имконият медиҳад масъалаҳои амалиеро, ки бо соҳаҳои мухталиф алоқамандананд, ҳаллу фасл намояд.

Ба таври анъанавӣ ба сифати соҳаҳои равоншиносӣ психологияи махсус, синнусолӣ, муҳандисӣ, психологияи меҳнат, равоншиносии клиникӣ, психофизиологӣ, дифференсиалӣ ва амсоли инҳоро ҷудо мекунанд.

**Психологияи муқоисавӣ** сатҳу дараҷоти гуногуни инкишофи рӯҳ ва рафтору кирдорро қиёс менамояд. Он ҳамчунин нишон медиҳад, ки ин аз кадом ҷиҳат ба инсон наздик аст ва тафовути асосию ҷиддитаринаш аз чӣ иборат мебошад. Он муайян менамояд, ки инсон чӣ тавр аз олами табиат ҷудо гардид, андӯхтани таҷрибаи фардию коллективӣ дар раванди фаъолияти якҷояи меҳнатӣ, муошират, интиқоли маърифати ҷамъиятию таърихӣ василаи олату маҳсули меҳнат, санъат ва илму фарҳанг ба чӣ оварда расонд.

***Равоншиносии иҷтимоӣ*** зуҳуроти иҷтимоию психологии шахсият, муносибати ҷониббайни инсонро бо дигарон, бо гурӯҳ, мувофиқати рӯҳонии одамон, зуҳуроти иҷтимоию психологиро дар гурӯҳҳои калон (амали радио, матбуот, мӯдҳо, овозаҳо дар умумияти гуногуни одамон) мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

*Психологияи синнусолӣ* қонуниятҳои инкишофи рӯҳи инсони табиии солим, хусусияту қонуниятҳои психологиеро муоина мекунад, ки ба ҳар як марҳалаи синнусолӣ – аз кӯдакӣ то куҳансолӣ хосанд. Аз ин рӯ, он ба психологияи бачагӣ, ҷавонӣ ва синнусоли баркамолӣ, психологияи пирӣ (геронтопсихология) ҷудо карда мешавад.

*Равоншиносии педагогӣ* ба қонуниятҳои ташаккули шахсият дар раванди омӯзиш, таҳсилот, тарбия ва рушду инкишоф дахолат менамояд.

Метавон як қатор соҳаҳои илмиеро ҷудо кард, ки барои онҳо мавзӯи таҳқиқот – масъалаҳои психологии шаклу

намудҳои мушаххаси фаъолияти инсонӣ ба шумор меравад. Ин **психология меҳнат** аст, ки хусусиятҳои психологии фаъолияти меҳнатии инсон, қонуниятҳои инкишофи малакаҳои меҳнатиро муоина мекунад; **психологияи муҳандисист**, ки қонуниятҳои раванди таъсири мутақобилаи инсон ва техникаи ҳозиразамонро меомӯзад, то ки онҳоро дар амалияи лоиҳакашӣ, эҷод ва истифодаи низоми автоматонидаи идора, навъҳои нави техника ба кор баранд.

**Психологияи меҳнат ва психологияи муҳандисӣ** ба ҳамдигар наздиканд, вале аз ҷиҳати пайдоиши худ гуногун мебошанд. Аввала қонуниятҳои психологиеро меомӯхт, ки ба шаклҳои гуногуни фаъолияти меҳнатии одамон, инкишофи маҳорати меҳнатии онҳо хос буданд, ба мутобиқати инсон ба техникаи мавҷуда марок зоҳир менамуд. Дуюмӣ бошад, ба шарофати офаридани техникаи нав ва низоми «инсон-мошин» ба вуҷуд омад. Он фаъолияти операторони низоми автоматонидаи идора, тақсими босамари вазифаҳои байни инсон ва техника, эҷоди ҳамин гуна низоми боэътимодеро меомӯзад, ки мошинро ба имконоти инсон ва инсонро ба мошин мутобиқ месозад, ҳамзамон ба интихоби касбӣ мусоидат мекунад.

**Психологияи авиатсионӣ, кайҳонӣ** хусусиятҳои психологии халабон, кайҳоннавардро таҳлил менамояд. **Психологияи тиббӣ** низ худи ҳамин чиз аст, вале он бо духтур ва рафтори бемор алоқаманд мебошад ва методҳои психологии табобат ва психотерапияро кор карда мебарояд. Дар доираи **психологияи клиникӣ** зуҳурот ва сабабҳои халалёбии гуногуни рӯҳу равон ва рафтору кирдори инсонро меомӯзад. Ҳамчунин тағйиротҳои рӯҳие, ки дар мавриди бемориҳои гуногун ба амал меоянд, чун боби махсус ба патопсихология дохил мешаванд.

**Патопсихология** ба омӯзиши инҳироф дар инкишофи рӯҳ, таҷзияву заволи он ҳангоми шаклҳои гуногуни патологияи майна машғул мебошад.

**Психофизиология** (вазифаҳои рӯҳии майнаро меомӯзад) ва **бионика** (фаъолияти асабию рӯҳии майнаро ҳамчун низоми худтанзимшавӣ муоина менамояд) инсонро пеш аз ҳама ҳамчун фарди биологие меомӯзанд, ки мавҷудияти он аз кори майна вобаста аст. Психофизиология ба асосҳои

физиологии фаъолияти рӯҳӣ, **психологияи дифференсиалӣ** бошад, ба асосҳои фардию рӯҳии одамони мухталиф нигаронида шудааст.

**Психологияи ҳуқуқӣ** ба хусусиятҳои психологии рафтори иштирокдорони мурофиаи ҷиноятӣ (психологияи баёноти шоҳидон, талаботи психологӣ ба пурсиш ва ғайра), муносибату амал, рафтору кирдор ва ташаккули шахсияти ҷинояткор, **психологияи ҳарбӣ** бошад, ба рафтору амали инсон дар шароитҳои амалиётҳои ҳарбӣ дахолат менамояд. **Психологияи реклама** ба омӯзиши муштариён ва интизории муштариён, таҳияи воситаҳои психологии таъсиррасонӣ ба одамон машғул мешавад, то ки барои фурӯши маҳсулоти даркорӣ дархосту талабот ба вуҷуд оварад. **Психологияи экологӣ** бо беҳтар кардани шароитҳо дар маҳалҳои аҳолинишин алоқаманд мебошад, ки дар он ҷойҳо фаъолияти ҳаётии инсон ҷараён меёбад, дар айни замон таъсири байниҳамдигарии инсон ва табиатро меомӯзад.

**Психологияи сиёсӣ** бо сиёсатшиносӣ алоқаманд мебошад. **Психологияи оилавӣ** зиндагии оилавии инсонро ба танзим медарорад. Бад-ин тариқ, ҳар як касб хусусиятҳои хоси психологии худро дорад. Барои психологияи ҳозиразамон раванди тафриқабандие хос мебошад, ки боиси тақсими он ба соҳаҳо мегардад. Ин ҳолат баъзан ба дараҷае мерасад, ки онҳо аз ҳамдигар комилан фарқ мекунанд, вале мавзӯъҳои умумии таҳқиқоти худ – далелҳо, қонуниятҳо ва механизмҳои рӯҳро нигоҳ медоранд. Тафриқабандии психология бо раванди ҷавобии ҳамгироӣ пурра гардонда мешавад, ки дар натиҷаи он бо тамоми илмҳо наздикӣ ва қаробат пайдо мекунад.

Бад-ин васила, ҳар як касбу пеша ва шуғлу ихтисос хусусиятҳои хос ва психологии худро дорад. Дар интиҳои садаи XX шумораи онҳо ба бештар аз 400 ҳазор мерасид.

Дар таҳқиқотҳои психологӣ гуфтугӯю мусоҳибаҳо, саволномаю санҷишномаҳо, омӯзиши маҳсулу самараи фаъолият ва амсоли инҳо истифода карда мешаванд.

Ҳангоми ташкили мусоҳибаҳо, ба шахсе, ки объекти омӯзиш қарор мегирад («ба озмудашаванда»), як қатор саволҳои пешакӣ омодагардида дода мешавад, ки мазмуну мӯҳтаво ва шаклҳои онҳо аз рӯйи масъалаҳои мусоҳибаҳо ва

хусусиятҳои афроде, ки бо онҳо сӯҳбатҳо мегузаронанд, муайян карда мешаванд.

**Саволномаҳо** рӯйхати саволҳоеро дарбар мегиранд, ки ба ашхоси омӯзанда барои ҷавоби хаттӣ дода мешаванд. Қурбу эътибори ин метод дар он аст, ки вай имкон медиҳад маводи дастраси умум нисбатан осон ва зуд дарёфт карда шавад.

**Санҷишномаҳо.** Дар психологияи ҳозиразамон методи санҷишномаҳо (тестҳо) (калимаи англисии «тест» маънои «озмоиш», «санҷишро» дорад) васеъ истифода карда мешавад. Санҷишнома – ин шакли ғайриоддии таҳқиқоту тафтишоти таҷрибавиест, ки вазифаи махсус ё низоми супоришҳоро дарбар мегирад. Озмудашаванда супоришеро иҷро мекунад, ки вақти иҷрои он муқаррарист. Омӯзиши *маҳсули фаъолияти* одамон имконият медиҳад, ки дар бораи маҳорату малакаҳои инсон, муносибат ба кор, дар бисёр мавридҳо бошад, оид ба худи раванди иҷро ва робитаи фаъолияти рӯҳии инсон бо он мулоҳиза ронда шавад.

Дар аксар мавридҳо бо мақсади таҳқиқоти психологӣ на як, балки чандин методҳо кор фармуда мешаванд, ки ҳар яки он дигареро пурра мегардонад, чиҳату ҷанбаҳои нави фаъолияти руҳнеро аён месозад, ки дигар методҳо нокифоя ошкор карданд.

**Принсипҳои детерминизм**: рӯҳ ба фаъолияти объективӣ вобаста мебошад; тамоми зуҳуроти рӯҳӣ ба фаъолияти майна (магзи сар) вобастагӣ дорад; ҳангоми омӯзиши зуҳуроти равонӣ сабабҳои бавуҷудорандаи онҳоро бояд ҳатман муқаррар кард; рӯҳ аз рӯйи тарзи ҳаёт муайян карда мешавад.

**Принсипҳои ягонагии шуур ва фаъолият:** фаъолият – шакли фаъолии шуур; шуур – натиҷаи рафтор ва фаъолият; шуур нақшаи ботинии фаъолияро эҷод менамояд; тағйироту дигаргуниҳои мазмуну мӯҳтавои фаъолият ба ташаккули дараҷаи сифатан нави шуур мусоидат мекунанд.

**Принсипи инкишофи генетикӣ**: рӯҳ пайваста инкишоф меёбад, ҳам миқдоран ва ҳам сифатан тағйир мепазирад;

Тавсифи зуҳуроти психологӣ ҳангоми дар як вақт ошкор сохтани хусусиятҳои он дар ҳамин лаҳза ва таърихи пайдоишу пешомадҳои тағйироти он имконпазир мебошад.

Тартибу қоидаи умумии назорат аз равандҳои зерин таркиб меёбад: муайян кардани вазифаю мақсадҳо (барои чӣ, бо кадом мақсад?); интихоби объект, предмет ва вазъият (чиро бояд назорат кар?); интихоби тарзу усули назорат, ки ба объекти мавриди таҳқиқу тафтиш камтар таъсир мерасонад ва андӯхтани ахбору иттилооти заруриро бештар таъмин менамояд (чӣ тавр бояд назорат кард?); интихоби тарзу усулҳои бақайдгирии назоратшаванда (бақайдгириро чӣ тавр бояд бурд?); коркард ва ҳамгироии иттилооти бадастомада (натиҷааш чӣ гуна бояд бошад?).

Назорат метавонад бевосита ё бавосита (бо истифодаи воситаҳои ёрирасон) бошад.

Мисолҳои назорати «бевосита» - назорати озмоишгарон ё якчанд мумайиз (эксперт) ба рафтору кирдори инсон ва танзими аломату нишонаҳои алоҳидаи ӯ, суръати онҳо. Назорати «бавосита» ё ғайримустақим истифодаи воситаҳои ёрирасон (саволҳо, сӯҳбатҳо, саволномаҳо, омӯзиши маҳсули фаъолият)-ро дар назар дорад.

*Мусоҳиба* ҳамчун методи психологӣ аз таълимгиранда дар бораи фаъолияти ӯ ба даст овардани маълумоти бевосита ё бавосита, шифоҳӣ ё хаттиро пешбинӣ менамояд, ки дар он зуҳуроти рӯҳии хоси вай объективӣ гардонида мешавад. Дар психологияи тиббӣ метавонад чунин шакли мусоҳиба, ба мисли ҷамъоварии анамнез кор фармуда шавад. Анамнез (аз калимаи лотинии «аз ёд гуфтан») – маълумот дар бораи гузаштаи хонанда, ки аз худи вай ё (ҳангоми анамнези объективӣ) аз ашхоси ӯро хуб медонистагӣ гирифта мешавад.

Вале методи асосии таҳқиқоти психологӣ *таҷриба* – дахолати фаъолонаи муҳаққиқ ба фаъолияти озмудашаванда ба шумор меравад, ки аз рӯйи дастур муайян мегардад ва ӯ медонад, ки таҷриба гузаронида мешавад ва он бо ширкати шумораи зиёди иштирокдорон борҳо гузаронида мешавад. Ин имконият медиҳад, ки қонуниятҳои умумию аз ҷиҳати оморӣ саҳеҳу боэътимоди инкишофи зуҳуроти рӯҳӣ муқаррар карда шаванд.

**Санҷишномаҳо** – методи махсуси таҳқиқоти психологие, ки бо озмоишу санҷиши такрири сифатҳои муайяни рӯҳии инсон алоқаманд мебошад. Ин – вазифаю супориши барои

тамоми озмудашавандагон кӯтоҳмӯҳлату якхелаест, ки аз рӯйи натиҷаҳои он мавҷудият ва дараҷаи чунин сифатҳо муайян карда мешаванд. Санҷишномаҳо метавонанд пешгӯёна ва ташхисонидашуда бошанд. Мақсади онҳо – нишон додани сифатҳои устувори психологӣ мебошад.

Санҷишномаҳо ҳамчун навъи махсуси таҷрибаҳое баромад мекунанд, ки дар онҳо стандартиконии озмоишҳои психологӣ ва меъёрҳои омории баҳодиҳии натоиҷи онҳо имконият медиҳанд дар бораи сифатҳои рӯҳии инсон иттилооти комилан саҳеҳу боэътимод ба даст оварда шавад.

### Булуғияти инсон ва ташаккули он

Марҳалаи аввали ин давра дар ҳаёти инсон марҳалаест, ки синни ҷавонии 16-18 сола номида мешавад.

Ҷавонӣ аз синни наврасӣ комилан фарқ мекунад: онро равандҳои сифатан махсуси психологӣ, навташкилаҳои ба худ хос тавсиф менамоянд. Дар айни замон барои он баъзе масъалаҳои марҳалаи пешин бағоят муҳим мебошанд. Яқинан, аз ин рӯ, бо таъбири «наврас» аксар вақт на танҳо бачагони 13-14-сола, балки ҳатто 16-солаҳоро низ ном мебаранд.

Ҷавонӣ – давраи ташаккули пуршиддату босуръати шахсият, худмуайянкунӣ ва худмаҳдудсозии бо онҳо зич алоқаманд мебошад; он бағоят мураккаб ва аз бисёр ҷиҳат ноустувор аст.

Давраи ҷавонии бармаҳал ҳадди ифодаи равшану аниқ надорад: аниқ муайян кардан душвор аст, ки кай навбова (наврас) ҷавон мегардад.

Ибтидои давраи наврасӣ (навбовагӣ), ғайр аз ин, аксар вақт аз рӯйи аввалин аломатҳои балоғат, инкишофи пураваҷи ҷисмонӣ тавсиф карда мешавад.

Ҷавонӣ бо қатъияти камтар фаро мерасад. Ҳадди байни синни навбовагию ҷавонӣ як андоза норавшан аст; нишондиҳандаю аломатҳои аниқу якхелаеро номбар кардан душвор аст, ки ҳамчун ҳадди байни ин марҳалаҳои синнусолӣ хидмат кунанд. Синфҳои 9-ум ва 11-умро хатм намуда, ба мактабҳои гуногуни миёнаи махсус ё олӣ дохил мешаванд, ба омӯзиш ва таълим пардохта, онҳо аллакай

аввалин қадамҳои худмуайянкуниро мегузоранд. Камолоти иҷтимоии ҷавонон дар мамлакати мо василаи ҷунин марҳалаҳои муҳими дорои аҳамияти ҷамъиятӣ, ба мисли гирифтани шиноснома, ба даст овардани ҳуқуқи интихоб дарҳол баъди хатми мактаб, имконияти бастани ақди никоҳ, кор кардан дар истеҳсолот ва амсоли инҳо қайд карда мешавад.

Ҳадди болоии айёми ҷавонӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ аниқу равшантар муайян карда мешавад:

- занги камолот ва имтиҳони охирин дар мактаб; нахустин қадамҳои ҳақиқатан мустақилона низ пас аз ҳамин сурат мегиранд; кор, хизмат дар сафҳои артиш, идомаи таълим дар сатҳи нав.

Сарфи назар аз он ки нақши зоҳирии тафовутҳои психологии байни наврасону ҷавонон на ҳамеша комилан равшан зоҳир мегарданд, таҳлили пурмӯҳтавои ҷанбаҳои рушду инкишоф - тамоюлоти равандҳои рӯҳӣ, сохтори сабабҳо ва барангезандаи онҳо нишон медиҳанд, Ки миёни сини навбовагӣ ва ҷавонӣ фарқиятҳои ҷиддӣ мавҷуданд.

Хусусиятҳои хоси психолонии айёми ҷавониро таҳлили шароити иҷтимоии рушду инкишофи ҳолату вазъият ошкор ва муайян месозад. Мафҳуми вазъияти иҷтимоии рушду инкишоф маънии ягонагии махсуси равандҳои дохилӣ ва шароитҳои беруниро дорад. Он ҳар як марҳалаи синнусолӣ – ягонагиро, ки ба инкишофи рӯҳӣ, пайдоиши навташкилаҳои психологӣ, хусусияти хоси сифатии онҳо вобаста мебошаду як давраи синнусолиро аз дигараш фарқ мекунад, тавсиф менамояд.

Хусусияти хоси вазъияти иҷтимоии рушду инкишоф дар синни 16-18-солагӣ он аст, ки эшон дар марҳалаи охирини инкишофи ҳаёти мустақилона қарор доранд. Пешомади наздиктарини ба ҳаёти мустақилона ворид гардидан онҳоро маҷбур месозад аз хусуси он андеша намоянд, ки мақоми худро дарёбанд, касбу ихтисос интихоб кунанд, мавқеи маънавиашонро ташаккул диҳанд. Тамоми масъалаҳое, ки ба оянда алоқаманданд, дар назди айёми ҷавонӣ ҳамчун масъалаҳои таъҷилию таъхирнопазир, аксгари бевоситаи замони ҳозира кундаланг меистанд ва ғаму ташвиш, шодию хурсандии имрӯзаро муайян мекунанд.

Самтгирӣ ба оянда, аз ин мавқеъҳо дарк кардани имрӯза – ҳамин аст он навигарие, ки дар ҳаёти инсон пайдо мешавад ва дар навбати аввал онҳоро ҳамчун талаботи махсус ба худ, ба рафтору кирдори хеш, ба шаклҳои гуногуни фаъолият ва чун дархосте низ муайян менамояд, ки атрофиён ба онҳо изҳор мекунанд.

Самтгирӣ ба оянда тафовути ҷиддии мавқеи ботинии ҷавонон нисбат ба наврасон маҳсуб мегардад. Интихоби минбаъдаи роҳи зиндагӣ ва худмуайянкунӣ барои онҳо ҳамон маркази самарабахши вазъияти ҳаётие мегардад, ки дар атрофи он ҳам тамоми фаъолияташон ва ҳам тамоми манфиатҳояшон давр задан мегиранд.

Андешаҳо дар бораи оянда сохтори сабабиятро тағйир медиҳанд, онҳоро ба сатҳи боз ҳам баландтари худогоҳӣ мебардоранд, тавсифи иҷтимоию психологии айёми ҷавониро муайян мекунанд, ки дар навбати аввал бо ташаккули роҳҳои гуногуни камолот алоқаманд мебошанд.

Пеш аз он ки тағйиротҳои асосиеро, ки дар ҳаёти манзараи рӯҳӣ ба амал меоянд, баён намоем, меҳоҳем муайян кунем, ки камолоти ҳақиқии инсонро чӣ чиз тавсиф медиҳад.

Ноилшавӣ ба камолоти иҷтимоӣ бо оғози фаъолияти меҳнатӣ, ба даст овардани мустақилияти моддӣ, дарёфтани маҷмӯи томи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Он ҳамчунин бо нишондиҳандаҳои камолоти маънавӣ - воруди фаъолона ба ҳаёти ҷамъиятӣ, тавлиду пайдоиши ҷаҳонбинӣ, мавҷудияти ақоиду баҳодиҳии худӣ, маҳорати ҳифз кардану ба роҳбарӣ гирифтани онҳо дар кору рафторҳои хеш низ зич вобаста мебошад. Камолот ва хусусиятҳои маънавӣ сатҳи баланди ихтиёрӣ ва озодона будани равандҳои рӯҳиеро дар назар доранд, ки имконияти худтанзимшавии бошуурона, интихоби бошууронаи муносибат ба кор, ба атрофиён ва худии худ ва дар ниҳояти кор, интихоби маънавию тарзи умумии зиндагиро таъмин менамоянд.

Камолоти иҷтимоию ахлоқии инсон дар фаъолияти богайратонаи меҳнатию ҷамъиятӣ, дар робитаи ҳамаҷониба бо атрофиён, дар ҳолату вазъиятҳое санҷида мешавад, ки на

танҳо барои худ, балки барои дигарон, баҳри меҳнати хеш низ масъулияти баландро талаб мекунанд.

Дарҳол таъкид менамоем, ки ба ҳамаи ин баландиҳои камолот айёми ҷавонӣ, албатта, ҳанӯз расида наметавонад. Ва барои ин сабабҳои комилан равшану бебаҳс ҳастанд: охир, ҷавонӣ – танҳо қадамҳои нахустин дар роҳи ҳаёти мустақилона, фақат оғози он ба шумор меравад. Камолот аллакай дар ягон чиз зоҳир гардидааст, дар чизи дигар ҳанӯз не. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки бояд зуҳури далелу нишондиҳандҳои камолоту булуғияти воқеиро дид, дарк ва қабул кард. Ва на танҳо қабул кард, балки барои ба даст овардани он чизе, ки ҳанӯз нест, шароитҳои аз ҳама мусоидтар ба вуҷуд овард.

Вазифаи волидайн ва умуман ҷамъият – сафарбар кардани ҷавонон ба роҳи болоравӣ ба сӯйи вазъу ҳолати балоғату қадрасӣ махсуб мегардад. Вале метавон танҳо дар сурате сафарбару роҳнамун сохт, ки агар на фақат хусусиятҳои имрӯза ва пешомади инкишофу тараққиётро бубинӣ, балки барои амалӣ гардоноани онҳо шароит низ фароҳам оварӣ: шаклҳои таъсиррасонӣ, хусусиятҳои талабот, тарзу усулҳои муошират, яъне тамоми муносибатҳоро ба инсони камолёбанда тағйир бидиҳӣ. Муносибатро ба наврасону ҷавонон тағйир додан – ин маънии баробарҳуқуқ эътироф кардани онҳоро дорад. Агарчи дар ин синнусол онҳо аз камбудию норасоӣ ва саҳву хатоҳо орӣ нестанд, вале итминони комил ҳаст, ки дар оянда онҳо ислоҳ мешаванд.

Тағйирот дар инкишофи ҷисмонии онҳо ба камолоти воқеии эшон таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ҳолате, ки боиси тағйирот мегардаду онҳо дар организм ба амал меоянд ва соҳаи муҳими олами ботинии ҷавонону духтаронро ташкил медиҳанд, ба рӯҳияи онҳо таъсир мерасонад ва иддаою талаби муайянеро тавлид менамояд, ки дар дигар соҳаҳои ҳаёт низ паҳн мешаванд.

Инкишофи ҷисмонии онҳо аз рӯйи тасбиту истиқрор ва тадриҷан барҳам хӯрдани тезутундию шиддати ихтилофоте фарқ мекунад, ки ба синнусоли наврасӣ хосанд. Коршоямӣ ва қувваи мушакҳо меафзояд; суръати қадкашӣ суст мешавад. Тамоми ин тағйиротҳо аз рӯйи аломату

нишонаҳои ҷисмонӣ ба самти наздиксозии навбовагону ҷавонон ба одами калонсол нигаронида шудаанд. Ҳамин гуна тамоюлот дар инкишофи системаи асаб, дар сохтор ва кори майна низ мушоҳида карда мешаванд. Дар синни ҷавонӣ булуғият ҳам асосан анҷом меёбад.

Ба-ин тариқ, то ин давра ҷавонону духтарон қариб ба камолоти пурраи ҷисмонӣ ноил мегарданд, ба худ симои ҷисмонии одами калонсолро мегиранд. Ин ба андозаи муайян имконияту мустақилияти онҳоро зиёд менамояд.

Дар ҳаёти ҷавонону духтарон низ тағйиротҳо ба амал меоянд. Акнун онҳо калонтар, ташкилотчӣ ва роҳбарони бисёр корҳои ҷамъиятианд. Ба онҳо лозим меояд, ки қарорҳои масъулиятнок қабул кунанд. Фаъолияти ҷамъиятии меҳнатии онҳо акнун метавонад аз доираи ҷавонӣ берун барояд. Онҳо фаъолиятмандӣ, ташаббускорӣ ва мустақилият зоҳир менамоянд.

Гирифтани шиноснома мавқеву мақоми ҷавонону духтаронро дар ҷомеа тағйир медиҳад: доираи ҳуқуқу ӯҳдадорӣ ва вазифаҳои онҳо васеъ мегардад. Бисёр чизҳое, ки пештар ба онҳо манъ карда мешуд, акнун ба зиндагии ҳамарӯзаи эшон ворид мегардад: онҳо метавонанд ба ҳама гуна намоишномаю филмҳо раванд, дертар ба хона баргарданд. Вазъият дар оила тағйир меёбад – боварию эътимод, ҳурмату эҳтиром ба шавқу рағбат, фикру мулоҳиза ва талабу дархости онҳо меафзояд.

Шавқу рағбати онҳо бештару амиқтар ва маҳорату малакаҳояшон ҳархелаю гуногунтар мегардад. Маҳорату малакаҳояшон дар баъзе соҳаҳои ҳаёти ҳамарӯза ба сатҳу дараҷаи калонсолон баробар мешавад. Онҳо басо пурдону фозиланд, ба санъат, варзиш ва дигар масъалаҳо хуб сарфаҳм меравaнд. Эшон калонсолон барин меҳнат мекунанд ва аз ҷиҳати моддӣ пурра таъминанд.

Ба тарзи дигар, ҳар қадар наврасон дӯсту қарин бошанд, эҳсосоти онҳо ҳамон андоза устувору амиқтар, таассуроташон пуршиддаттар, олами ботиниашон мураккабтар ва ғанитар мегардад.

Фаъолияти меҳнатӣ мураккабу душвортар мегардад: сатҳу дараҷаи талабот ба равандҳои маърифатӣ, тарзу

усулҳои кор, мустақилият ва худбаҳодиҳӣ баландтар мешавад.

Ҳаёт ва таҷриба нишон медиҳад, ки дар мамлакати мо дар бисёр мавридҳо на танҳо ҷавонону духтарон, балки наврасон низ вазифаи калонсолонро дар ҷамъият иҷро мекунанд. Ин аз он ҷиҳат маънидод карда мешавад, ки шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ, гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ онҳоро маҷбур месозад, ки ба фаъолияти меҳнатӣ бипардозанд. Алалхусус дар оилаҳои мӯҳтоҷу камбизоат ин ҳолат бештар ба назар мерасад.

Ин ба он далолат менамояд, ки чунин ҳолат на танҳо психологияи ҷавонону духтарон, балки аксар вақт рӯҳияи наврасонро ҳам тағйир медиҳад. Ҳамзамон месазад бигӯем, ки ин на фақат ба ҳаёти мустақилонаи оянда, балки аз бисёр ҷиҳат ба ҳаёти мустақилонаи ҳозираи ҷавонону наврасон низ дахл дорад.

Афзоиши ихтиёронаю озодонаи равандҳои рӯҳӣ, такмили механизмҳои худтанзимшавӣ, имкониятҳои идораи бошууронаи фаъолият ва рафтору кирдори худ асоси ҳамин андозаю ченакҳоро ташкил медиҳад.

# РАВАНДҲОИ ПСИХОЛОГӢ

## Қоидаҳои умумӣ

Равоншиносӣ ба ин суол посухи мукаммалу пурра медиҳад. Он дар ин ҷода нуктаю нишондодҳои материализми диалектикӣ ва материалистиро ба асос мегирад, ки материя аввалин, шуури инсон, рӯҳи он бошад, маҳсулию муштақ ва дуюмин мебошад.

Рӯҳ заминаи муҳимтарини фаъолияту рафтори бомуваффақияту пурбарори инсон маҳсуб мегардад. Равон барои он чунин нақшро иҷро мекунад, ки моҳияти он аз инъикоси олами воқеӣ иборат мебошад.

Рӯҳи инсон – маҳсули меҳнати ҷамъиятию таърихӣ ба шумор меравад. Рушду инкишофи равони одами алоҳидаи калонсол таҳти таъсири шароитҳои иҷтимоӣ ва фаъолияте ба амал меояд, ки ӯ ба он машғул аст. Фаъолияти касбӣ ба симои маънавии инсон ва рӯҳи он таъсири басо калон мерасонад. Амалия нишон медиҳад, ки баъди хатми мактаби миёна ва олӣ инсон хеле зуд аз ҷавони бетаҷриба ба марди калонсол табдил меёбад. Дар амалия инсон дар як-ду сол он чизеро аз сар мегузаронад, ки ӯ дар тӯли панҷ сол аз сар гузаронида наметавонад. Ин бар асари он аст, ки ба зиммаи ӯ ғаму ташвиши иловагӣ (оила, хоҷагӣ ва амсоли инҳо) бор мешавад.

Раванди олами зуҳуроти рӯҳии инсонро метавон ба чаҳор ҷудо кард: **равандҳои рӯҳӣ**: маърифатӣ, эҳсосот ва ирода; **ҳолатҳои рӯҳӣ**: рӯҳбаландӣ, афсурдахотирӣ, қаноатмандӣ, ноқаноатмандӣ; **хусусиятҳои рӯҳӣ**: самтгирӣ, табъу мизоҷ, хулқу хислат, лаёқату қобилият; **маърифати психологӣ**: илму дониш, маҳорату малакаҳо ва истифодаи онҳо дар амалия.

**Рӯҳ** – ин олами ботинии инсон аст, ки аз чунин ҷузъу равандҳо, ба мисли раванду хусусият ва ҳолатҳои рӯҳӣ таркиб меёбад.

Ба **равандҳои рӯҳӣ** равандҳои маърифатӣ маҳсуб мебошанд: таассурот, идрок, диққату таваҷҷӯҳ, тасаввурот, хотирот, фаҳмиш, хаёлоту мавҳумот, эҳсосот ва ирода. Онҳо дар ҳар як одам ҳар навъ зоҳир мегарданд. Масалан, инсон соҳиби шаклҳои гуногуни таассурот мебошад, вале аз яке

биноияш ва аз дигаре шунавоияш инкишоф ёфтааст; ба ҳар кас тафаккур хос аст, аммо дар яке онҳо аз рӯйи зудии амалиётҳои ҷамъбастӣ, дар дигаре мувофиқи лаёқату қобилияти таҳлилӣ тавсиф карда мешаванд.

**Хусусиятҳои психологӣ** самтгирӣ, мизоҷу табъ, хулқу хислат ва лаёқату қобилият махсуб мегарданд. Дар онҳо мазмуну мӯҳтавои ботинии шахсият, аҳамияти иҷтимоии он ифода меёбад.

**Ҳолатҳои рӯҳӣ** тавсифи функсионалии ӯро ташкил медиҳанд; ҳам аз ҷиҳати касбӣ ва ҳам аз лиҳози шахсӣ дар он ифода меёбанд, ки таассур ва равандҳои рӯҳӣ дар ӯ то чӣ андоза зуд ва суст ба амал меоянд, хусусиятҳои рӯҳии хоси вай чӣ тавр зуҳур меёбанд. Ҳолатҳои рӯҳӣ кӯтоҳмудат ва устувор шуда метавонанд. Ҳар ду ҳолат ба душворӣ ба якдигар пайваставу ҳамбаста мешаванд ва ба қобилияти кории инсон дар ҳар лаҳза метавонанд таъсир бирасонанд. Аз ҳолати рӯҳие, ки инсон дар ҳамин лаҳза мебошад, комёбиву муваффақияти ӯ дар кор (ихтисос), дар иҷрои фаъолияти ҳаррӯзаи меҳнатӣ, ҳаёти ҳамарӯза, рафтору муносибати ҷониббайнаш бо дигар одамон аз бисёр ҷиҳат вобастагӣ дорад.

Дар натиҷаи фаъолият (меҳнат, худомӯзӣ, кори эҷодӣ) дар инсон маърифати муайяни рӯҳӣ ташаккул меёбад: дониш, маҳорату малакаҳо ва одати истифодаи ҳамарӯзаи онҳо (дар дигар вазъу ҳолатҳо, дар меҳнат ва фаъолияти эҷодӣ). Онҳо дар тӯли тамоми ҳаёти одамон ғанӣ мегарданд ва рушду инкишоф меёбанд. Инсон таҷрибаи иҷтимоӣ, дониш, маҳорату малакаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, рӯҳию маънавӣ меандӯзад ва инкишоф медиҳад, онҳоро дар ҳаёту фаъолияти ҳаррӯза истифода менамояд, меъёрҳои ахлоқӣ, талаботи ҳаёт ва фаъолиятро қатъиян риоя мекунад.

Фаъолияти амалии инсонро асоси ягонагии раванду хусусият ва ҳолатҳои рӯҳии хоси ӯ ташкил медиҳад. Дар навбати худ шахсияти инсон дар ягонагии раванду хусусият ва ҳолатҳои рӯҳӣ ифода меёбад.

## Равандҳои маърифатӣ

Таассурот, идрок, тасаввурот, тафаккур. Сохтори равандҳои маърифатиро дида мебароем, ки бо ёрии онҳо одами калонсол иттилоот ба даст меорад ва фаҳмида мегирад, олами объективиро тасвиру инъикос менамояд, онро ба тимсоли субъективии худ табдил медиҳад.

Таассурот, идрок, тафаккур ва хотирот – ин қисми ногусастании раванди ягонаи инъикоси воқеият ба шумор меравад. Вале ҳар як предмет, ҳар як ҳодисоту зуҳуротро эҳсосу дарк ва ба таври айёнӣ ба худ тасаввур карда, инсон бояд таҳлил, ҷамъбаст ва мушаххас созад, ба ибораи дигар, дар бораи он фикр намояд, ки дар таассуроту идрок чӣ инъикос меёбад.

**Таассурот, идрок, тасаввурот, тафаккур ва хотирот – ҳаминҳоянд равандҳои маърифатӣ.**

**Таассурот** – ин инъикоси хусусиятҳои ҷудогонаи предмету зуҳуроти олами моддист, ки бевосита дар ҳамин лаҳза ба узвҳои ҳис таъсир мерасонанд.

Ба воситаи таассуроту ҳиссиёт мо аз хусуси чунин хусусиятҳои предметҳо, ба мисли рангу бӯй, мазаю таъм, суфтагию шахшӯлӣ ва амсоли инҳо воқиф мегардем. Таассурот имконият медиҳад дар бораи тағйиротҳое, ки дар қисми худамон ба амал меоянд, аз хусуси ҳаракат ва ҳолати ҷисм, ҷисмҳои ҷудогонаи он, аз боби кори узвҳои дохилӣ мулоҳиза ронда шавад.

Таассурот – манбаи ибтидоии тамоми донишҳои мо дар бораи олам ба шумор меравад. Дар акси ҳол, ба ҷуз василаи таассурот, мо на дар бораи ҳеҷ гуна шаклҳои моддаҳо ва на аз хусуси ягон хел шаклҳои ҳаракат чизе диниста наметавонем.

Ашёҳо ва зуҳуроти воқеият, ки ба узвҳои ҳис таъсир мерасонанд, *ангезандаҳо* номида мешаванд. Раванди таъсиррасонии ангезандаҳо ба увзҳои ҳис **ангезиш** қаламдод мегардад. Ангезиш дар бофтаҳои асаб раванди **барангезишро** ба вуҷуд меорад. Таассурот натиҷаи барангезиши аз ҳама мураккабтар маҳсуб мегардад.

Дар одамизод тафриқагузории нозук дар соҳаи таассурот бо инкишофи таърихии ҷамъияти инсонӣ ва муносибату

муоширати байни худи одамон алоқаманд мебошад. Бад-ин тариқ, муоширати байни одамон боиси эҷоди шаклҳои мураккаби гуногуни ангезандаҳои овозӣ гардид, ки хизмати овозҳои нутқро ба ҷо меоранд. *Фаъолияти меҳнатии инсон дар инкишофи таассурот нақши комилан муҳим мебозад.* Раванди инкишофи таассурот аз талабу дархосте вобаста мебошад, ки ҳаёт ва меҳнат ба кори узвҳои ҳис манзур месозанд. Масалан, таассуроти бӯйишу шомма ва маззаю таъми чошнигироне, ки сифати чой, панир ва тамокуро муайян менамоянд, ба дараҷаи баланди такомул мерасад. Рассомию наққошӣ, ки бо интиқоли шаклҳо, таносуб ва тобишҳои рангҳо ҳангоми тасвири предметҳо алоқаманд аст, талаботу дархости махсусеро ба дарки таносуб ва мувофиқати рангҳо манзур месозад, ки дар рассомон, назар ба дигар шахсоне, ки ба суратгарӣ машғул нестанд, бештар инкишоф ёфтаанд. Ҳамин чизро метавон дар бораи мусиқинавозону мутрибон низ баён кард.

Ба таассурот, ки тавассути кори асбобҳои таҳлилии *зоҳирӣ* (*берунӣ*) ба вуҷуд меоянд, инҳо марбутанд: ҳиссиёти биноӣ, шунавоӣ, пӯст (эҳсосоти ломиса ё эҳсоси расишу ламс ва фишор, эҳсосоти ҳароратӣ ва ларзиш), эҳсосоти маззаю таъм ва бӯйишу шомма. Гурӯҳи дуввум – асбобҳои таҳлилий *ботинӣ (дохилӣ)*.

Ҳассосияти асбобҳои таҳлилӣ таҳти таъсири мутобиқату мувофиқати узвҳои ҳис ба ангезандаи амалкунанда тағйир меёбанд. Ин зуҳурот **адаптатсия** номида мешавад. Адаптатсия метавонад хам ба самти баланд гардидани ҳассосият (вақте ки гузариш аз ангезандаҳои пурзӯр ба суст амалӣ гардонда мешавад), ҳам ба самти паст шудани он (вақте ки аз ангезандаҳои суст ба ангезандаҳои пурзӯр мегузаранд) ба амал ояд.

**Адаптатсия** дар тамоми шаклҳои таассурот, бахусус дар соҳаи биноӣ, шомма, ҳиссиёти пӯст, маззаю таъм зоҳир мегардад; он дар соҳаи шунавоӣ камтар ифода меёбад. Адаптатсияи тамоми узвҳои ҳис аз рӯйи қонуниятҳои мушобеҳ сурат мегирад ва азбаски адаптатсияи басират ба торикӣ ва рӯшноӣ махсус омӯхта шудааст, пас муоинаи адаптатсияи биниш метавонад қонунҳои умумии адаптатсияро ошкор созад.

Дар адаптатсия ба торикӣ истиқрори моддаи рӯшноиҳискунандаи мавҷудаи шабакияи чашм – **арғувони биниш** аҳамияти бағоят муҳим дорад. Афзудани маҷмӯи ин моддаи баландэҳсосе, ки энергияи рӯшноиро фурӯ мебарад, механизми муҳимтарини адаптатсияро ташкил медиҳад.

Ҳангоми адаптатсия ба рӯшноӣ тангшавии гавҳараки чашм ва камшавии маҷмӯи арғувони биниш дар шабакияҳои дида ба амал меояд. Таҳти таъсири импулсҳои асаб, ки ба шабакия аз қишрҳои майна ворид мешаванд, метавонад миқдори унсурҳои асаб, ки дар гӯшаву канорҳои ғайримарказӣ фаъолона кор мекунанд, тағйир ёбад. Аз аҳамияти таъсироти асабхо ба раванди адаптатсия далелҳои вайронкунии ҷиддии адаптатсия ҳангоми баъзе бемориҳои асаб дарак медиҳанд.

Агар адаптатсияи узви биниш – чашм (ба торикӣ) даҳ дақиқаро ишғол намояд, пас узви шунавоӣ – сомеа хеле зудтар адаптатсия мешавад: ҳамагӣ дар тӯли танҳо 15 сония. Адаптатсия ба овоз аз он иборат аст, ки пас аз таъсири садои баланд ҳассосият паст мешавад. Адаптатсия ба хомӯшӣ аз он иборат аст, ки баъди фосилаи муайяни вақт пас аз таъсири садо ҳассосият аз нав барқарор мегардад.

Адаптатсия ба ангезандаҳои дард суст ифода меёбад. Дардҳои бағоят сахту шадид умуман ба адаптатсия роҳ намедиҳанд. Ин аз рӯйи нақши биологии дард ҳамчун огаҳии вайроншавии ҳолати мӯътадили организм маънидод карда мешавад.

**Таассурот** – ин инъикоси предмету зуҳуротест, ки бевосита ба узвҳои ҳисси мо таъсир мерасонанд.

**Идрок** - ин инъикоси предмету зуҳуротест, ки бевосита ба узвҳои эҳсос умуман, бо маҷмӯи хусусиятҳо ва аломатҳои ин воситаҳо таъсир мерасонанд.

**Хотирот** – ин инъикоси таҷрибаи гузашта ё таҷассум кунондан, нақш бандондан, нигоҳ доштан ва таҷдиди ягон чиз маҳсуб мегардад.

**Тахайюлот** – ин инъикоси оянда, дар заминаи таҷрибаи пешин эҷоди тимсоли нав мебошад.

**Тафаккур** – ин шакли олии фаъолияти инъикосгаре ба шумор меравад, ки имконият медиҳад, моҳияти предмету

зуҳурот, робитаи байниҳамдигарии онҳо, қонуниятҳои рушду инкишоф дарк карда шаванд.

Дастгоҳи анатомию физиологиеро, ки барои қабули таъсири ангезандаҳои муайян аз муҳити зоҳирию ботинӣ ва ҳазму коркарди онҳо дар таассуротҳо махсус гардонида шудааст, **асбоби таҳлил** меноманд. Он аз се қисм иборат аст:

- Ретсептор ё узвҳои ҳис, ки энергияи таъсири зоҳириро (берунӣро) дар сигналҳои асаб тағйир медиҳад;
- Роҳҳои гузаронидани асабҳо, ки василаи онҳо сигналҳои асаб ба майна дода мешаванд;
- Маркази майна дар қишри нимкураи мағзи сар.

Ҳар як ретсептор барои қабули танҳо шаклҳои муайяни таъсиррасонӣ (рӯшноӣ, овоз) мувофиқ кунонда шудааст, яъне дорои қобилияти махсуси ангезиш ба омилҳои муайяни физикӣ ва химиявӣ мебошад. Чунин шаклҳои таассуротро ҷудо мекунанд: биноӣ, шунавоӣ, пӯст, бӯйишу шомма, ламс, маззаю таъм, ҳароратӣ, дард, кинестетикӣ (эҳсоси ҳаракати ҷисм), интеросептивӣ (ҳиссиёте, ки ба ҳолати ботинии организм алоқаманд мебошад).

Дар бораи таассуроту ҳиссиётҳои пӯст сухан ронда, бояд дар хотир дошт, ки дар пӯсти бадан якчанд низоми асбобҳои таҳлилӣ ҳаст: ломиса (эҳсосоти ламс кардан), ҳароратӣ (эҳсоси хунукӣ ва гармӣ), дард.

Бад-ин тариқ, бояд сабабҳои **ҳақиқии амалӣ ва сабабҳои имконпазире** фарқ карда шаванд, ки танҳо самтгирии умумии манфиатҳоро эҷод менамоянд.

Тафовути муҳими рӯҳии сабабҳо баъдан ба он вобаста аст, ки шаклҳои мураккаби фаъолият одатан на ба ягон кас, балки дар як вақт ба якчанд сабабҳои амалкунанда ҷавоб медиҳанд.

**Шавқу рағбат** – ин самтгирии махсуси маърифатии шахсият ба предмету зуҳуроти воқеӣ мебошад.

**Идрок** – ин инъикоси айёнию тимсолии предмету зуҳуроти воқеият дар маҷмӯи хусусияту қисмҳои гуногуни он мебошад, ки дар ҳамин лаҳза ба узвҳои ҳис таъсир мерасонанд.

Азбаски тамоми одамон вобаста ба синнусол, таҳсилот, илму маърифат, касбу ихтисос ва амсоли инҳо соҳиби таҷрибаи гуногуни ҳаётианд, пас идроки ин ё он предмет низ

аз ҷониби одамони мухталиф ва ҳатто худи ҳамон як одам ҳам дар мавридҳои гуногун ҳар хел мешавад: ин ё он предмету зуҳурот метавонанд аз ҷиҳатҳои гуногун, аз рӯйи дараҷоти мухталифи пуррагию аниқӣ дарк карда шаванд. Ба мисли ҳар гуна раванди маърифат, идрок низ, ҳамчун инъикосгари олами воқеӣ, аз хусусиятҳои субъекти дарксозанда вобаста мебошад: аз донишу талабот ва манфиатҳои ӯ. Он ҳам, ба мисли таассурот, тимсоли субъективии олами объективӣ маҳсуб мегардад.

Идрок аз маҷмӯи аломатҳои таъсиррасон ҷудо кардани нишонаҳои асосию аз ҳама муҳим ва ҳамзамон аз аломатҳои дуввумдараҷаю фаръӣ дур кардани диққатро дар назар дорад.

Ҳама гуна идрок ҷузъи фаъоли мутаҳаррик (ламс кардани предметҳо, ҳаракати чашм ҳангоми нигоҳ кардан) ва фаъолияти мураккаби майна мебошад, ки ба синтези тимсоли комил нигаронида шудааст.

**Хусусиятҳои идрок:** Комилӣ – ин чунин маънӣ дорад, ки идрок ҳамеша тимсоли комили предметро аз худ менамояд. Вале чунин қобилияти биниш модарзодӣ маҳсуб намегардад. Маълумотҳо оид ба идроки одамоне, ки дар кӯдакӣ нобино гардидаанду дар калонсолӣ биноиашонро баргардондаанд, ба ин далолат мекунанд: дар рӯзҳои аввали баъди ҷарроҳӣ онҳо ашёву ҷисмҳо не, балки танҳо тарҳу суроби хираю норавшан, доғу холҳои равшанию андозаашон гуногунро мебинанд. Дар ин маврид таассуроту ҳиссиёти танҳоӣ мушоҳида карда мешавад, лекин идрок нест: одамон ашёву ҷисмҳои тому комилро намебинанд. Баъди якчанд ҳафта идроки биниши онҳо ташаккул меёбад, вале он дар доирае маҳдуд мемонад, ки эшон пештар ба шарофати шуур медонистанд. Бад-ин тариқ, идрок дар раванди таҷрибаю амалия ташаккул меёбад; ин низоми амалу рафторҳои перспективиест, ки онҳоро бояд аз худ кард.

**Хусусият**. Он, вақте ки инсон ба вазъу ҳолати номаълуму ноошно афтода мемонад, халалдор мегардад. Масалан, ба назари одамоне, ки аз ошёнаҳои болоии бинои баландошёна ба поён нигоҳ мекунанд, автомобилу роҳгузарҳо хурдтар менамоянд: дар айни замон бинокорони биноҳои баландошёна хабар медиҳанд, ки онҳо объектҳоеро, ки дар

посп чойгиранд, бидуни истисноп ҳаҷму андозаи онҳо мебинанд.

**Сохторият.** Идрок маҷмӯи оддиву муқаррарии таассурот маҳсуб намегардад. Амалан аз ҷониби мо сохтори ҷамъбастӣ дарк ва қабул карда мешавад. Масалан, мо мусиқиро гӯш карда, на овозҳои алоҳида, балки савту наворо дарку қабул менамоем ва фаҳмида мегирем, ки он кай аз ҷониби оркестр, кай дар роял ва кай ба таври вокалӣ иҷро карда мешавад, агарчи садоҳои ҷудогона низ таассуроту эҳсосоти гуногун мебахшанд.

**Маънидорӣ**. Идрок бо тафаккур ва фаҳмиши моҳияти ашёву ҷисмҳо робитаи зич дорад.

**Таъсиргузорӣ**. Он дар ҷудосозии афзалиянокии як гурӯҳи объектҳо нисбат ба дигар объектҳо зоҳир мегардад.

Якчанд **шаклҳои идрок** таъсир мерасонанд: идроки предметҳо (ашёву ҷисмҳо), вақт, муносибатҳо, ҳаракатҳо, макон, инсон.

Идроки предметҳо метавонад хатою барғалат бошад. Саҳву хатоҳо (ғалатҳои тасаввур) дар фаъолияти асбобҳои гуногуни таҳлил зоҳир мегарданд. Аз ҳама маълумтаринашон фиребҳои назар (биниш) ҳисоб меёбанд. Онҳо ба сабабҳои аз ҳама гуногун вобаста мебошанд, ки инҳоянд: таҷрибаи амалии инсон, хусусиятҳои асбобҳои таҳлил, тағйироти шароитҳои идрок ва амсоли инҳо.

Дар психологияи равандҳои маърифатӣ категорияи образ чизи асосӣ ба шумор меравад. Он ба сифати марҳалаи аввал ва ҳамзамон чун натиҷаи ҳар як амали маърифатӣ баромад мекунад. Ба маънии васеи калима таҳти мафҳуми образ ҳама гуна шаклҳои субъективии (аз он ҷумла асбрактикию мантикии) инъикоси воқеият фаҳмида мешавад. Ба маънии аз ҳама маҳдуди калима ин истилоҳ барои он истифода карда мешавад, ки шаклҳои эҳсосотии инъикосоте нишон дода шаванд, ки табиати ҳиссӣ (образҳои ҳиссиёт, таассурот, идрок, образҳои пайдарҳаму мантиқӣ) ё сохтаҳиссӣ (образҳои хотирот, хаёлот, таваҳҳум, хобу рӯъё) доранд.

Ҳангоми тасвири раванди офаридани образи объекти дарку эҳсосшаванда **парадигмаи хавасмандию фаъолиятмандиро** фарқ мекунанд.

Парадигмаи ҳавасмандӣ раванди офаридани образро ҳамчун раванди ангехт (беихтиёронаю бешуурона) муоина мекунад, ки дар он метавон марҳалаҳои зеринро муайян кард:

Дарёфт ва селексияи таассуроти ҳиссии модалнокии гуногун аз таъсири ангезандаҳо ба организм.

Дарёфтани образи мураккаби комили предмет аз чунин таассурот ба шарофати ба онҳо пайвастани образҳои хотирот оид ба таъсири пешинаи ҳамин предмет ба узвҳои ҳисси ҳамон модалнокӣ таъсири бағоят муҳиму воқеӣ маҳсуб мегардад.

Дар образи ҳиссие, ки бад-ин тариқ дарёфт гардидааст, кор фармудани тарзу усулҳои мухталифи такмили маъноӣ (ҷамъбаст, гурӯҳбандӣ, таҷдидгардонӣ).

## Маънидории идрок. Донистан

Хусусияти хоси идроки инсон маънидории он маҳсуб мегардад. Одамизод предмету зуҳуроти воқеиятро дарк карда, онҳоро мувофиқи маъниҳои дарёфтаи пешин ва таҷрибаи амалии худ шарҳу эзоҳ медиҳад.

Донистан ҳамеша ба *аломатҳои мутафарриқаи предметҳое* истинод мекунад, ки онҳоро ба роҳбарӣ гирифта, инсон ба ин ё он гурӯҳ, бидуни ҷудо кардани ҳамаи аломатҳояшон, муносибат менамояд. Бинобар ин, ташкили низоми равобити муваққатӣ барои дарки предмет аз рӯйи аломатҳои ҷудогонаи он аҳамияти бағоят калон дорад.

## Таъсиргузории идрок

***Таъсиргузории идрок аз ҷудосозии афзалиятнокии як гурӯҳи объектҳо (ё як гурӯҳи хусусияту аломат ва сифатҳои предметҳо) нисбат ба дигар объектҳо иборат мебошад.***

Заминаи физиологии он – афзалияти як манбаи барангезиш дар қишри майна ҳангоми боздории ҳамзамони (бар асари индуксияи манфӣ) дигар қисматҳои қишр маҳсуб мегардад.

Дар таъсиргузории идрок он багоят нақши муҳим мебозад, ки вай мудом *дар иҷрои ягон хел фаъолият*

(истеҳсолӣ, илмӣ) ҳамроҳ карда шудааст, аз ин рӯ, ҳамеша тобеи ин фаъолият мебошад. Ин ё он предмет, вобаста ба он ки инсон дар назди худ чӣ гуна вазифа мегузорад, метавонад ба тарзи гуногун қабулу дарк карда шавад. Дар сурати вуҷуд надоштани вазифаи муайян идрок бағоят нопурра шуда метавонад.

## Идроки хусусиятҳои маконии предметҳо

Макону замон – шаклҳои асосии мавҷудияти материя маҳсуб мегарданд. Ҳамаи предметҳо дар доираи макон ва замон вуҷуд доранд.

Мушоҳидакорӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти инсон зарур аст. Ихтироъкорону навоварони истеҳсолот, олимону нависандагон, рассомону актёрон ҳамеша аз рӯйи мушоҳидакории зиёди худ фарқ мекунанд: онҳо бештар аз рӯйи мушоҳидакорӣ (мушоҳидаю назорат ба зуҳуроти табиат, обу ҳаво, сабзиши растаниҳо, ҳаракату рафтори ҳайвонот, машғулият ба меҳнат, корҳои лабораторӣ ва амсоли инҳо ба комёбиву дастовардҳои худ ноил гардидаанд.

## Фарқият ва идрокоти фардӣ

Тафовутҳо дар таҷрибаи ҳаётӣ, дар донишу ақида ва манфиатҳо, дар муносибатҳои эҳсосотии одамон ба предмету зуҳурот ва воқеият фарқият ва идрокоти зиёди фардиро тавлид месозанд. Онҳо ҳам ба пуррагию аниқӣ ва тезии идрок, ҳам ба хусусияти аҳли ҷомеа ва тобишҳои эҳсосотии он таъсир мерасонанд.

Фарқият ва идрокоти зиёди фардӣ аз рӯйи дараҷоти тафриқагузорӣ ва ҷамъбастсозии низомҳои ташкилёфтаи пешини робитаҳои муваққатӣ эътироф карда мешаванд. Тафриқагузории нокифояи робитаҳои муваққатӣ боиси нопуррагию ноаниқии идрокот мегардад, ки одатан бо иловаҳои гуногуни субъективӣ пурра карда мешаванд ва аксар вақт ҳангоми баланд шудани барангезиши эҳсосотии инсон мушоҳида мегарданд.

## Диққат

Ба инсон бисёр предмету зуҳуроте, ки хусусиятҳои гуногун доранд, пайваста таъсир мерасонанд. Аз ҳамаи ин дар ҳар як лаҳза танҳо андаке ё камеашон равшан дарк карда мешаванд. Тамоми боқимондаҳояшон ё умуман мушоҳида карда намешаванд, ё хираю мубҳам, номуайяну норавшан ба чашм бармехӯранд. Инсон ба ёд оварда, хаёлу тасаввур ва фикру мулоҳиза намуда, инчунин ба ягон чизи муайяну маҳдуд (ки объекти тасаввурот ё афкор низ мебошад) диққаташро ҷалб мекунад ва аз тамоми чизи боқимонда таваҷҷӯҳашро дур месозад.

Барои тамоми шаклҳои фаъолияти рӯҳӣ низ худи ҳамин чиз хос аст.

**Диққат** – ин самтгирии фаъолияти рӯҳӣ, шуури инсон ба як навъи предмету зуҳурот ё ба як навъи хусусияту сифат ва ҳолатҳои равонии онҳо маҳсуб мегардад, ки ҳангоми дар як вақт аз тамоми навъҳои боқимонда дур шудани таваҷҷӯҳ диққатро ба ҳамин предмету зуҳурот (ё ба ин ё дигар хусусияту сифат ва ҳолатҳои рӯҳӣ) ҷалб месозад.

**Диққати беихтиёрона** – самтгирии фаъолияти рӯҳӣ ба ин ё дигар предметҳо ё зуҳурот метавонад бар асари худи хусусиятҳои таъсиррасонии ангезандаҳои предметҳо ба инсон ба таври тасодуфию беихтиёрона ба амал ояд. Диққате, ки ҳамин тавр ба вуҷуд меояд, мувофиқан **тасодуфӣ, беихтиёрона** номида мешавад.

Манбаи муҳими диққати беихтиёрона – навъи предмету зуҳурот маҳсуб мегардад. Чизи нав ба осонӣ предмети диққату таваҷҷӯҳ мегардад. Тамоми чизҳои якрангу қолабӣ, якхелаю муқаррарӣ диққатро ба худ ҷалб намесозанд. Чизи нав объекти таваҷҷӯҳ қарор мегирад, вале ба ҳамон андозае, ки он чӣ қадар метавонад фаҳмо бошад ё ба сарфаҳмравии он водор намояд.

**Диққати худраъёна** аз таваҷҷӯҳи беихтиёрона фарқ мекунад. Диққати худраъёна ихтиёран ва қасдан самтгирии водорсозандаи фаъолияти рӯҳиро ифода мекунад.

Дар мавридҳое, ки диққати ихтиёран водорсозанда ба ягон чизи ғайру берунае ҷалб кара намешавад, ки ба иҷрои фаъолият монеъ гардад, он бидуни ҷидду ҷаҳди махсус нигоҳ

дошта мешавад. Лекин дар бисёр мавридҳо, чунин нигоҳдории бемамониатӣ диққати худраъёна бар асари амалу таъсири ангезандаҳои беруна имконнопазир мегардад ва баъзан ҷиду ҷаҳди комилан зиёд ва чораю тадбирҳои махсусро талаб мекунад.

**Хусусиятҳои диққат**, таваҷҷӯҳро тавсиф намуда, аз рӯйи дараҷаи таҷаммӯи (бодиққтии) он, тақсимоти диққат, устуворӣ ё муҷаррадии он ва ҷалби диққатро ба ҷойи дигар фарқ менамоянд.

*Бодиққатии (ё таҷаммӯи)* таваҷҷӯҳ – ин ҷудо кардани доираи табиии объектҳоест, ки диққат ба он нигаронида шудааст. Ҳар қадар доираи объектҳои таваҷҷӯҳ аниқтару саҳеҳтар бошад, ҳамон андоза он бодиққаттар (таҷаммӯътар) мешавад.

Бодиққатии таваҷҷӯҳ аз ҷиҳати физиологӣ – ин ифодаи равшани маҳдудияти манбаи барангезиши мувофиқест дар қишри майна.

Миқдори объектҳое, ки ҳангоми дарки яквақтаашон таваҷҷӯҳ ба онҳо нигаронида мешавад, андозаи диққатро ташкил медиҳанд.

Андозаи диққат ҳам аз хусусиятҳои предметҳои идрокшаванда, ҳам аз вазифаю хусусиятҳои фаъолияти инсони дарксозанда вобаста мебошад.

**Ҳаққонияти (ё ҷиддияти)** диққат аз рӯйи дараҷаи самтгирии он ба ҳамин объектҳо ва ҳамзамон аз тамоми объектҳои боқимона дур сохтани таваҷҷӯҳ тавсиф карда мешавад. Ин ифодаи аз ҳама равшантари он аст, ки умуман диққатро тавсиф месозад. Ҳангоми диққати ҷиддӣ инсон комилан ба он чизе дода мешавад, ки таваҷҷӯҳ ба он равона гардидааст, ғайр аз ин, чизеро, ки дар гирду атрофи ӯ ба амал меояд, намебинад ва намешунавад. Онҳо алалхусус ба кормандони эҷодӣ таъсир мерасонанд.

**Тақсимоти диққат** – ин он ҳолати таваҷҷӯҳ аст, ки ҳангоми иҷрои ду ё якчанд амал рух медиҳад. Мисолҳои тақсимоти диққат инҳо шуда метавонанд: аз ҷониби рונанда дарк карда шудани он чизе, ки дар роҳи автомошинҳо мавриди танзими ҳамзамони гардишҳо ва суръати ҳаракат вомехӯрад; ҳангоми назорати яквақта ба он, ки одамон худро дар кор чӣ тавр идора мекунанд.

*Устувории диққат* – ин нигоҳдории дурударозу тӯлонии он ягон чизерост, ки тобеи як вазифаи умумӣ мебошад. Ин тавсифи устувории диққат аз рӯйи замон маҳсуб мегардад. Устувории диққат маънии аз рӯйи вақту замони худи ҳамон як объект самтгирии онро надорад. Объектҳои амалҳо ва худи амалҳо метавонанд тағйир ёбанд (ва онҳо ҳақиқатан ҳам зуд-зуд тағйир меёбанд), лекин самти умумии фаъолият бояд доимӣ бимонад.

***Муҳиммияти диққатро аз ҷалбшавӣ ё ҷалбсозии таваҷҷӯҳ ба чизи дигар, ҳамчун гузариш ба соири фаъолияте, ки тобеи вазифаи нав аст, бояд фарқ кард.***

***Лаҳза ба лаҳза ба тарафи дигар ҷалбсозӣ ё сусткунии таваҷҷӯҳе, ки бо баргашт ба худи ҳамон объект ё бо ҷидду ҷаҳди самтгирӣ ба он омезиш меёбад, тағйирёбии диққат номида мешавад.***

**Мухолифати диққат сустии таваҷҷӯҳ ба шумор меравад.** Ин ҳамон ҳолатест, ки инсон ба ягон чиз ба таври асоснок ва тӯлонӣ диққаташро боздошта наметавонад, илова бар ин таваҷҷӯҳи ӯ дурудароз чизеро ба худ ҷалб намесозад ва ҳамин лаҳза метавонад ҷояшро ба ягон чизи дигар диҳад.

Чунин ҳолат, ки номуташаккилии пурраи фаъолиятро тавсиф менамояд, аксар вақт ба ҳолати хастагию кӯфтагии зиёд мерасад. Он аз ҷиҳати физиологӣ маънии дар қишри майна қадре ҳам вуҷуд надоштани манбаи қавию устувори барангезишро дорад.

**Вазифаи диққат**. Диққат дар ҳаёт ва фаъолияти инсон вазифаҳои зиёди гуногунро иҷро менамояд. Он дар ҳамин лаҳзаи равандҳои психологию физиологӣ чизҳои даркориро метезонад ва чизҳои нолозимро бозмедорад, ба интихоби муташаккилонаю мақсадноки вуруди иттилоот ба организм мувофиқи талаботи мавҷудаю воқеии он мусоидат менамояд, ба худи ҳамон як объект ё шакли кор нигаронидани фаъолияти рӯҳиро таъмин мекунад.

Шаклҳои асосии диққатро дида мебароем. Онҳо чунин шаклҳоянд: диққати табиӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ вобаста, таваҷҷӯҳи беихтиёрона, худраъёна ва баъдихудраъёна, диққати ҳиссӣ ва зеҳнӣ.

Аз рӯйи фаъолиятмандии инсон дар ташкили диққат се шакли онро фарқ мекунанд: беихтиёрона, худраъёна ва баъдихудраъёна.

Шаклҳои диққат. **Диққати табиӣ** ба инсон ҳамчун қобилияти модарзодии интихобан эътино кардан ба ин ё он омили ботиние дода шудааст, ки дар худ унсурҳои навигариҳои иттилоотиро дорад. Механизми асосие, ки кори чунин диққатро таъмин месозад, рефлексӣ роҳнамо номида мешавад. Он, чи тавре ки мо аллакай қайд кардем, бо фаъолиятмандии форматсияи ретикулиярӣ ва нейронҳо, детекторҳои навигариҳо алоқаманд мебошад.

**Диққати аз ҷиҳати иҷтимоӣ вобаста** дар тӯли ҳаёт ҳамчун натиҷаи таҷрибаи инсон таркиб ва ташаккул меёбад: он бо танзими иродавии рафтор, бо таъсиргузаронӣ ва эътинои бошуурона ба объектҳо робитаи зич дорад.

**Диққати бевосита (мустақим)** ба ҳеҷ чизи дигаре нигаронида намешавад, ғайр аз ҳамон объекте, ки таваҷҷӯҳ ба он равона гардидааст ва он ба манфиату талаботи воқеии инсон муфофиқат менамояд.

**Диққати бавосита (ғайримустақим)** бо ёрии воситаҳои махсус, масалан, имову ишора, сухан, аломатҳои ишоратӣ ва предметҳо танзим карда мешавад.

Ҷалби диққат ба фаъолияти эҷодӣ аҳамияти бағоят калон дорад. Зарурати ин ба хусусиятҳои хоси худи раванд вобаста мебошад: бадалшавии предметҳои гуногун дар давоми рӯз, пайдарҳамии марҳалаҳое, ки ивазшавии намуду шаклҳои фаъолиятро дар назар дорад.

# ХОТИРОТ, ТАСАВВУРОТ, ТАХАЙЮЛОТ, ИНКИШОФИ ОНҲО ДАР КАЛОНСОЛОН

## Хотирот

**Хотирот, тасаввурот ва тахайюлот** – инҳо шаклҳои мураккаби инъикоси воқеият ба шумор меравaнд. Ҳар яке аз ин шаклҳо хусусиятҳои худро доранд, ки инсон онҳоро бояд дар фаъолияти касбии хеш ба эътибор гирад.

**Хотирот – ин равандҳои баёдгирӣ, нигоҳдорӣ ва таҷдиди минбаъдаи он чизест, ки инсон чӣ кор мекард, чӣ эҳсос менамуду аз сар мегузаронд ва чиро дарк месохт.** Ин равандҳо аз самтгирӣ, мизоҷу табъ, хислату хулқ, лаёқату қобилияти одамизод, инчунин аз таҷрибаю ҳолатҳои рӯҳии ӯ низ вобаста мебошанд.

**Механизми асосии физиологии хотирот** ташкила, нигоҳдорӣ ва дар мағзи сар эҳёсозии робитаҳои муваққатии асабии ҳам пахустсигналдиҳӣ ва ҳам сонисигналдиҳӣ маҳсуб мегардад. Дар баёдгирӣ ва нигоҳдорӣ на танҳо қишри майна, балки зерқишр низ иштирок менамояд. Таҳти таъсири беруна дар ҳуҷайраҳои майна тағйироти сохторӣ, дигаргунии биологӣ, даврзанию гардиши импулсҳо ба амал меояд. Онҳо ба ҳамдигар алоқаманд мешаванд, дар майна «асар», як навъ «нақш» мегузоранд, ки филфавр ё баъди чанд муддат метавонанд боз эҳё бигарданд.

Ба шарофати ин «нақшҳо» инсон дар майна таҷрибаи худ, донишҳои хешро нигоҳ медорад ва таҷдид месозад.

Вобаста ба он ки чӣ чиз дар ёд нигоҳ дошта мешавад, **хотироти образнок, муҳаррикӣ, шифоҳию мантиқӣ ва эҳсосотиро ҷудо менамоянд.**

Хотирот метавонад кӯтоҳмуддат ва дарозмӯҳлат (бардавом) шавад. Хотироти кӯтоҳмуддат – ин на танҳо ба вуҷуд омадани образҳои нав, балки образҳои кӯҳна, яъне умуман тасаввуроту таҷрибаи аллакай мавҷудаи инсон низ маҳсуб мегардад. Хотироти кӯтоҳмуддат образҳоро баҳри истифодаи фаврӣ дар ҳолати омодагӣ нигоҳ медорад. Нақшҳои хотироти кӯтоҳмуддат ҳамчун натоиҷи равандҳои идроки ҷорӣ ба вуҷуд меоянд. Онҳо чандон дер боқӣ намемонанд. Нақшҳои хотироти дарозмӯҳлат бошанд

дахсолаҳо, баъзеҳояшон тамоми ҳаёт нигоҳ дошта мешаванд. Нақшҳо аз таассурот дарҳол устувор намегарданд, барои ин даҳҳо сония, ҳатто дақиқаҳо (баъзан то 40 дақиқа) лозиманд, монеаҳои қавии зоҳирӣ ё ботинӣ метавонанд қайду тақрири изҳоро қатъ созанд.

Ҳар яке аз равандҳои хотирот хусусиятҳои худро дорад.

Баёдгирӣ (дар хотир нақшбандонӣ) метавонад беихтиёрона бошад, агар бидуни иродаи шумо, бе мақсад ва ҷидду ҷаҳди махсус иҷро карда шавад ва метавонад худраъёна бошад, агар мо дар назди худ мақсад гузорем, ки ягон чизро дар хотир нигоҳ дорем. Баёдгириро ба тарзи ҳифзсозии қориёна ва маъноӣ ҷудо мекунанд. Ин тақсимот аз он вобаста аст, ки онҳо чӣ тавр амалӣ гардонида мешаванд.

Ҳангоми **баёдгирии қориёна** объектҳо бидуни дар онҳо ҷудо кардани ҷиҳати асосию махсус дар хотир нигоҳ дошта мешаванд. Ин тарзи баёдгирӣ ба ҷамъбасти мавод, дарки амиқу чуқури он, истифодаи услубу усулҳои махсус робитае надорад. **Баёдгирии маъноӣ ё мантиқӣ** фаҳмиши амиқу чуқур, аниқсозии маънии маводи мавриди омӯзиш, ҷиҳати асосии он, сабабу оқибат, муносибатҳои байни куллу ҷузъ, қавоиди умумӣ ва далелҳои мушаххасро талаб менамояд.

Ба тарзи баёдгирии хубу беҳтар мусоидат кардан бағоят муҳим аст.

Пеш аз ҳама, муҳим аст, ки аҳамият ва зарурати баёдгирӣ равшану аниқ карда, дастури мудовамат ва дақиқияти нигоҳдории маълумотҳо дар хотирот ба вуҷуд оварда шавад. Дар ин ҷода бояд бодиққат кор кард. Барои он ки хуб дар хотир нигоҳ дошт, бояд маводро аз худ, дарк ва ҳамаҷонибаю пурра фикру мулоҳиза намуд, онро конспект кард. Барои баёдгирии матн беҳтараш бояд нақша тартиб дод. Аз рӯйи маълумотҳои баъзе таҳқиқотҳо, мураттабсозии нақшаи маводи мавриди баёдгирӣ миқдори иттилооти ҳифзталабро ду баробар зиёд мекунад. Он чиз беҳтар дар хотир нигоҳ дошта мешавад, ки мазмуну мӯҳтавои мақсади асосии фаъолиятро ташкил медиҳад ва предмети фаъолият ба шумор меравад.

Барои баёдгирӣ фаъолияти пуравҷи зеҳнӣ аҳамияти муҳим дорад: муқоисаи донишҳои нав бо донишҳои аллакай

азхудшуда, чизҳои номаълуму номуайян бо чизҳои маълуму муайян, дарёфтани монандӣ ва тафовут дар мавод, пайвастани хондан бо навиштан, истифодаи амалии қоидаҳои назариявии гузориши саволҳо ва ҷавоб ба онҳо ва амсоли инҳо.

**Нигоҳдорӣ** дар хотирот – ин раванди дарки минбаъдаи маводи дар хотирот устуворгардида ва аз худ кардани он мебошад. Ягон чизро дар хотир нигоҳ дошта, инсон дурудароз андеша намуда ба қароре меояд, тобишҳои маъноиро такмил медиҳад, ҷамъбаст мекунад ва хулоса мебарорад.

Танзиму такрири робитаҳо бо чизҳои пештар дар хотир нигоҳдошташуда ба амал меояд, ҷанбаю ҷиҳати асосӣ ҷудо карда мешавад. Чизҳои дар ёд нақшбаста ва даркгардида алалхусус дар хотир дурудароз нигоҳ дошта мешаванд. Тамоми он чизе, ки шавқу рағбати зиёд, эҳсосоти пурзӯру қавӣ ба вуҷуд меорад, инчунин ҳамаи он чизе, ки бо касбу ихтисос, таҷрибаи ҳаётӣ ва фаъолияти минбаъдаи инсон алоқаманд аст, дар ёд хуб маҳфуз мемонад. Нигоҳдории ин ё он мавод дар хотир бо ёрии такрори доимию муттасил, василаи вуруди бештари донишҳои андӯхтаи пешин ба фаъолият рӯй медиҳад. Тартиботи дурусти рӯзандарҳамин айни муддаои фароғату кор, хоби мӯътадил, аҳволи умумии хуб аҳамияти бағоят муҳим дорад.

Ҳамзамон баробари нигоҳдории донишҳо дар хотир раванди баръакс - азёдбарорӣ низ ба амал меояд. Дараҷаи азёдбарорӣ аз бисёр ҷиҳат аз он вобаста аст, ки инсон маводи пештар омӯхтаашро то чӣ андоза зуд-зуд ва чуқуру ҳамаҷониба такрор менамояд. Ғайр аз ин фаромӯшсозӣ ҳамчунин метавонад бар асари беморӣ, ғаму андӯҳ ва таассуроти амиқ ба амал ояд. Барангезиши эҳсосот ва шиддату ҳаяҷони умумие, ки дар вазъияту ҳолати мураккаб рӯй медиҳанд, метавонанд сабаби азёдбарории муваққатӣ ва баъзан фаромӯшсозии пурра гарданд. Ба азёдбарорӣ хастагию мондашавӣ ва бемадории аз ҳад зиёд низ ҳамин гуна таъсир мерасонад.

Ба хотирот **таҷдид** – истиқрори чизҳои азбаршудаи пешин дар шуур хос мебошад. Пуррагию мукаммалӣ ва аниқию

дақиқии таҷдид – меъёрҳои баёдгирӣ ва нигоҳдорӣ маҳсуб мегарданд.

Таҷдид метавонад шакли фаъол ва мақсаднок – *бахотиррасонӣ* дошта бошад, ки он устуворӣ, ҷидду ҷаҳд, истифодаи тарзу усулҳои махсусро талаб мекунад. Барои он ки ба хотир биоварӣ, бояд кӯшиш бинамоӣ, ки объекту шароитҳоеро, ки амалу рафтор дар онҳо ба вуқӯъ пайвастааст, инчунин объектҳои шабеҳу маълум ё мухталифу гуногунро ба худ тасаввур бикунӣ.

Шакли аз ҳама осони таҷдид – *донистан* мебошад. Он дар сурати идроки дубораю такрории объект ба вуқӯъ меояд. Масалан, хонандагон мавзӯъ ё дарси пешинро такрор карда, ҷузъиёти онро аз нав дида мебароянд. Донистан низ ҳамчун фаромӯшсозӣ метавонад пурраю мукаммал ва нопурраю ҷузъӣ бошад. Ин аз хусусиятҳои хотирот ва устувории донишҳо вобастагӣ дорад.

Донистан аксар вақт дар одамон хаёли хоми азбарсозии пурраи маводро эҷод менамояд, ки онро метавон бо роҳи тафтиш ва худтафтишкунӣ аз миён бардошт.

Хотиротро чӣ тавр бояд инкишоф дод? Хотироти одамон беҳтар мешавад, агар шуурнокӣ ва масъулиятнокии онҳо бахри натиҷаҳои фаъолияташон баланд гардад. Бемасъулиятӣ, бепарвоию фориғболӣ ва фаромӯшхотирӣ аксар вақт ҳамҷаворӣ доранд. Дар инкишофи хотирот машқдиҳии он дар шароитҳои мураккабу зудтағйирёбанда, ҳангоми иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ аҳамияти калон касб менамояд.

Худтарбиякунии хотирот аҳамияти бағоят муҳим дорад. Машқдиҳӣ дар бобати баёдгирии аниқу дақиқ ва таҷдиди чизи асосӣ, баъдан бошад ҷузъиёти он дар кори худ, хотиротро беҳтар месозад. Дар назди баёдгирӣ чунин вазифаҳое гузоштан муфиду судманд мебошад, ки онҳо имкониятҳои инсонро як андоза баланд бардошта тавонанд. Устуворӣ, бодиққатӣ, одати ба охир расонидани кори оғознамуда, боинтизомию муташаккилӣ дар кор ба инкишофи хотирот кӯмак мерасонанд.

Хотироти ҳар як инсон хусусиятҳои худро дорад. Яке маводи аёниро нағз дар ёд нигоҳ медорад, дигаре – ададҳои мафҳум ё рақамҳоро. Одамоне ҳастанд, ки чизҳои дидаашон

(навъи биноии хотирот), дигарон – чизҳои шунидаашон (навъи шунавоӣ) ва сеюмиҳо он чизеро нағз дар хотир нигоҳ медоранд, ки предмети фаъолияти муҳаррикии онҳо (навъи муҳаррикӣ) маҳсуб мегардад. Баъзе одамон мекӯшанд, ки сатҳию рӯякӣ ва қориёна ба ёд гиранд, дигарон кошанд, мехоҳанд, ки мантиқан дар хотир нигоҳ доранд. Худи ҳамон як одам шаклҳои гуногуни мавдҳои омодасохтаро як хел дар ёд нигоҳ намедорад. Ҳамаи ин тафовутҳои фардии хотиротро дар кори таълимию тарбиявӣ бо хонандагон ба назар гирифтан зарур аст.

Хотироти одамон баробари инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти онҳо беҳтар мегардад.

## Тасаввурот

Тасаввурот – ин образҳои пештар идрокгардидаи объектҳо ба шумор меравад. Тасаввурот одатан назар ба идрок камтар возеҳу равшан ва устувор аст. Ин аз он ҷиҳат маънидод карда мешавад, ки равандҳои физиологие, ки дар майна ҳангоми инъикоси бевоситаи предмету зуҳурот ба вуҷуд меоянд, назар ба он ки мо ягон чизро тасаввур менамоем, хеле фаъолонатар сурат мегиранд. Вале тасаввуротҳо бештар тағйирпазиру ноустувор ва мутаҳаррику серҳаракатанд, дар онҳо ҷамъбастсозиву хулосабарориҳо зиёдтаранд. Ин нақши онҳоро дар фаъолияти маърифатии инсон баланд мебардорад. Механизми тасаввуррот – кори такрории низоми якуми сигналӣ маҳсуб мегардад. Бар асари робитаи байниҳамдигарии он бо низоми дуввуми сигналӣ ду зуҳурот имконпазир мебошад: аз тасаввурот – ба сухан, аз сухан – ба тасаввурот. Бо ёрии сухан метавон ба тасаввурот таъсир расонд, тасаввуроти наву бештар ҷамъбастӣ эҷод намуд.

**Идроки** инъикоси бевоситаи предметҳо, образҳои равшану возеҳ, аниқу дақиқи предметҳои ҷудогона, устуворию тағйирнопазирии образҳо дар заминаи кори қишрҳои майна дар ҳамин лаҳза ба вуҷуд меояд.

**Тасаввуроти** образҳои пештар идрокгардидаи предметҳо, зуҳуроту ҳодисот камтар возеҳу равшананд, метавонанд

бештар ҷамъбастӣ бошанд: тағйирпазирии образҳо дар заминаи «нақшҳо» дар қишри майна ба амал меоянд.

Тасаввуротҳо дар маърифату дарки олами воқеӣ ва муҳофизату нигоҳдории таҷрибаи инсон нақши муҳим мебозанд. Онҳо заминаи зарурии гузариш аз таассуротҳо ба идроки предмету зуҳуроти мушаххас ва тақрири аёнии робитаю муносибатҳои байнашон, ба маърифату дарки ҷамъбастии воқеият дар шакли тафаккури муҷарради мантиқӣ маҳсуб мегарданд.

Тасаввуротҳо бо чунин равандҳои рӯҳӣ, ба мисли хотирот, тафаккур, хаёлот, эҳсосот ва ирода таъсир мерасонанд. Ба одам ягона чизи барояш муҳимро хотирнишон сохта, метавон фаъолияти тасаввуротҳои муайянро баланд бардошт ва бо ҳамин роҳ ба ҷараёни тафаккури ӯ, ба равандҳои иродавию эҳсосотӣ таъсир расонд. Тасаввуротҳо ба ҳайси такягоҳи донистан ва муқоиса кардани объектҳо, маводи аёнии бунёди хаёлот ва нақшакашии рафтору фаъолият хидмат мекунанд.

**Тасаввуроти ҷудогона** – ин образи объект ё зуҳуроти алоҳида - ҳамкору ҳампешаи худ, ким-кадом як тарзи фаъолият ба шумор меравад.

**Тасаввуроти умумӣ** аз маърифату дарки предметҳои зиёди ҷудогонаи мушобеҳ пайдо мешавад: дар бораи инсон умуман, дар бораи деҳот, дар бораи тайёра ва амсоли инҳо.

Тасаввуротҳо инчунин ба тасаввуроти хотирот ва тасаввуроти хаёлот тақсим мешаванд.

**Тасаввуроти хотирот** – ин образҳои объектҳо ё зуҳуроте, ки мо пештар дарк карда будем, маҳсуб мегарданд. Масалан, ба онҳо тасаввурот дар бораи ниқоби зидди газ, тӯп, радиостансия дохил мешаванд, ки ягон вақт мо дар машғулиятҳо ё машқҳо дар сафи артиш онҳоро омӯхта, ба қисмҳо ҷудою васл ва истифода карда будем.

**Тасаввуроти хаёлот** – инҳо образҳои предмету зуҳуроте ба шумор мераванд, ки мо пештар бевосита дарк накарда будем, лекин онҳо метавонанд ба шарофати азбарсозӣ ва баҳампайвандии як қатор идрокоти дигари пешин дар шуур пайдо шаванд. Масалан, одам таркишҳои ядроӣ ва оқибатҳои онҳоро надидааст, аммо дар бораашон китобҳо хондаю нақлҳо шунидааст, расму кинофилмҳои ҳуҷҷатӣ

дидааст ва тахти таъсири ҳамаи ин дар ӯ оид ба таркиши ядрой тасаввуроти дахлдоре ба вуҷуд меояд.

Шарту роҳҳои дар инсон бомуваффақият инкишоф додани тасаввуротҳои барои ӯ даркорию зарурӣ қадомҳоанд?

Яке аз чунин шартҳо – сабабҳо ва нишондоду дастурҳо мебошанд. Тасаввурот дар бораи предмет ҳамон қадар устувор ва равшану возеҳтар мегардад, ки ин предмет ҳамон андоза объекти таваҷҷӯҳ ва амал қарор гирифта бошад.

Такрори ғайрифаъолу суст ва бе сабабияти дахлдори идроки объект тасаввуротро дар бораи он ташаккул намедиҳад. Далели оддию муқаррарӣ ин нуктаро тасдиқ мекунад.

### Тахайюлот

**Тахайюлот** – фаъолияти шуур – раванди махсуси рӯҳие маҳсуб мегардад, ки дар ҷараёни он дар заминаи тасаввуроту донишҳои мавҷуда образу ғояҳои нав ба вуҷуд меоянд. Вазифаҳо ва талаботу хоҳиш, манфиату эҳсосот, вазъу ҳолатҳое, Ки дар назди инсон меистанд, ба ҳайси сабабу омилҳои тахайюлот хизмат мекунанд.

Ба шарофати тахайёюлот дар шуури мо образҳои зишту қабеҳи на танҳо предмету зуҳуроти идрокгардидаи пешин, балки чунин предмету зуҳуроте низ нақш мебанданд, ки ҳанӯз ба узвҳои эҳсосотамон таъсир нарасондаанд. Инсон метавонад оянддаро ба худ тасаввур бисозад, фикран воқеиятро тағйир бидиҳад, ягон чизи наву ғайримуқарраририро хаёл бикунад.

Тахайюлот ҳамчун фантазия (орзуву ҳавас, сайри хаёлот) сифати сарватҳои бузургтарину беҳамтост. Инсон ба воситаи фикру андеша образҳои нав офарида, хаёлан рӯйдоду ҳодисот, натиҷаҳои меҳнати худро пешбинӣ менамояд, ба оянда назар меандозад. Тахайюлоти воқеию аниқ ба фаҳмишу пешбинии дурусти тағйироти шароиту вазъият мусоидат менамояд, аз таассуру вокуниши номатлуб ба хавфу хатар муҳофизат мекунад, ба дарёфти роҳи аз ҳама мувофиқтари ғалаба кӯмак мерасонад.

Қувва, пуррагию мукаммалӣ ва равшанию барҷастагии образҳо дар одамони гуногун нобаробар инкишоф ёфтаанд. Одамон аз ҳамдигар инчунин аз рӯйи мазмуну мӯҳтаво ва самтгирию тамоюлоти тахайюлот фарқ мекунанд. Боз ботилхаёлпарастон низ вомехӯранд. Онҳо зуд-зуд нақшаҳои худро иваз мекунанд, мақсаду ҳадафҳои устувори пешомадашон калон надоранд.

Таассуроти пешин ва образҳои пештар идрокгардидаи объекту зуҳурот маводи тахайюлот ба шумор мераванд.

Вобаста ба мазмуну мӯҳтавои фаъолият тахайюлоти бадеӣ, илмӣ, техникӣ, педагогӣ ва амсоли инҳоро фарқ менамоянд.

*Тахайюлоти тақаддудӣ* дар заминаи тарҳу нақшаҳо, харитаю тасвирҳо ҷараён мегирад. Дар натиҷаи кори ин шакли тахайюлот ё образҳои предметҳое эҷод мегарданд, ки дар ҳақиқат вуҷуд доранд, ё ба андозаи муайян пуррагию мукаммалӣ ва равшанию барҷастагии манзараи аёнии он чизе ташаккул дода мешавад, ки мавриди тасвир ва инъикос қарор мегирад. Дар раванди *тахайюлоти эҷодӣ* ё образҳои объектҳое офарида мешаванд, ки дар ҳамин вақт вуҷуд надоранд, ё дар офариниши инсон манзараи аслию ҳақиқӣ, равшану возеҳ ва дурусту саҳеҳи он чизе пайдо мешавад, ки дар борааш ӯ хондааст ё шунидааст. Тахайюлоти эҷодӣ – шарти зарурии барору комёбиҳои ҳама гуна фаъолият маҳсуб мегардад. Самаранокии он аз қобилияту лаёқат, донишу таҷриба, матонату суботкорӣ, илҳому рӯҳбаландӣ ва истифодаи тарзу усулҳои эҷоди образҳои нав вобаста мебошад.

Ба ҷумлаи чунин тарзу усулҳои тахайюлот, пеш аз ҳама, ба ҳамдигар пайвастани аломату хусусиятҳои объектҳои гуногун тааллуқ дорад. Масалан, образи аломатҳои танку заврақ, *образи* троллейбус – нишонаҳои трамваю автомобил.

**Тахайюлот** – сифати модарзодии инсон нест. Чун дигар равандҳои рӯҳӣ, он ҳам инкишоф ва такмил меёбад. Қувва ва самтгирию тамоюлоти он аз сабабу мақсадҳои фаъолияти инсон, тафаккури хотирот, аз тасаввуроту таассуроти пештар ҳосилгардида, аз таҷрибаи меҳнатӣ мебошад. Дар одамизод баробари обутоби ғоявӣ, андӯхтани донишу

тасаввуроте, ки барои фаъолият заруранд, тахайюлот низ меафзояд.

Бад-ин тариқ, ба инсон муҳим аст фаромӯш насозад, ки тахайюлот якҷоя бо инкишофи умумии ӯ, такмили тафаккур, ирода, хулқу хислат, лаёқату қобилият ва дигар сифатҳо пайваста беҳтар мегардад. Ҳар қадар дар бораи инкишофи ҳамаҷонибаю муносибати одамизод бештар ғамхорӣ зоҳир карда шавад, лаёқату қобилияти пешгӯию пешбинии ӯ ҳамон андоза пурқуввату пурзӯртар мегардад ва инсон боз ҳам ташаббускоронатару эҷодкоронатар амал менамояд.

# ТАФАККУРИ НУТҚ ВА ФАЪОЛИЯТ

## Тавсифи умумии раванди тафаккур

Тафаккур – зинаи олии аз ҷониби инсон дарк кардани воқеияти объективӣ мебошад. Таассурот ва идрок, ҳамчун зинаҳои аввалини маърифат, ба одам имконият медиҳанд, ки хусусияту сифат ва предметҳои ҷудогонаро дуруст инъикос намояд. Вале шароитҳои объективиро танҳо ба маҷмӯи хусусияту сифат ва предметҳо мансуб донистан мумкин нест. Онҳо хеле мураккабтаранд. Барои он ки мақсаду имкониятҳо дуруст сарфаҳм рафтаю баҳо дода шаванд, зарур аст на танҳо предметҳову зуҳуроти таъсиррасон эҳсос ва дарк гарданд, балки сифату хусусиятҳои равобиту муносиботи байни онҳо низ инъикос ёбанд.

Робитаю муносибатҳои байни предметҳо ва зуҳуроту ҳодисот шайъию моддӣ, ба назар намоёну ламспазир нестанд ва бинобар ин наметавонанд василаи таассуроту идроки инсон инъикос карда шаванд. Инъикоси онҳо дар шуур ба шарофати тафаккур имконпазир мегардад, вале он дар заминаи маводе ба амал меояд, ки василаи таассурот ва идрок ба майна дастрас карда мешаванд. Ҳамаи ин равобиту муносибот дар шуури одамизод ба шарофати раванди тафаккур инъикос меёбанд. *Тафаккур – ин раванди дар шуури инсон инъикос гардидани робитаю муносибатҳои мураккаби байни предметҳо ва зуҳуроту ҳодисоти олами объективӣ мебошад.*

Инъикоси равобиту муносиботи мураккаби воқеияти объективӣ ба туфайли он даст медиҳад, ки дар майнаи инсонӣ иттилооте, ки тавассути таассурот ва идрок ворид мегардад, аз худ карда мешавад. Ин азхудкунӣ – раванди мураккаби муқоисаи чизи инъикосшаванда дар ҳамин лаҳза бо он чизе, ки дар таҷрибаи пешин мунъакис гардида буд, инчунин ҷудо кардани унсурҳои ҷудогонаи вазъу шароит дар система (синтез) ба шумор меравад. Тафаккур он қадар, ки аз ҷудосозии предметҳои шуур ба унсурҳои он иборат аст, ҳамон андоза аз муттаҳидкунии унсурҳои ба ҳамдигар

алоқаманд ва то андозае аз ягонагии онҳо низ иборат мебошад.

Мафҳум ва ҳомили он – сухан ва умуман нутқи инсон воситаи таҳлил ва таркиби (синтези) воқеият маҳсуб мегардад. Забон воқеияти бевоситаи афкор мебошад.

*Мафҳум* – ин ташкилаи мураккаби рӯҳӣ ба шумор меравад. Дар он хусусияту ҷиҳатҳои аз ҳама муҳими предметҳо таҷассум гардидаанд. Ҳамчун инъикоси хусусиятҳои умумии предметҳо, мафҳум натиҷаи таҳлил, таркиб ва муқоисаи аллакай пештар анҷомдодаи он чизест, ки инсон дар ҳамин лаҳза мунъакис месозад. Аз ин рӯ, инсон ягон хел предметро ба сабаби нишон додани қувва – мафҳуми он қабул ва дарк карда, ба моҳияти ин предмет сарфаҳм меравад.

Раванди тафаккурро метавон ҳамчун истеъмолу истифодаи мафҳумҳое муоина кард, ки ифодаи шифоҳӣ доранд ва дар заминаи онҳо таҳлил, таркиб ва муқоисаи чизи инъикосшаванда ба амал меояд. Ин раванд ҳангоми аз ҷониби инсон ҳаллу фасл кардани масъалаю вазифаҳо аз ҳама пурратар зоҳир ва ифода мегардад. Ҳар як одам, ба чӣ коре ӯ машғул нашавад, чӣ коре, ки вай накунад, ҳамеша ин ё он вазифаю масъалаеро ҳаллу фасл менамояд, ки метавонад амалӣ ё фикрию зеҳнӣ бошад. *Вазифаҳои зеҳнӣ (назариявӣ)* дар вазъу шароитҳое пайдо мешаванд, ки зарурати тақрири робитаи байни зуҳурот ва сабаби онро эҷод месозанд. *Вазифаҳои амалӣ* ҳамчун шарту сабаби фаҳмиши вазъияти зарурати ба даст овардани ин ё он мақсад баромад мекунанд. Вазифаҳо низ аз рӯйи мураккабии мазмуну мӯҳтаво ҷудо карда мешаванд.

Вазифаҳои оддие мешаванд, ки дар ҳаллу фасли онҳо тамоми асосҳо дар худи вазъияту шартҳо гузошта шудаанд.

Вазифаҳои мураккабтаре ҳастанд, ки барои ҳаллу фасли онҳо донишҳои қаблан андӯхта талаб карда мешаванд. Масалан, барои бозсозии низоми ҳозиразамони таҳсилот тайёр кардани барномаҳои нав (китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ)-ро пешниҳод менамоем. Барои ҳаллу фасли чунин масъала омодагии хуби пешакии назариявии омӯзишгоҳ, академия, дарси чуқуру амиқ ва ҷамъбастсозии ҳамаҷонибаи таҷриба лозим аст, ки он дар заминаи

тафаккури мантиқӣ гузошта шудааст. Ниҳоят, *вазифаҳои бағоят мураккаб* мешаванд, ки онҳоро таҳти ин ё он нуктаю нишондоди таҷрибаи пешин қарор додан нашояд. Ҳалли чунин вазифаҳо тафаккури эҷодӣ (қолабӣ)-ро тақозо мекунад.

Дар ҳалли ҳар як вазифаю масъала роҳи аз ҳама оқилонаи афкор ҳаст, ки метавон онро дунболагирӣ ва назорат намуд, агар раванди ҳаллу фасл шартан ба даврахои алоҳида ҷудо карда шавад.

Марҳалаи якуми ҳаллу фасли вазифаҳо гузориши масъала мебошад. Дарки он ғайр аз равшану аниқ намудани вазифаҳое, ки бояд ҳаллу фасл карда шаванд, чизи дигаре нест.

Маҳорати фаҳмидани вазифа – сифати муҳими инсон аст. Аз рӯйи он, ки одам вазифаро чӣ тавр аниқу равшан месозад, метавон дар бораи муносибати ӯ ба кор мулоҳиза ронд. Агар ӯ ба иҷрои вазифаи гузошташуда, моҳияти онро нафаҳмида, шурӯъ намояд, пас метавон дар бораи масъулияти нокифояи вай хулоса баровард ва қаблан гуфт, ки вазифа ҳаллу фасл нахоҳад шуд.

Марҳалаи дуюми раванди зеҳнӣ **муайян кардани ҷавоби пешакӣ ба саволи пайдошуда** мебошад. Дар равоншиносӣ ин марҳала бо номи **пешниҳоди фарзия** маъмул аст. Аксар вақт барору муваффақияти ҳаллу фасли вазифаи зеҳнӣ аз маҳорати манзур сохтани фарзияи воқеӣ вобаста мебошад. Саҳву хато дар ин марҳала метавонад фикрро ба сӯйи дигар барад, боиси талафи вақт гардад.

Баъдан раванди тафаккур ба марҳалаи нав, комилан муҳими ҳалли вазифаҳо ворид мегардад. Онро маъмулан **тафтиши фарзия** меноманд. Он вақте бомуваффақият шуда метавонад, ки агар ба инсон ҷамъ овардани иттилооти пурратаре дар бораи далели барояш ҷолиб муяссар гардад ва ба донишу таҷрибаи худ истинод карда, ба ин иттилоот баҳои дуруст диҳад.

Агар маълумотҳои гирдоварда дурустии фарзияро тасдиқ созанд, пас ҳамин ҳалли вазифае ҳисоб меёбад, ки дар назди инсон меистад. Ба шарте ки дар натиҷаи тафтиш фарзия рад карда шавад, пас вазифа ҳалнопазир мемонад ва инсон бояд фарзияи нав пешниҳод созад ва дубора онро тафтиш намояд.

**Амалиётҳои асосӣ, шаклу метод ва намудҳои тафаккур**

Инъикоси равобиту муносиботи олами атроф дар тафаккур дар замина амалиётҳои гуногуне амалӣ гардонда мешавад, ки дар онҳо муносибати мухталиф ба зуҳуроту предмет ифода меёбад. Равоншиносӣ амалиётҳои зерини зеҳниро фарқ мекунад: таҳлил, таркиб (синтез), муқоиса, абстраксия (мафҳуми муҷаррад), ҷаъбаст ва мушаххасгардонӣ.

**Таҳлил** аз ҷудо кардани кулл ба ҷузъҳои таркибӣ, яъне аз ҷудосозии фикрию зеҳнии унсуру хусусият ва аломатҳои ҳамин предмет ё зуҳурот иборат мебошад.

**Синтез – амалиётест баръакси таҳлил.** Синтез – ин истиқрори ҷузъҳои ҷудокардашудаест ба кулл, ки ҳангоми таҳлил дар заминаи равобиту муносиботи байни предметҳо ва зуҳуроту ҳодисот ошкор карда шудаанд.

Умумият ё фарқияти байни предметҳо ё зуҳуроту ҳодисот, ҷиҳату хусусиятҳои сифатии онҳо бо роҳи муқоиса муқаррар карда мешаванд. Масалан, ҳангоми гузаронидани ҷамъбасти муқоиса нишондиҳандаҳои тайёрии сиёсии қисму шӯъбаҳо ва ҳар як одам имконият медиҳанд, ки барору комёбиҳои онҳо эҳсос ва дараҷаи умумии омодагиашон муайян карда шавад.

**Абстраксия** – фикран дур шудан аз ин ё он ҷихат, хусусият ё робитаҳои предмет бо мақсади ҷудо кардани аломатҳои асосию қонунии он.

**Амалиёти зеҳнӣ** – *ҷамъбаст* номида мешавад, маънии аз рӯйи ягон хел аломатҳои умумӣ муттаҳиду якҷоя кардани предмет, афкор ва зуҳуроту ҳодисотро дорад.

Ниҳоят, **мушаххасгардонӣ** – ин ҷудосозӣ ва муоинаи муфассали ягон ҷиҳату ҷанбаи муайяни предмет ё зуҳурот маҳсуб мегардад.

Раванди тафаккур василаи шаклҳои муайян ба амал меояд. Ба онҳо – мафҳум, муҳокима ва хулоса мансуб мебошанд.

**Мафҳум** – ин дар шуури инсон инъикос ёфтани хусусиятҳои умумию асосии предмет ва зуҳурот маҳсуб мегардад. Мафҳум унсури афкор, дараҷаи олии инъикос ва натиҷаи дарки воқеияти атрофи мо ба шумор меравад.

Мафҳум – маҳсули олии майна, самараи олии материя мебошад. Раванди тафаккури инсонӣ маҳз дар заминаи мафҳум инкишоф меёбад. Ҳамзамон мафҳум ин натиҷаи кори мураккаби фикрию зеҳнӣ ва маърифату дарки воқеияти атроф низ маҳсуб мегардад.

Натиҷаи мафҳумро метавон дар мисоли зерин мушоҳида кард. Инсон пеш аз он ки устоди ҳар қадом кор гардад, аз омодагии ҷиддӣ мегузарад. Сипас, дар раванди таълим дар бораи низомҳои алоҳидаи донишҳо маълумот ба даст меорад ва донишҳои ӯ мушаххастар мегарданд. Масалан, вай дониста мегирад, ки ғайр аз андӯхтани донишҳо, маҳорати истифода карда тавонистани онҳо низ зарур аст. Дар ҳамин замина дар ӯ тасаввурот пайдо мешавад. Тадриҷан инсон низомҳои гуногунро равшану возеҳ тасаввур мекардагӣ мешавад, агарчи ҳатто онҳоро дар ҳамин лаҳза набинад ҳам. Минбаъд дар ӯ умуман мафҳуми дурусту ҳамаҷониба ва чуқуру амиқ таволид мегардад: одам он чизи умумиеро дониста мегирад, ки асоси корро ташкил медиҳад. Бад-ин тариқ, инсон аз таассуроти бевосита ба сӯйи мафҳум пеш рафта, донишҳои худро пайваста такмил медиҳад, барои инкишофи маҳорату малакаҳо замина муҳайё месозад. Шакли дигари тафаккур – **муҳокима** мебошад. Фикру андеша кардан – ин, пеш аз ҳама, маънии дар бораи ягон чиз мулоҳизаю муҳокима ронданро дорад. Дар муҳокима ҷамъбасти афкор ифода меёбад: он инкор ё тасдиқи ягон далел, равобит ё муносиботи байни предметҳо ва зуҳуроту ҳодисот маҳсуб мегардад.

**Муҳокима** – ин асоси тамоми раванди ҳаллу фасли вазифаи зеҳнӣ мебошад. Ҳамаи марҳалаҳои ҳаллу фасли он – гузориши масъала, ташаккули фарзия, тафтиши дурусти фарзия – ғайр аз муҳокимае, ки дар ягонагии пайдарпаю мантиқии том муттаҳид гардидаанд, чизи дигаре нест.

Шакли боз ҳам мураккабтари фаъолияти зеҳнӣ **хулоса** ба шумор меравад. Он аз як ё якчанд муҳокима баровардани фикру мулоҳизаи навро дар назар дорад, кори инсон дар бобати баровардани қарор – мисол ва намунаи хулоса мебошад. Вазифаро равшану аниқ карда, ӯ муҳокимаи аввалин, ба донишҳо баҳо дода – мулоҳизаи дуввумин, қарор қабул карда – муҳокимаи сеюминро меоварад.

Ҳамзамон ҳар як муҳокимаи нав аз муҳокимаи пешин бармеояд. Чунин роҳи инкишофи муҳокимаро маъмулан хулоса меноманд.

Амалан фикру андешаи одам дар ягонагии мафҳуму муҳокима ва хулосаҳо ифода меёбад. Ин равандро метавон *муҳокимаронӣ* номид.

Тафаккур метавонад бо роҳҳои гуногун равад, ки онҳоро методҳо меноманд. Ин, пеш аз ҳама, ба раванди хулосабарорӣ дахл дорад.

Яке аз методҳои тафаккур **индуксия** (аксулистиқрой) мебошад. Одамон аз ин метод вақте истифода мекунанд, ки хулосабарориҳо аз далелу барҳони ҷудогонаю алоҳида ба ҷамъбастӣ, ба нуктаю хулосаҳои умумӣ мераванд. Масалан, хонандаи ҷавон зуд мушоҳида менамояд, ки сӯҳбати самимӣ бо яке, мароқ ба андӯхтани донишҳо бо дигаре ва диққату таваҷҷӯҳ ба эҳтиёҷоти оилаи сеюмӣ ба рӯҳияи умумӣ таъсири мусбат мерасонад. Дарк кардани ин далелҳои ягона ӯро ба хулосае меоварад, ки диққату таваҷҷӯҳ ба одамон, ғамхорӣ дар ҳаққи онҳо обрӯю эътибори инсонро баланд мебардорад.

Раванди хулосабарорӣ ба воситаи методи *дедуксия* (истиқрой) ба тартиби баръакс сурат мегирад. Дар ин маврид аз нуктаю нишондоди умумӣ ба сӯйи нуктаю нишондоди ҷузъӣ ва мушаххас хулоса бароварда мешавад. Истифодаи методи дедуктивии тафаккур танҳо вақте имконпазир аст, ки инсон соҳиби донишҳои муайяне мебошад, ки пештар, аз ҷумла бо тарзу усули индуктивӣ низ андӯхтааст. Аз ин рӯ, дедуксия ба индуксия истинод менамояд ва натиҷаҳои онро истифода мекунад. Ин чунин маънӣ дорад, ки истифодаи методи дедуксия ҳамон вақт сермаҳсулу самарабахштар мегардад, ки захираи донишҳо ва таҷрибаи одамизод зиёд бошад.

Ниҳоят, хулоса метавонад аз рӯйи **мушобиҳат** пайдо шавад, вақте ки дар заминаи монандии байни предметҳо ва зуҳуроту ҳодисот хулоса бароварда мешавад. Хулосаҳое, ки бо чунин роҳ бароварда шудаанд, танҳо дар сурате дуруст буда метавонанд, ки агар монандии байни предметҳо ё зуҳуроту ҳодисоти муқоисавӣ аз чизҳои асосию умда ва муҳим иборат бошанд.

Вобаста ба хусусияти фаъолияти инсон тафаккурро ба чунин шаклҳо ҷудо мекунанд: аёнию амалӣ, образнок, ғайривоқеӣ.

**Тафаккури аёнию амалӣ** бевосита ба таркиби фаъолият дохил карда шудааст.

**Тафаккури образнок** дар заминаи образу тасаввуроти он чизе амалӣ гардонда мешавад, ки инсон пештар дарк ва аз худ карда буд. Баъзан ин шакли тафаккур ҳаллу фасли аз ҳама дурусттари вазифаҳоро таъмин месозад.

**Тафаккури ғайривоқеӣ** дар заминаи мафҳумҳои муҷарраде амалӣ гардонда мешавад, ки онҳо ба таври образнок тасаввур карда намешаванд. Чунин шакли тафаккур, масалан, ҳангоми банақшагирии амалиёти калон истифода карда мешавад. Тафаккури ғайривоқеӣ дар асоси донишҳои назарияве, ки бо таҷрибаҳои амалӣ таҳким бахшида мешаванд, инкишоф меёбад. Дар ин сурат амалияи истифодаи мафҳумҳои мураккаби дахлдори ҳамон соҳаи фаъолияте аҳамияти муҳим дорад, ки инсон ба он машғул мебошад. Чунин амалия тавассути баромадҳои муттасил дар семинарҳо ва конференсияҳои илмию амалӣ бо маърӯзаҳои пухта, такмили ҳуҷҷатҳо ва амсоли ин ба даст оварда мешавад. Ба раванди тафаккур иродаи инсон ва эҳсосоте, ки ҳамин вақт ӯ аз сар мегузаронад, таъсир мерасонанд Ирода тафаккурро фаъол мегардонад. Дар айни замон тафаккури одаме, ки иродаи қавӣ надорад, номуташаккил, бетартибу бесарусомон, каммаҳсулу камнатиҷа мешавад. Аз ин рӯ, тафаккурро инкишоф дода, дар бораи рушди иродаи инсон низ бояд ғамхорӣ кард. Ирода ба тафаккур фаъолиятмандӣ, устуворӣ, мақсаднокию ҳадафмандӣ, мустақилияту қатъият мебахшад.

Эҳсосот ва, пеш аз ҳама, эҳсосоти зеҳнӣ низ, ба тафаккур таъсири ҷиддӣ мерасонад. Донишдӯстӣ, тааҷҷубу таҳайюр, боварию дилпурии қатъӣ, ҳатто шакку шубҳа фикру андешаи инсонро сайқал медиҳад. Баръакс, рӯҳияву кайфият баду нохуш, саросемагию саргарангӣ, дилтангию талхкомӣ, маъюсию афсурдахотирӣ, бепарвоию беҳавсалагӣ, рӯҳафтодагию мурдадилӣ ва ҳаминҳо барин эҳсосот ба инкишофи тафаккур монеъ мешаванд. Тарсу ваҳм, даҳшату ваҳшат ба тафаккур таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ин рӯ,

одамони ботаҷриба дар бораи рӯҳбаланду зиндадил, ҳаётдӯсту шодком, бардаму хандонрӯй нигоҳ доштани одамизод ғамхории зиёд зоҳир менамоянд, ки он ҳам ба тафаккур ва ҳам ба фаъолияти амалии инсон таъсири наҷиб мерасонад.

### Инкишофи тафаккури одами калонсол

Тафаккури одами калонсол аз рӯйи як қатор сифатҳои зарурие тавсиф карда мешавад, ки дар ӯ дар рафти фаъолият бо ҳамон тарзи ҳаёти хушахлоқонаю одамдӯстона ташаккул меёбанд. Мавҷудияти ин сифатҳо омодагии психологии фаъолиятро ба андози хеле зиёд таъмин менамояд.

**Зудҳаракатӣ** қобилияти дар лаҳзаи зарурӣ дониш ва таҷрибаи худро зуд ва пурра сафарбар карда тавонистани инсонро ифода месозад. Таҷриба ва дониш – заминаи асосии инкишофи зудҳаракатии тафаккури ӯ ба шумор меравад. Ҳамчунин амалияи аз ҷониби инсон истифода карда шудани он донишҳое нақши муҳим мебозад, ки ӯ соҳиби ҳамин гуна донишҳост.

**Тезҳушӣ** – ин қобилияти инсон дар бораи дар кӯтоҳтарин муддат ҷамъ намудани маълумотҳои дар даст доштааш оид ба предмет ё зуҳурот, таҳлил кардани онҳо ва баровардани хулосаи асоснок мебошад. Ин сифати тафаккур аз баъзе хусусиятҳои умумии шахсияти инсон, майлу рағбат, лаёқату қобилият, феълу атвор ва ҳисси масъулияти ӯ вобаста аст. Тезҳушӣ дар заминаи машқҳои махсус, инчунин дар рафти фаъолияти амалие инкишоф меёбад, ки таассур ва вокуниши зуду босуръатро тақозо менамоянд.

**Мустақилияти тафаккур** дар набудани ноустуворию тағйирпазирӣ, шакку шубҳа, дар мубталонопазирии афкору ақида ба таъсири фикри ғайр ва шахси дигар зоҳир мегардад. Донишу таҷрибаҳое, ки боварию эътимоди ботинии инсонро ба вуҷуд меоранд, афкору ақидаи ӯро аз таъсири ғайр ва шахсони дигар як навъ ҳифз месозанд ва ҷараёну рафти пайдарпаю муттасили онро таъмин менамоянд, аҳамияти бағоят калон доранд.

**Мақсаднокии тафаккури** инсон дар қобилияти ба ягон чизи дигар диққату аҳамият надода, равона сохтани фикру

ақидаҳояш бахри ноил гардидан ба мақсадҳои муайян ифода меёбад. Ҳар касе, ки соҳиби тафаккури мақсаднок бошад, ӯ дар ҳама вазъу ҳолатҳо ҷустуҷӯ менамояд ва роҳи дурусти ҳалли вазифаҳои дар наздаш гузоштаашударо пайдо мекунад. Ин сифати тафаккур дар тағйирнопазирию устувории мақсадҳое зоҳир мегардад, ки фикру ақидаи ӯ ба он ва пайдаҳамии амалҳои зеҳнӣ нигаронида шудааст.

**Ақли комил** имконият медиҳад, ки аз сатҳи чизи равшану возеҳ, бевосита намоён воқиф гардид. Масалан, барои инсони амиқандеш гузориши масъала оид ба тайёр кардани маърӯза ин майлу рағбати оддию муқаррарӣ не, балки нияту мақсади муайянест, ки дар он пайдарҳамии имконпазиру эҳтимолии баёни маърӯза гузошта шудааст.

**Ақли гиро** имконият медиҳад, ки тамоюли инкишофи рӯйдоду ҳодисот дарк карда, тағйиротҳои мавриди пешбинӣ дар он ҷое сари вақт пай бурда шаванд, ки он ҷо зеҳни беамал танҳо ҷойивазкунии муқаррариро эҳсос менамояд.

**Расоии ақл** заминаи эҳтиёткорӣ, ботадбирӣ ва дурандеширо ташкил медиҳад. Ақли расо робитаҳои мураккаби байни предметҳо ва зуҳуроту ҳодисот, он робитаҳоеро мушоҳида мекунад, ки одамони кундфаҳм метавонанд онҳоро пай ҳам набаранд.

Комилию пуррагӣ, гироӣ ва расоии ақл бо роҳи машқдиҳии муттасилу доимии фикру ақидаҳо ва ғанӣ гардондани хотирот бо донишҳое инкишоф меёбад, ки онҳо имконият медиҳанд ба моҳияти предметҳо ва зуҳуроту ҳодисот чуқуру амиқтар сарфаҳм рафта шавад. Ҳамзамон доираи назар ва ҷаҳонбиниро васеъ менамоянд, имконият фароҳам меоваранд, ки ба вазъу ҳолати зудтағйирпазир баҳо дод шавад, ба он мутобиқ гардад ё онро ба манфиатҳои фаъолияти худ тағйир диҳад.

Рӯҳи инсон ва тафаккури он дар шароитҳои фаъолияти касбӣ бояд ба кору амали мӯътадил омода бошанд.

## Нутқ ва фаъолият

Чунонки пеш аз ин қайд карда шуд, тафаккури инсонӣ бо забон бевосита алоқаманд мебошад. Ҳамаи фикру ақидаҳо дар шуури одамизод дар шакли забонӣ, яъне дар шакли

калима ва ибораю ҷумлаҳо пайдо мешаванд, вуҷуд доранд ва сурат мегиранд. Ҳатто ҳамон вақте ҳам, ки инсон хомӯшона андеша мекунад, ӯ фикру ақидаҳои худро «аз дил мегузаронад». **Забон воситаи асосӣ ва махсуси тафаккур, такягоҳи моддии он мебошад.**

Забони инсон на танҳо воситаи тафаккур, балки василаи мубодилаи афкор низ ба шумор меравад. Раванди мубодилаи афкор тавассути забон нутқ номида мешавад.

Нутқу суханронӣ, гуфтугӯю муошират ва мубодилаи афкори байни одамон бо истифодаи калимаҳо сурат мегирад. Таркиби луғавии забон – ин махзани сухан аст. Захираи калимоти инсон ҳар қадар зиёд бошад, ӯ барои интиқоли аниқу пурраи фикру ақидаҳояш ҳамон андоза бештар имконият пайдо мекунад.

Захираи калимаҳо дар раванди фаъолияти амалӣ, хондану қироати адабиёт, китобу асарҳои бадеӣ, илмию сиёсӣ, техникию тиббӣ, фалсафию таърихӣ, шунидани лексияю баромадҳои шифоҳӣ ва баёни хаттии фикру ақидаҳо зиёд мешавад.

Забон ҳамчунин аз рӯйи сохтори грамматикӣ низ тавсиф карда мешавад. Фикру андешаи одам тавлид ва инкишоф меёбад, баён ва ҳифз мегардад ва дар нутқу гуфтор дар заминаи калимаҳое, ки мувофиқи сохтори муайяни грамматикӣ мавриди истифода қарор мегиранд, таҷдид карда мешавад.

**Калима, ҳамчун унсури тафаккур, вазифаи ифодаи предметҳо, инчунин робитаю муносибатҳои байни онҳоро иҷро мекунад.** Ҳама гуна ҳамоҳангии овозҳо, ки калимаро ташкил медиҳад, бо предмети (ё зуҳуроти) муайян алоқаманд мебошад, аз ин рӯ, ҳангоми идроки ин предмет дар шуури инсон калимаи дахлдору мувофиқ, ҳамоҳангии овозҳо ошкор мегардад. Ҳаракатеро дар роҳ пай бурда, фикран ё шунаво муқаррар менамояд: «мошин». Ва баръакс, ин калимаро шунида ё хонда, ӯ тимсоли мошинро тасаввур мекунад.

Дар айни замон калимаро соддаю оддӣ, ҳамчун рамз, нишонаю аломоти шартии предмет фаҳмидан нашояд. Калима имконияти таҳлил, таркиб ва ҷамъбаст кардан дорад. Масалан, калимаи «таълим» аломати шартиест, ки бо

ягон хел предмети мушаххас алоқаманд мебошад. Он синфи предметҳоеро ифода менамояд, ки дар заминаи истифодаи шаклу методҳо алоқаи бесимро таъмин месозанд. Таҳти мафҳуми ин калима метавонад предметҳои (навъҳои) сершумори мушаххасе оварда шавад. Аз ин рӯ, калима, дар ҳамин маврид калимаи «таълим» предметҳоро ҷамъбаст ва муттаҳид мекунад.

Ҳар калима ва калому гуфтор умуман вазифаи дигар – вазифаи муоширати одамонро низ иҷро менамоянд. Имконияти муошырату мубодилаи афкори байни одамон ба воситаи калимаҳо ба он асоснок карда шудааст, ки ҳар як калима тавсифу таърифи фонетикӣ, яъне сохтори гуногуни овозӣ дорад. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки фикру ақидаҳо тавассути калимаҳо баён, талқин ва дарку аз худ карда шаванд.

Муошират, калима ва иборaю ҷумлаҳо нутқро ташкил медиҳанд. Нутқро ба ботинию зоҳирӣ ҷудо мекунанд.

**Нутқи ботинӣ** вазифаи муоширатро иҷро намекунад, он унсури зарурӣ, асоси тафаккур мебошад. Дар мавриди нутқи ботинӣ одатан калимаҳо бо овози паст, дар дил талаффуз карда мешаванд, тартибу низоми овозӣ надоранд. Нутқи ботинӣ аз рӯйи номукаммалию берабтӣ ва кӯтоҳию мухтасарӣ фарқ мекунад.

**Нутқи зоҳирӣ**, баръакс, барои талқини фикру андешаҳо ба дигар одамон, барои муошират бо онҳо дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ таъин гардидааст.

**Нутқи шифоҳӣ** – ин муоширти бевоситаи байни одамон мебошад. Он ба муколама ва монолог ҷудо мешавад.

**Муколама** – ин сӯҳбати одам бо як ё якчанд шахс мебошад. Чунин тарзи гуфтор барои талқин, таҳвилу интиқол, аниқу равшан кардани фикру ақоиди ҳамсӯҳбатон имкониятҳои зиёде дорад. Ин аз он ҷиҳат маънидод карда мешавад, ки онҳо василаи оҳанги овозҳо ва имову ишораҳо калима ва иборaю ҷумлаҳои талаффузшавандаро бо мазмуну мӯҳтавои муассир пуррaю мукаммал мегардонанд. Дар лаҳзаи сӯҳбату гуфтугӯ мусоҳибон фикру ақидаҳоеро, ки пештар баён гардида буданд, ба эътибор мегиранд. Ин қаринаи махсус дар алоқаю муносибати маъноӣ қисми пуррaю мукаммали сӯҳбатҳоро дарбар мегирад. Ин қарина

ҳамеша аз ҷониби мусоҳибон ба назар гирифта мешавад ва тарзу усули гуфтугӯю сӯҳбатҳоро соддаю осонтар мегардонад.

Дар сурате, ки як кас сухан ронаду дигарҳо гӯш кунанд, нутқи шифоҳӣ, хусусияти **монолог** пайдо мекунад.

Аз ин шакли гуфтор инсон ҳангоми дар назди одамон бо лексияю маърӯза ва иттилооту ахборот баромад кардан ва гузаронидани машғулиятҳои гуногун истифода менамояд. Дар ин мавридҳо хусусиятҳои монолог ва имкониятҳои онро бояд ба назар гирфт.

*Нутқи хаттӣ* низ хусусияту имкониятҳои худро дорад. Хусусиятҳои нутқи хаттӣ дарозумрию пойдорӣ ва ҳуҷҷатнокии фикру ақоиди дар онҳо ифодагардида маҳсуб мегарданд. Нутқи хаттӣ имконият медиҳад, ки фикру ақидаҳо ба масофаҳои дур интиқол дода шаванд. Ҳамзамон имкон фароҳам меоварад, ки бо роҳи шиносоии дуввумбора бо матн фикру ақидаҳои дар он ҷойдошта чуқуру амиқ омӯхта, дар мавриди барамздарорӣ махфияти мубодилаи маълумотҳо таъмин карда шавад.

Нуткро низ ба нутқи **фаъол** (гӯянда, нависанда) ва **ғайрифаъол** (шунаванда ва хонанда) ҷудо мекунанд. Нутқи ғайрифаъол, назар ба нутқи фаъол, камтар муҳим нест, чунки азхудкунӣ, фаҳмиш ва иҷрои дурусти фармону амрҳо аз он вобаста мебошанд.

Касбу ихтисос барои инкишофи ҳам нутқи фаъол ва ҳам нутқи ғайрифаъоли инсон имконияти номаҳдуд фароҳам меоварад. Роҳбар дурусту аниқ ва мухтасар баён сохтани фикру ақидаҳои худро баҳри такмили меҳнат пайваста меомӯзад. Ба зердастон омӯхтани мӯҷазу мухтасарбаёнӣ ва пуррраю кофӣ арз намудани вазъу ҳолати кори ба онҳо боваркардашуда мавзӯи ғамхории роҳбар мебошад.

Нутқ – воситаи муоширати байни одамон аст. Аз ин рӯ, ҳар як роҳбар бояд дар бораи инкишофи нутқи худ ва аз рӯйи вазифа дар хусуси рушди нутқи зердастони хеш низ ғамхорӣ намояд.

# ЭҲСОСОТ ВА ҲИССИЁТ

## Қоидаҳои умумии эҳсосот ва ҳиссиёт

***Эҳсосот ва ҳиссиёти инсон – шаклҳои махсуси инъикоси шароит, вазифаҳою объектҳо, ҳодисоту тағйирот ва зуҳуроти муносибати инсон ба тамоми он чизест, ки ӯ дарк ва иҷро мекунад ва дар гирду атроф ба амал меояд.*** Эҳсосот ва ҳиссиёт оламӣ ботинии инсонро ғанӣ мегардонанд, идрокоти ӯро равшану ҳаяҷонбахш ва пурмазмун месозанд, ба фаъолиятмандӣ ва рафъи душворию мушкилот ҳидоят менамоянд. Бидуни эҳсосоти одамӣ – ҷустуҷӯйи инсонии ҳақиқат ҳеҷ гоҳ набуд, нест ва шуда ҳам наметавонад.

Эҳсосот ва ҳиссиёт дар танзими амалу рафтор, омодасозии психофизиологӣ ва мутобиқат ба вазъият иштирок менамоянд.

Ҳиссиёт зоҳиран чунин ифода меёбад: дар ҳаракатҳои муассири чеҳра (қиёфасозию қиёфабозӣ) ва тамоми ҷисм, инчунин дар имову ишорат, оҳангу илҳоми форам. Масалан, хурсандӣ одатан бо табассум ва барқу дурахши чашмон, лаҳни баланди гуфтор баробар ба амал меояд. Одаме, ки ба ғаму кулфат гирифтор аст, бо қомати хам менишинад, суръати гуфтори ӯ сусттар ва оҳанги овозаш пасттар мешавад. Ифодаи зоҳирии эҳсосоту ҳиссиёти инсон ба роҳбари бодиққату боандеша имконият медиҳад, ки ба олами рӯҳию ботинии зердастони худ беҳтар сарфаҳм равад.

Дар эҳсосоту ҳиссиётҳо ва зуҳуроти зоҳирии онҳо боз як қонунияти хеле муҳиме ҳаст, ки дар кору фаъолият аҳамияти бағоят калони амалӣ дорад. Ин қонуният аз он иборат аст, ки **ифодаи зоҳирии эҳсосот ва ҳиссиёти як инсон ба дигар одамон таъсир мерасонад.** Ба онҳо майлу хоҳиш, ҳолати ботинӣ ва муносибат ӯ ба вазифаҳои ҳаётӣ таҳвил мегарданд.

Бо тамоми серсшаклӣ ва гуногунӣ эҳсосот ва ҳиссиёт ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешавад: **тезонандаи фаъолият** ва **водорсозандаи бефаъолиятӣ.** Вале ин танҳо таснифоти умумии эҳсосот ва ҳиссиёт мебошад. Ин таснифот ба он асоснок карда мешавад, ки эҳсосот ва ҳиссиёт дар фаъолияти одамон зоҳир мегарданд ва дар он нақши гуногун мебозанд.

Дар мавриди чунин таснифот тамоми хусусиятҳои эҳсосот ва ҳиссиёт аз рӯйи мазмуну мӯҳтавои онҳо ба назар гирифта намешавад.

Таснифоти аз ҳама қонеъгардонанда он аст, ки **тафовутҳои эҳсосот ва ҳиссиётро** аз рӯйи мураккабиашон ба эътибор мегирад. Дар ин сурат онҳо ба ду гурӯҳи калон ҷудо карда мешаванд: муқаррарӣ (оддӣ) ва мураккаб (олӣ).

Эҳсосоту ҳиссиёти **муқаррарӣ ё оддӣ** ҳангоми қонеъ гардондан ё нагардондани талаботҳои табиӣ ба вуҷуд меоянд. Ба онҳо, масалан, ташнагӣ, гуруснагӣ, инчунин эҳсосотҳое мансубанд, Ки таҳти таъсири вазъу ҳолатҳои бевосита пайдо мешаванд: тарсу ваҳм, изтиробу таҳлука барои ҳаёти худ ва амсоли инҳо.

Эҳсосот ва ҳиссиёти *мураккаб ё олӣ* бар асари дилсӯзию ғамхории инсон нисбат ба Ватан, вазифаю меҳнат, нисбат ба дигар одамон ва сарватҳои илмию бадеӣ пайдо мешаванд. Дар байни эҳсосоту ҳиссиёти олӣ чунин гурӯҳҳои муҳим, ба мисли эҳсосоту ҳиссиёти ахлоқию сиёсӣ ва зеҳнию эстетикиро ҷудо мекунанд.

Ба эҳсосоту ҳиссиёти **ахлоқию сиёсӣ** инҳо тааллуқ доранд: муҳаббат ба Ватан, ба дигар мамлакатҳо, нафрату адоват ба душманон, муҳаббат ба меҳнату вазифа; интернатсионализм, нангу номус, шаъну шараф ва амсоли инҳо.

Ин ҳиссиёту эхсосотҳо бо ҷаҳонбинӣ, эътиқоду ақидаҳои сиёсию маънавӣ, бо тасаввурот дар бораи Ватани худ ва хушбахтии одамони меҳнаткарину заҳматкаш, дар бобати ҳаёт ва кори хеш ба манфиати ҷомеа, инчунин дар бораи тамоми халқҳое, ки баҳри раҳоӣ аз терроризм ва фалокати ядроӣ мубориза мебаранд, робитаи зичу ногусастанӣ доранд. Ин ҳиссиёту эҳсосотҳо дар фаъолияти инсон нақши асосӣ мебозанд. Устувории ахлоқию психологӣ ва мавқеи ӯ дар ҷомеа аз сатҳи инкишофи онҳо вобаста мебошад.

**Эҳсосот ва ҳиссиёти зеҳнӣ** бар асари фаъолияти ақлӣ ва маърифатии инсон, алалхусус ҳангоми ҳаллу фасли вазифаҳои наву душвор пайдо мешаванд. Ба ҳиссиёт ва эҳсосотҳои зеҳнӣ инҳо мутааллиқанд: донишдӯстӣ, боварию эътимод ба дурустии ин ё он нуктаю нишондод, тааҷҷубу таҳайюр, шакку шубҳа. Одатан онҳо тафаккурро сайқал медиҳанд, инсонро маҷбур месозанд, ки ба моҳияти

предметҳо ва зуҳуроту ҳодисот чуқуртар сарфаҳм равад. Илмдӯстиро, ки барангезандаю водорсозандаи муқтадиру тавонои кори маърифатии одам махсуб мегардад, метавон махсус ҷудо кард.

**Эҳсосот ва ҳиссиёти эстетикӣ** – зуҳуроти муносибати эстетикӣ ба воқеият мебошанд. Ба онҳо эҳсосоту ҳиссиёти ваҷду мафтунӣ, кайфу ҳаловат, қаноатмандӣ ва ғайра, инчунин ноқаноатмандӣ, нафрату бадбинӣ ва амсоли инҳо мансубанд. Эҳсосот ва ҳиссиёти эстетикӣ идеал ва дарку фаҳмиши зебоӣ ва нозебоиро ифода менамоянд.

**Рӯҳия** – ин ифодаи нисбатан суст, вале бардавоми ҳолати эҳсосоти инсон аст, ки ба ҳама равандҳои рӯҳии ӯ, ба тамоми фаъолияти вай таъсир мерасонад. Рӯҳияю кайфият аз самтгирӣ, хулқу атвор, табиат, мизоҷу табъ, лаёқату қобилият ва таҷрибаҳои шахсият вобаста мебошад. Сабаби тағйир ёфтани рӯҳия метавонад ягон рӯйдоду ҳодисаи мушаххас, хабари хуш ё нохуш, барор ё нобарорӣ дар кор, зиддияту ҷанҷол бо одамони атроф, ранҷурию беморӣ бошад. Баъзеи онҳо ба фаъолияти одамизод таъсири мусбат, баъзеи дигарашон, баръакс, таъсири манфӣ мерасонанд. Масалан, дар рафти кор рӯҳияи хурсандонаю фараҳбахш ба қобилияти меҳнатии инсон мусоидат мекунад. Ҳолати ноустуворию дудилагӣ, бепарвоию фориғболӣ, бемайлию беранбатӣ, изтиробу ҳаяҷон қобилияти меҳнатӣ ва инкишофи сифатҳои ахлоқию психологии ӯро боз медорад.

**Бехудӣ**. Изтиробу ташвиш ва ҳаяҷони пурзӯри муддати гузаришаш кӯтоҳ бехудӣ номида мешавад.

Мисолҳои бехудӣ: ноумедию маъюсӣ, қаҳру ғазаби сахт, тарсу ҳароси ваҳшатзо. Хушнудию хурсандӣ низ метавонад дар шакли бехудӣ зоҳир гардад. Бехудӣ бар асари таъсири ногаҳонӣ ё хеле пурзӯре ба вуҷуд меояд, ки инсон ба он дарҳол мутобиқ шуда наметавонад. Аксар вақт ин дар натиҷаи ҷанҷолу херхаша ва ихтилофу низоъ бо дигар одамон, бар асари хаставу мондашавии аз ҳад зиёд, бетаваҷҷӯҳию беилтифотӣ, беэҳтиромию бепарвоии бардавом ба ягон дархосту хоҳиш ба вуқӯъ меояд.

**Ташаннуҷи рӯҳӣ** – ҳолати эҳсосотиест, ки дар вазъияти барои инсон душвор ба вуҷуд меояд. Он бар асари вазъияти пурхавфу хатар, талафи одамони наздик, шароитҳои

ғайримуқаррарию ғайриоддӣ, афзудани масъулият, сарбории зиёди зеҳнию иродавӣ, зарурати рафъи хастагии аз ҳад зиёд ва амсоли инҳо пайдо мешавад.

Ҳолати ташаннуҷи рӯҳӣ мақсади муайян ва аҳамияти муҳофизатӣ дорад, чунки захираҳои системаи асаб ва организмро сафарбар месозад, рӯҳу равонро фаъол мегардонад, равандҳои рӯҳиро метезонад. Дар айни замон ташаннуҷи рӯҳӣ метавонад идрок, диққат, хотирот, тафаккур ва дақиқияти ҳаракатро бадтар созад. Зуҳуроти манфии ташаннуҷи рӯҳӣ василаи омодагии психологӣ ба иҷрои вазифаҳо, ташаккули сифату малакаҳои устувор пешгирӣ карда мешавад.

## Хусусиятҳои эҳсосот ва ҳиссиёт

Барои эҳсосот ва ҳиссиёт дар вазъияту ҳолатҳои мураккаб инҳо хосанд: шиддатнокии зиёд, рангорангӣ, гузариш аз як гурӯҳи эҳсосотҳо ба гурӯҳи дигараш. Ин ё якбора ба сафарбар кардани қувваҳо, афзудани имкониятҳои ҷисмонию психологӣ, ё ба халалдор сохтани равандҳои зеҳнию ирода ва умуман вайрон кардани фаъолияти инсон оварда мерасонад. Аз ин ҷо возеҳу равшан мегардад, ки устувории эҳсосотии одам сифати зарурии ӯ мебошад.

Ҷараёни инкишофи эҳсосоту ҳиссиёт, ҳолати эҳсосотии инсон дар раванди иҷрои вазифаҳо шавқу рағбати зиёде ба вуҷуд меоварад.

Масъалаи тарсу ваҳм муоинаи махсусро талаб мекунад. Барои пешгирӣ ва рафъи биму ҳарос шаклу сабабҳои онро донистан бағоят муҳим мебошад. Оддитарнин шакли тарсу ҳарос – **ваҳшат** ба шумор меравад. Ин таассур ва вокуниши эҳсосотиест, ки дар асоси савқи табиии худнигоҳдорӣ ҳангоми бархӯрди бевосита бо хавфу хатар ё якуякбора тағйир ёфтани муҳит ба вуҷуд меояд. Ваҳшат бар асари мулоқоту вохӯриҳои ногаҳонӣ, зилзилаю заминларзаҳо, захмдоршавию ҷароҳатбардориҳо пайдо мешавад. Эҳсосоти ваҳшат бо чашмдошти зуҳуроти хавфу хатар ё омодагӣ ба ягон амалу рафтор бевосита алоқаманд нест. Он инсонро дар ғафлат дармеёбад ва метавонад дарҳол ҷараёни равандҳои рӯҳӣ ва умуман фаъолиятро халалдору вайрон созад.

Мудохилаи шуур, истифодаи таҷрибаи пешин ваҳшатро ба рафтори назоратшаванда табдил медиҳад.

**Хавф** – ҳолати эҳсосотиест, ки дар инсон пеш аз иҷрои вазифа рӯй медиҳад ва бо хатару таваккал ва вазъияти пуртаҳлука алоқаманд мебошад. Аксар вақт ин шакли тарсу ҳарос – натиҷаи камбаҳодиҳӣ ба қувваҳои худ ва баҳодиҳии барзиёд ба мушкилоту душвориҳо мебошад. Агар таваккалу хатар ва таҳлука бузург бошад, пас изтиробу ташвиш, нигаронию беқарорӣ ва нодилпурию дудилагӣ паҳлӯ ба паҳлӯи хафв қадам мезананд. Чунин ҳолатро сарбозони гирборон карданашуда пеш аз набарду корзор дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ эҳсос карда буданд.

**Тарсу ҳарос дар зоти худ** – ҳолати гарону вазнини эҳсосотӣ, афсурдахотирию талхкомӣ, маъюсию дилтангӣ, гамгинию рӯҳафтодагӣ маҳсуб мегардад. Ин намуди тарсу ҳарос дар онҳое пайдо мешавад, ки намедонанд дар вазъияти бавуҷудомада чӣ тавр амал намоянд. Тарсу ҳарос дар зоти худ метавонад на танҳо дар шароитҳои ҳатару таҳлукаи воқеӣ, балки вақте рӯй диҳад, ки инсон таҳдидро ба ҳаёт ва саломатии худ тасаввур ва эҳсос менамояд. Овозаҳои бардурӯг дар бораи атрофиён, паҳн кардани вароқаҳо метавонанд дар одами омодагиаш нокифоя тарсу ҳарос ба вуҷуд оранд.

*Тарсу ҳароси пуризтироб* бар асари вазъияту ҳолатҳои фавқулодда пайдо мешавад ва лаёқату қобилияти амалу рафтори бошууронаро ба ягон муддат карахту фалаҷ месозад.

Ба тарсу ҳароси пуризтироб (аз рӯйи зуҳуроти худ, вале на аз рӯйи механизм) воҳимаи фардӣ қаробату наздикӣ дорад. Манзур сохтани худнаҷотдиҳӣ ба сифати мақсади асосӣ ба рафтори воҳимаангез хос аст. Сабаби он эҳсосоти муҳофизатӣ маҳсуб мегардад, тарзу усули аз ҳама муҳимаш бошад – гурез аз хавфу хатар мебошад.

Аксуттаъсири доимӣ ва аз ҳама боэътимоди тарсу ҳарос ва воҳима – самтгирии шахсиятҳо, сабабҳои олии амалу рафтор, иродаи қатъию устувор, санъату маҳорат ва омодагии ахлоқию психологии онҳо баҳри рафъи ҳама гуна тарсу ҳарос, воҳима ва амсоли инҳо мебошад. Воситаи умумии зидди тарсу ҳарос ва воҳима – донистани вазъу

сухан ронанд. Дар ин маврид одатан аломатҳои бевосита кӯмак мерасонанд.

Иродаи одамон дар раванди рафъи тамоми ин душвориҳо зуҳур ва инкишоф меёбад. Дар ин ҷо кори мақсадноки тарбиявӣ бо онҳо нақши муҳим мебозад.

Раванди иҷрои ин ё он вазифа, ба даст овардани ягон мақсад низ аз рӯйи ирода тавсиф карда мешавад. Ҳангоми иҷрои кору амал санъату маҳорат зоҳир мегардад, малакаҳои инсон ташаккул меёбанд. Миёни сифатҳои иродавӣ ва санъату муҳорат вобастагие ҳаст, агарчи ин вобастагӣ хусусияти ҳатмӣ надошта бошад ҳам. Аз ин рӯ, дар одами сустирода ҳам метавонанд малакаҳои устувори ягон навъи амалу рафтор парварида шаванд. Аммо, чун қоида, ба малака ва маҳорату санъат сифатҳои комилан инкишофёфтаи иродавӣ ҳамроҳӣ мекунанд. Бинобар ин, аксар вақт аз рӯйи сатҳу дараҷаи маҳорату санъат метавон дар бораи сифатҳои иродавии одамизод мулоҳиза ронд.

Иродаи ҳар як инсон аз рӯйи он мақсадҳое тавсиф карда мешавад, ки ӯ дар назди худ мегузорад. Он меҳвари ботиние, ки дар гирдогирдаш ин мақсадҳо гурӯҳбандӣ мешаванд, **самтгирии иродаро** ташкил медиҳад. Ин дар таърифу тавсифи ирода ва сифатҳои иродавии одами мушаххаси дорои иродаи устувору қавӣ нишондиҳандаи аз ҳама муҳим мебошад. Вақте ки сухан дар бораи самтгирии иродаи инсон меравад, пас ба назар гирифта мешавад, ки асоси онро боэътиқодию боварии қатъӣ, дарку фаҳмиши мақсадҳо, аҳамиятнокии ӯҳдадорию вазифаҳо ва садоқат ба худ ташкил медиҳад. Аз ҳамин ҷо хулосаи муҳими педагогӣ бармеояд: инкишофи ирода танҳо аз рафъи мушкилоту монеаҳо иборат аст.

Месазад бигӯем, ки одамони бағоят қавиирода, сустирода ва беирода вомехӯранд. Дар айни замон чунин зуҳуроти ирода, ба мисли якравӣ ва негативизм низ ба назар мерасад.

**Якравӣ** наметавонад ҳамчун сустии ирода баҳо дода шавад. Одами якрав соҳиби иродаи комилан «қатъию устувор» мебошад. Вале иродаи якравона аз рӯйи самтгирии ноустувор, номуайян ва асабоният ё вуҷуд надоштани он тавсиф карда мешавад. Аз ин рӯ, иродаи якравонаро баъзан иродаи кӯр-кӯрона низ меноманд. Якравӣ одамони зӯру

боақл низ зоҳир мекунанд. Зуҳуроти пайдарпаю муттасили якравӣ ба сифати умумии иродавии шахсият табдил меёбад. Аз ин рӯ, дар раванди роҳбарӣ ба худтарбияткунӣ ба онҳо тавсия додан лозим аст, агар ба ин эҳтиёҷ набошад, аз карору амалҳои бераҳмона худдорӣ намоянд, то ки онҳо ба одат табдил ёфтаву ба инкишофи якравӣ мусоидат накунанд. Аз якравӣ метавон раҳой ёфт. Омӯзгор бояд ба хонанда кӯмак бирасонад, ки номатлубии зуҳуроти якравиро бифаҳмад. Ҳаҷву шӯхии моҳирона дар ҷавоби рафторҳои густохонаи одами якрав – воситаи боэътимоди азнавтарбиякунии он ба шумор меравад.

Дигар зуҳуроти манфӣ дар соҳаи иродавӣ - *негативизм* мебошад. Агар якравӣ – ин иродаи кӯр-кӯрона бошад, пас негативизм – иродаи иллатнок маҳсуб мегардад. Одами якрав ҳангоми вазъу шароитҳои муайян метавонад, аз нияту мақсадҳои қатъӣ даст кашад, самти амалу рафтори худро тағйир диҳад. Негативист ба ҳама гуна таъсири мусбат бо аксуламал ҷавоб мегардонад. Одам худаш номатлубии чунин таассурро мефаҳмад, вале аз он даст кашида наметавонад.

Негативизм бештар аз ҳама зуҳуроти синнусолӣ мебошад. Наврасони *14 -16-сола давраи махсуси якравии бачагонаро* аз сар гузаронида, тадриҷан мард мешаванд. Ин раванд ба психологияи одами ҷавон низ таъсир мерасонад. Ӯ гӯё як навъ аз аксуламали бачагӣ даст мекашад, вале ҳанӯз ҳамчун одами калонсол амал карда наметавонад. Аксуламал низ аз ҳамин ҷо сар мезанад. Агар барои давраи синнусоли гузариш чунин аксуламал табиӣ бошад, пас ба одамони калонсол лозим аст, ки аз онҳо даст кашанд, дурӣ ҷӯянд.

## Сифатҳои иродавии одами калонсон

Ҳар як инсон бояд на танҳо вазифаҳои худро хуб дарк бикунад, ба вазъият сарфаҳм биравад, балки дуруст низ бояд амал намояд. Ҳар як фаъолият инкишофи ирода, сифатҳои олии иродавиеро дар назар дорад, ки дар раванди тарбия ва таълим ташаккул меёбанд. Ин сифатҳо қисми таркибии симои маънавию сиёсии инсон маҳсуб мегарданд.

Чунин хусусиятҳои ирода аз ҷиҳати касбӣ муҳиманд:

**Мақсаднокӣ** дар аниқии қатъии сабабу мақсадҳои фаъолияти инсон ифода меёбад. Ин сифат ба ӯ имконият медиҳад, ки тамоми қувваҳои маънавӣ ва ҷисмонии худро ба иҷрои вазифаи хидматӣ ё таълимӣ сафарбар намояд.

**Худдорӣ** – маҳорати инсон дар бораи идора карда тавонистани хеш ва фикру ақида, эҳсосот, амалу рафтори худ, тобеъ намудани нияту андеша ва корҳои хештан ба мақсадҳои асосӣ ба шумор меояд.

**Қатъият** дар қабули саривақтӣ ва асосноки қарорҳо ва амалу рафторҳои таъхирнопазире зоҳир мегардад, ки иҷрои вазифаҳоро таъмин мекунанд. Аҳамияти ин сифат барои инсоне, ки дар вазъияту шароитҳои ногувору носозгор амал менамояд, бағоят калон мебошад.

**Мустақилият** – имконияти аз рӯйи ташаббус ва нақшаи худ, бидуни таъсири беруна ва ғайр амал кардан ба шумор меравад. Мустақилият алалхусус ба инсоне зарур аст, ки дар шароитҳои ҷудоӣ ё робитаҳои маҳдуд амал мекунад.

**Устуворӣ** дар суботкорию матонат ва истодагарию исроркорие зоҳир мегардад, ки бар асари он инсон ба иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда муваффақ мешавад.

**Ташаббускорӣ** дар амалу рафторҳои эҷодие зоҳир мегардад, ки барои ноил шудан ба мақсадҳо аз рӯйи навигарии шакл ва мазмунашон фарқ мекунанд.

**Вазифашиносӣ** – иҷрои фаъолона, серғайратонаю покизакорона ва мураттабу муттасили қарорҳои қабулгардида ё амру фармонҳои гирифташуда ба шумор меравад.

Тамоми сифатҳои баршумурдаи ирода дар заминаи дар инсон парваридани шуурнокии баланди сиёсӣ, низоми сабабҳои мусбат инкишоф меёбанд.

Ҳар як омӯзгор вазифаҳои тарбиявии дар хонандагон парваридани сифатҳои иродавиро бояд дар раванди ташкили омӯзиш ва таълими онҳо ҳаллу фасл намояд. Ин, масалан, ташаккули чунин сифатҳои иродавӣ, ба мисли қатъиятро суст мекунад ва ё ба таъхир меандозад.

Муаллим дар муошироти ҳаррӯза бо таълимгирандагон василаи танбеҳу сарзаниш ва маслиҳату машваратҳои худ низ ба онҳо аз ҷиҳати тарбиявӣ таъсир мерасонад. Дар ин

сурат бояд ба назар гирифт, ки луқмаю маломат метавонанд на танҳо ба инкишофи иродавӣ мадад расонанд, балки баъзан садду монеаи он низ шаванд. Чунин вазъияту ҳолате ҳам мешавад, ки дар ҳамин лаҳза шогирд фаъолияти нодаркорӣ зоҳир менамояд. Аммо ба манфиати инкишофи ташаббускорӣ ҳамчун сифати муҳими иродавӣ бояд ин фаъолиятмандиро ба роҳи дурусту зарурии фаъолияти таълимӣ равона сохт.

### Таҳлили психологии рафтори иродавии инсон

Ҳар як рафтори иродавӣ, ҳар як амали иродавӣ замонан аз рӯйи қонуни қатъӣ инкишоф меёбад, яъне пайдарҳамии марҳала ба марҳалаи инкишофи рафтори иродавӣ, нововбаста аз хусусиятҳои он вучуд дорад. Масалан, инсон мехоҳад, ки тамокукаширо партояд, ӯ як, ду, се моҳ тарки ин одат мекунад. Ин хам рафтори иродавист, вале он муддати хеле тӯлонӣ идома меёбад. Рафтору амал инкишоф меёбад ва ба худи ҳамон як қонуният тобеъ мебошад. Инсон барои амалӣ гардондани тарбияи ирода ва истифодаи тамоми имкониятҳо бояд инкишофи марҳала ба марҳалаи рафтори иродавиро донад.

Марҳалаи якум – *муборизаи сабабҳо*. Ҳама гуна рафтор аз сабаб огоз меёбад, рафтори иродавӣ бошад – аз муборизаи сабабҳо. Бад-ин тариқ, амалу рафтори иродавӣ аз муборизаи сабабҳо сарчашма мегирад. Инсон бояд худро тарзе тарбия бикунад, ки дар ӯ сабабҳои мусбати дорои аҳамияти чамъиятӣ афзалият дошта бошанд. Ҳамзамон пайваста бикӯшад, ки аз амалу рафторҳои худбинонаю худпарастона, агар онҳо дар ниҳодаш бошанд, даст бикашад. Барои ин дар худ дастуру нишондодҳои ғоявӣ ва мазмуну мӯҳтавои дахлдори идеологӣ мепарварад. Дар инсон парваридани муносибати дақиқназаронаю хайрхоҳона ба маслиҳату машварати дигарон ҳамчун сабаби асосие, ки бояд ҳама гуна муборизаи сабабҳоро бекор кунад, нақши бағоят муҳим мебозад.

Марҳалаи дуввум – **идроки мақсадҳо**. Масалан, инсон (фаъди бахотиррасонӣ) фаҳмид, ки бобҳои китобро мустақилона бояд аз нав хонад. Бад-ин васила, мувофиқан

метавон дар борои роҳбарӣ ба ирода ва дар худ парваридани он хулоса баровард. Кӯмак расондан ба он ки мақсад дарк гардад, мурoду матлаб дар кор, ҳаёти оилавӣ ва амсоли инҳо эҳсос шавад – маънои васила амалу рафтори иродавӣ дар назди худ гузоштани мақсаду вазифаҳои муҳим, дар хештар парваридани иродаро дорад.

Марҳалаи сеюм – **таҳияи барномаи амал**. Дар ҳар як рафтори иродавӣ барои ба даст овардани мақсаду маром барномасозии амалу рафторҳо мавҷуд аст. Дар мисоли мо инсон дар назди худ мақсад гузошт, ки талаботро такрор намояд. Саравал ӯ меандешад, ки нуктаю нишондодҳои умумии ӯҳдадорию вазифаҳои худро ба ёд оварад, сипас бандҳоеро интихоб намояд, ки тартиби иҷрои онҳоро муайян мекунанд ва ин бандҳоро такрор созад. Аз ин гуфтаҳо метавон дар бобати роҳбарӣ ва худи тарбияи одамизод хулоса баровард, барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда мазмуну мӯҳтаво ва муттасилию пайдарҳамии амалу рафторҳоро бояд бодиққат андешид ва ба нақша гирифт.

Марҳалаи чаҳорум – **қабули қарорҳо**. Ин марҳалаи бисёр мураккаби амалу рофторҳои иродавӣ мебошад. На ҳар як инсон, баъди он ки мақсадро андешиду амалу рафторро ба нақша гирифт, метавонад ба амалӣ гардондани он шурӯъ намояд. Одамони алоҳида мушкилию душворӣ эҳсос мекунанд: нақшаи қабулгардида ба назарашон нодуруст, ғайриҳаётӣ менамояд, онҳо иҷрои нақшаро ба таъхир меандозанд. Ба одами начандон қавиирода баъзан бояд ёрӣ расонд, ки ба амалу рафтор шурӯъ намояд ва инро роҳбар, коллектив ва ҳамкорон метавонанд ба ҷо биоваранд.

Марҳалаи панҷуми – **иҷрои қарорҳо**. Ба даст овардани мақсади пешбинишуда ва бартараф сохтани саду монеаҳои роҳи он марҳалаи ниҳоии амалу рафтори иродавиро ташкил медиҳанд. Дар он ҷое, ки ба даст овардани мақсад нест, он ҷо амалу рафтори иродавӣ ҳам нест. Вале барои амалу рафтори бомуваффақият санъату маҳорат лозим аст.

Марҳалаи шашум – **таҳлили амали иҷрогардида**. Инсон ҳар кореро иҷро накунад, ӯ аз кори иҷрокардааш қаноатманд ё ноқаноатманд мебошад. Ҳамин аст таҳлили амалу рафтор, вале дар шакли оддитарини он.

Худбаҳодиҳии дуруст шахсиятро инкишоф медиҳад. Роҳбар бояд дар назар дошта бошад, ки инкишофи ирода – ин маънии ба онҳо омӯхтани таҳлили дурусти корҳои анҷомдодашуда, ошкор намудани ҷиҳату ҷанбаҳои мусбату манфии амалу рафтори содиргардидаро дорад.

Барои ба даст овардани обутоби иродавӣ роҳбар онҳоро ба фаъолияти амалӣ ҷалб месозад, зимнан кӯшиш менамояд, ки он дар шароитҳое амалӣ гардонда шавад, ки аз ҷиҳати психологӣ ба шароитҳои воқеӣ наздик бошанд. Дар айни замон бояд кӯшиш кард, ки ҳар як хонанда вазифаи худро пурра ва сари вақт иҷро намояд. То ба охир нарасонидани кор на танҳо ба ташаккули қавииродагӣ мусоидат намекунад, балки, баръакс, онро сусту заиф мегардонад, ба инкишофи беиродагӣ ёрӣ мерасонад.

Обутоби иродаи шогирдон ба амалияи рафъи монеаҳо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, роҳбар бояд дар бораи он ғамхорӣ намояд, ки вазифаҳои мавриди супориш ва шартҳои машғулиятҳо мушкилоту душвориҳои воқеиро дарбар гиранд. Вале ба ҳеҷ ваҷҳ шартҳои иҷрои вазифаҳои таълимиро соддаю осонтар кардан лозим нест.

Роҳбар ҳамчунин бояд ба он муваффақ бигардад, ки ҳар як мактабхон вазифаю супоришҳоро иҷро карда, дар машғулиятҳо мустақилона ширкат варзида, амалу ҳаракатҳои худро дақиқкорона ба нақша дарорад ва пешгӯйӣ намояд. Маҳорату қобилияти ҳаматарафа андешидани амалу рафторҳои худ ва пешбинию пешгӯйии оқибату натиҷаҳои он ирода ва сифатҳои иродавии муҳассилинро фаъол мегардонад.

Ба инсон омӯзондан лозим аст, ки натиҷаҳои фаъолияти худро бодиққату мулоҳизакорона таҳлил намояд. Одатан одамон ба таҳлили натиҷаҳои фаъолияти худ, фикран тахмин намудани он, ки чӣ кор дуруст ва чӣ кор нодуруст иҷро карда шудааст, майл доранд. Вале дар ин сурат онҳо баъзан чандон объективӣ шуда наметавонанд. Инкишофи объективият, худтанқидкунӣ ва ҷиҳатҳои ботинӣ – ин маънии онро дорад, ки дар инсон сифатҳои маънавӣ инкишоф дода шаванд. Ҳамчунин ба онҳо танҳо омӯзонидани қабули қарорҳое зарур аст, ки эшон ин қарорҳоро метавонанд иҷро намоянд.

Ирода бо рохи худтарбиякунӣ низ инкишоф меёбад. Ба роҳбар зарур аст, ки инро маънидод намояд, фаҳмонад ва маслиҳатҳои дахлдори методӣ диҳад. Ҳар як инсон дар бораи худ, имконият ва сифату хислатҳои хеш андеша мекунад.

# МИЗОҶ, ХИСЛАТ ВА ҚОБИЛИЯТИ ОДАМИ КАЛОНСОЛ

## Мизоҷ

Бо одамон муошират карда, ба амалу рафтори онҳо назорат намуда, пай бурдан душвор нест, ки якеҳо орому сустҳаракат, дигарон серҳаракату пурҳарорат, сеюмиҳо моили фикру андешаҳои танҳоӣ ва ғамангезу ҳузновар, чорумиҳо ҳамеша ҳаётдӯсту зиндадил ва улфату одамдӯстанд. Чунин тафовутҳои фардии байни одамон аз фарқиятҳои мизоҷҳои онҳо бармеоянд (калимаи лотинии «теперlaunterментум» маънии «омезишро» дорад). Мизоҷ ҷараёни инкишофи рӯҳ ва амалу рафторро ифода менамояд.

Таълимоти олими шаҳир И.П.Павлов – дар бораи навъҳои фаъолияти олии асаб сабабҳои мизоҷҳои гуногунро аз ҷиҳати илмӣ шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ин таълимот дар физиология ва психологияи ҳозиразамон инкишофи минбаъдаи худро ёфт.

Заминаи физиологии мизоҷ, мувофиқи таълимоти И.П.Павлов, хусусияти кори қишрҳои нимкураҳои калони мағзи сар маҳсуб мегардад. Равандҳои асосии қишрҳои нимкураҳои асаб – барангезиш ва боздорӣ дар одамони мухталиф аз рӯйи ботамкинӣ ва серҳаракатӣ гуногунанд. Қувваи равандҳои асаб дар фаъолиятмандӣ, бодиққатӣ, тобоварӣ, устувории эҳсосотӣ, дар нигоҳдории коршоямӣ дар вазъияту шароитҳои номусоид зоҳир мегардад. Ботамкинӣ - дар амалу рафтори баробар, бетаҳаммулӣ – дар тундмизоҷӣ, аз даст додани худназораткунӣ; серҳаракатӣ – дар суръати бозсозии малакаю одатҳо ва осонии мутобиқат ба шароитҳои нав ифода меёбад. Хасташавии барзиёдатӣ, ноустувории эҳсосотӣ ва тундутезию худдоринакунӣ дар вазъиятҳои мушкилу хатарнок аз хусуси сустии равандҳои асаб шаҳодат медиҳад. Ин хусусиятҳои равандҳои асаб дар ягонагӣ навъҳои системаи асабро ташкил медиҳанд, ки заминаи чаҳор мизоҷи дахлдори онҳо маҳсуб мегарданд.

Ба навъи қавӣ, қобили ангезиш ва бетаҳаммулию ҳардамхаёлӣ – оташинмизоҷӣ, ба навъи қавӣ, серҳаракатию тағйирпазирӣ ва ботамкинӣ – зиндадилию шӯхмизоҷӣ, ба

навъи қавӣ, камҳаракатӣ ва беҳаракатию беамалӣ – мизоҷи хунсардона, ба навъи сусту заиф - мизоҷи молиёхулиёӣ мувофиқат менамояд.

Мизоҷ – хусусияти устувори шахсият аст, вале он метавонад дар раванди ҳаёт ва фаъолияти инсон тағйир ёбад. Шарти муҳимтарини такмили мизоҷ ташаккули табиату хислати қатъӣ ва маҳорати идора карда тавонистани зуҳуроти мизоҷи худ маҳсуб мегардад.

Бо одамон муносибату муошират карда, тафовутҳои мизоҷии онҳоро ба назар гирифтан бағоят муҳим аст. Мизоҷи одамонро донистани омӯзгор ёрӣ мерасонад, ки ӯ хусусиятҳои амалу рафтори онҳоро бифаҳмад, мувофиқан муносибатҳои байниҳамдигариашонро дуруст муайян намояд.

Ҳар як мизоҷ на танҳо ба зуҳуроти эҳсосот ё суръати тағйирот, балки ба дигар равандҳои рӯҳӣ, инчунин ба зуҳуроти нишонаҳои хислату рафтор дар меҳнат, ба аксуламали онҳо ба вазъияти пурхавфу хатар, ба масъалаю супоришу вазифаҳо ва баҳодиҳии амалу кирдори онҳо низ таъсир мерасонад. Мизоҷ ба ҷараён ва натиҷаҳои фаъолияти амалӣ ҳам таъсири худро мегузорад. Аз ин рӯ, интихоб ва ҳалли масъалаҳои психологии ҳозиразамон донистану ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои хоси мизоҷи инсонро зарур мешуморад.

Таъсири саривақтии ахлоқию психологӣ, ташкили дурусти фаъолияти одамон метавонанд ба зуҳуроти мусбати ин ё он мизоҷ мусоидат кунанд. Масалан, дар хунсардон (флегматикҳо) метавон суръати аксуламали ҷавобиро баланд бардошт, дар оташинмизоҷон (холерикҳо) – бетаҳаммулию ҳардамхаёлӣ, майлу рағбат ба бехудиро бартараф намуд, дар молихулиёиён – устуворӣ ва боварию эътимодро ба қувваҳои худ парварид. Ин асосан аз ҳисоби ташаккули малакаю маҳорат ва одатҳои идора карда тавонистани худ ба амал меояд. Барои таъсир расондан ба мизоҷ худбаҳодиҳии дурусти ҷиҳатҳои мусбату манфии ҷараёни хоси инкишофи рӯҳу равон ва амалу рафтор, инчунин фароҳам овардани рӯҳияю ҳолати хуби кори коллектив, дастгирии фаъолиятмандӣ, рӯҳбаландии эҳсосот, эътимоду

дилпурии тамоми коллектив низ аҳамияти бағоят калон дорад.

Дар инсоне, ки соҳиби шаклҳои олии инъикос мебошад, воқеият, объектҳои водорсозандаю талқингари фаъолият метавонанд дар шакли образи бошуурона ё тасаввурот, дар шакли фикру андеша ё мафҳум, дар шакли гоя ё идеали маънавӣ тасвир карда шаванд.

Он чизе, ки дар сари инсон инъикос ёфта, ба фаъолият водор месозад ва онро ба қонеъ гардондани талаботи муайян равона менамояд, *сабаб ё воқеият* номида мешавад.

Сабаб дар ин ҷо хеле мушаххас аст ва дар сари инсон дар шакли образи эҳсосотӣ (образи оташ) ва тасаввуроти ҳаммонанди он (гармии оташ ва гармии бадан) инъикос меёбад. Сабаб ба амали ҷудогонаю ҷузъӣ водор месозад ва бо мақсади ин амал, ба ҳамон чизе бевосита мутобиқат менамояд, ки дар натиҷаи иҷрои он (гармшавии бадан) ба даст оварда мешавад.

Дар мавридҳои боз ҳам мураккабтар сабабҳо бевосита бо мақсади амали ҷудогона мувофиқат намекунанд, балки амалу ҳаракатҳои зиёд, ба даст овардани бисёр мақсадҳои ҷузъиро талаб менамоянд. Баъзан фаъолияте, ки ба чунин сабаб ҷавобгӯ мебошад, ба муддати дурударозу зиёд – моҳҳо ва ҳатто солҳо тӯл мекашад.

## Типология ва назарияи мизоҷ

*Мизоҷ* – ин ифодаи сифатҳои инсон мебошад, ки онҳо сабабгори тавсифи пуртаҳарруки шиддатнокӣ ва суръати таассур, дараҷаи барангезиши эҳсосотӣ ва ботамкинӣ, хусусиятҳои мутобиқат ба муҳити атроф маҳсуб мегарданд.

Мизоҷ дар тарҷума аз лотинӣ «маънию мафҳум, таносуб ва таодулу баробарвазниро» ифода менамояд. Чунин тавсифи қадимтарин ба «падари» тиб Гиппократ тааллуқ дорад. Ӯ чунин мешуморид, ки мизоҷи инсон аз рӯйи он муайян карда мешавад, ки кадоме аз чаҳор моеъи организм дорои афзалият мебошад. Агар ин хун (ба лотинӣ «сангвис») бошад, пас мизоҷи инсон «зиндадилона» аст; соҳиби ин мизоҷ одами боғайрату серҳаракат, чусту чолок, зиндадилу ҳаётдӯст, улфату одамдӯст мешавад, мушкилоту душвориҳои

зиндагӣ ва нобарорию нокомиҳоро осон паси сар мекунад. Агар сафро («холе») бартарият дошта бошад, пас инсон оташинмизоҷ (сафроимизоҷ) аст: ӯ бадқаҳру тундфеъл, хашмгину зудранҷ, қобили ангезиш, тундутезу бадқаҳр ва бағоят серҳаракат мешавад, ҳолату рӯҳияаш зуд тағйир меёбад. Агар луоб (флегма») афзалият дошта бошад, пас мизоҷи одам хунсардона мебошад. Ин одами орому сустҳаракат ва ботамкинест, ки аз як шакл ба шакли дигар ба душворӣ мегузарад, ба шароитҳои нав бад мутобиқ мешавад. Агар сафрои сиёҳ («мелана холе») асосӣ бошад, пас молихулиёӣ пайдо мешавад, одаме, ки бениҳоят боҳаёю шармгин ва таъсирпазиру нозукдил, ба мусибату бадбахтиҳо басо ҳассос аст.

Ин назарияи мизоҷро метавон гуморалӣ (аз калимаи лотинии «гумор»- моеъ) номид, яъне мизоҷе, ки аз таносуби моеоти биологӣ дар организм вобаста мебошад. Баъзе ҷонибдорону пайравони он нишон медиҳанд, ки таносуб ва мувозинаи гормонҳои дохилии организм зуҳуроти муайяни мизоҷи ин хусусиятҳоро муайян месозанд ва таълимот чаҳор навъи асосии системаи олии асабро ҷудо мекунад:

1. «бознадоштанӣ» (қавӣ, серҳаракат ва ботамкин; ба оташинмизоҷ мувофиқат менамояд);
2. «зиндадил» (қавӣ, серҳаракат ва ботамкин; ба мизоҷи зиндадилона мутобиқат мекунад);
3. «ором» (қавӣ, ботамкин ва бамаънӣ; ба мизоҷи хунсардона мувофиқат менамояд);
4. «суст» (суст, бетаҳаммул ва камҳаракат; ба мизоҷи молихулиёӣ вобаста мебошад).

## Навъҳои мизоҷ ва тавсифи психологии онҳо

*Оташинмизоҷ (холерик) ё сафроимизоҷ* – ин одамест, ки системаи асаби ӯ аз рӯйи афзалияти барангезиш бар боздорӣ муайян карда мешавад. Ба асари ин вай хеле зуд, аксар вақт ноандешида мутаассир мешавад, фурсати худдорӣ кардан намеёбад, бесабрию бетоқатӣ, тундию тезӣ, дағалию дуруштӣ, тундхулқию бадҷаҳлӣ ва худсарӣ зоҳир менамояд. Беэътидолии системаи асаби вай даврияти ивазшавии фаъолиятмандию зиндадилии ӯро қаблан муқаррар мекунад:

саргарми ягон коре шуда, ӯ боғайратона, бо тамоми қувва кор мекунад, вале қувваааш ба мӯҳлати начандон тӯлонӣ мерасад ва ҳамин ки беҳолу бемадор шуд, то он даме корро идома медиҳад, ки тобу тоқаташ намонад. Ҳолати бадқаҳрию хашмгинӣ, рӯҳияю кайфияти баду ногувор, беҳолию бемадорӣ ва пажмурдагию ланҷӣ зоҳир мегардад (кор пеш намеравад). Табдилу ивазшавии силсилаи мусбати рӯҳбаландию пурғайратӣ бо силсилаи манфии рӯҳафтодагию афсурдаҳолӣ боиси ноустувории рафтору ҳолат, зуҳуроту пайдоиши зиёну зарари неврозӣ ва ҷанҷолу низоъ бо одамон мегардад.

**Зиндамизоҷ ё шӯхмизоҷ (сангвиник)** – одаме, ки системаи асаби қавӣ дорад, ботамкин ва серҳаракату тағйирпазир аст; соҳиби суръати баланди аксуламал мебошад; амалу рафторҳояш бомулоҳизаю андешамандонаанд; ҳаётдӯст, шодмону хандонрӯст; ба душвориҳои зиндагӣ сахт муқовимату муқобилат мекунад. Тағйирпазирии системаи асаби ӯ боиси тағйирёбию дигаргуншавии эҳсосот, дилбастагӣ, шавқу рағбат, фикру ақоид, қобилияти баланди мутобиқшавӣ ба шароитҳои нав мегардад. Ин одами хушхулқу улфат бо одамони нав зуд унс мегирад, бинобар ҳамин, доираи шиносҳои ӯ хеле зиёданд, агарчи вай дар муоширату дилбастагӣ аз рӯйи устуворию садоқат фарқ ҳам накунад.

Мувофиқи нуқтаи назари аввал, мизоҷ аз сохти бадани одам (Кркчмер, Шелдон) ва хусусиятҳои равандҳои биохимиявии он (таносуби гармонҳо ё «молеот» - хун, сафро ва амсоли инҳо, аз нуқтаи назари Гиппократ) вобаста мебошад; навъҳои сохти бадани инсон ва хусусиятҳои қувваю ғайрати ба онҳо алоқаманд яке аз «контурҳои» танзими амалу рафтори одам маҳсуб мегарданд. Аз рӯйи ақидаи дуввум, мизоҷ аз фаъолияти олии асаби инсон, навъи системаи асаби ӯ вобаста мебошад.

**Организм** (ва низоми мубодилаи моддаҳои он) бар замми он системаи асаб (вегетативию марказӣ) дар танзими имконоти қувваю ғайрати инсон ва мизоҷи он иштирок мекунанд (охиринаш ба тавсифи қувваю ғайрати фард, тарзу усули андӯхтану сарф кардани қувваю ғайрат алоқаманд аст).

И.П.Павлов асосҳои физиологии мизоҷро омӯхт, ба вобастагии он аз навъҳои системаи асаб диққат ва таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуд. Ӯ нишон дод, ки ду раванди асосии асаб – барангезиш ва боздорӣ – фаъолияти мағзи сарро инъикос менамоянд.

**Хунсардмизоҷ (флегматик)** – одами қавию пурзӯр, ботамкин, вале системаи асабаш беҳаракату беамал. Бар асари ҳамин бисёр суст мутаассир мешавад; дамдузду камгап аст; суст эҳсосот зоҳир мекунад (ранҷондану хурсанд кардан душвор аст); қобилияти коршоямиаш баланд аст, бо мушкилию душвориҳои сахту бардавом хуб муқовимат менамояд, вале ба вазъиятҳои нави ногаҳонӣ зуд эътибору аҳамият намедиҳад. Тамоми чизҳои азхудкардаашро маҳкам дар хотир нигоҳ медорад; аз малакаю одатҳои ҳосилгардида даст кашида наметавонад, ивазкунии одатҳо, тартиби зиндагӣ, кор ва дӯстонро нағз намебинад, ба шароитҳои нав ба душворӣ ва оҳистагӣ мутобиқ мегардад. Ҳолати рӯҳӣ ва кайфияташ устувору бардавом ва якхелаю мӯътадил мебошад. Дар ҳолати нохушии ҷиддӣ ҳам хунсардмизоҷ зоҳиран орому осуда менамояд.

**Молихулиёимизоҷ (меланхолик)** – одами системаи асабаш суст, ҳатто ба барангезандангони камтаъсир ҳам эҳсосоти баланд зоҳир мекунад. Агар барангезанда пуртаъсир бошад, пас метавонад «зиёну зарар», «боздорӣ», саросемагию саргарангӣ, ташаннуҷи рӯҳӣ ба амал ояд, аз ин рӯ, дар вазъиятҳои ташаннуҷӣ (имтиҳон, мусобиқа, хавфу хатар) мумкин аст натиҷаҳои фаъолияти молихулиёимизоҷ нисбат ба ҳолатҳои ороми одатӣ бадтар шавад. Ҳассосияти баланд боиси хасташавии босуръат ва пастшавии коршоямӣ мегардад (истироҳату фароғати бардавомтаре талаб карда мешавад).

Баҳонаи ночизе метавонад боиси озору ранҷиш, аламу оби дида гардад. Рӯҳияю ҳолаташ бағоят тағйирпазиру ноустувор аст, вале одатан молихулиёӣ инро мехоҳад пинҳон дорад, зоҳиран эҳсосоти худро нишон надиҳад, аксар вақт ғамгину маъюс, дилтангу рӯҳафтода мебошад, ба худ боварӣ надорад, зери бори гарони ҳаяҷону изтироб аст, дар ӯ метавонад ҳар лаҳза харобии асаб, нуқсу иллати неврозӣ сар занад.

Вале чунин одамони дорои ҳассосияти баланди системаи асаб, аксар вақт қобилияту истеъдоди сириштии бадеӣ ва зеҳнӣ доранд.

Аниқ ҷавоб додан душвор аст, ки ин ё он одами калонсол дорои кадом навъи мизоҷ аст. Навъи системаи асаб агарчи аз рӯйи ирсият муайян карда шавад ҳам, вале мутлақо тағйирнопазир маҳсуб намегардад. Баробари синнусол, инчунин таҳти таъсири машқҳои доимӣ, вазъу ҳолатҳои ҳаётӣ, равандҳои асаб низ метавонанд суст шаванд ё тақвият ёбанд, таъвизу тағйирпазирии онҳо метавонад суръат гирад ё ба таъхир афтад. Масалан, дар байни бачагон сафроимизоҷон (оташинмизоҷон) ва зиндадилмизоҷон (шӯхмизоҷон) афзалият доранд (онҳо чусту чолок, боғайрату серҳаракат, шоду хурраманд, саҳл ва сахт барангехта мешаванд; домани гиряро сар дода, баъди дақиқае метавонанд ба бозӣ машғул шуда, хурсандонаю хушнудона қаҳқос зада биханданд, яъне дар онҳо серҳаракатию тағйирпазирии зиёди равандҳои асаб мавҷуд аст). Дар байни одамони солхӯрдаю калонсол бошад, баръакс, хунсардмизоҷону молихулиёимизоҷон зиёданд.

**Мизоҷ** – ин зуҳуроти зоҳирии навъи фаъолияти олии асаби инсон мебошад, аз ин рӯ, дар натиҷаи тарбия ва худтарбиякунӣ он метавонад вайрон шавад, тағйир ёбад, «ниқобпӯшонии» мизоҷи ҳақиқӣ ба амал ояд. Бинобар ҳамин ҳам, навъҳои «софу тозаи» мизоҷ кам вомехӯранд, вале, бо вуҷуди ин, тамоюли муайяне ҳамеша дар рафтору кирдори инсон зоҳир мегардад.

Тадқиқотҳои Б.М.Теплов ва В.Д. Небылицын нишон доданд, ки мувофиқати чаҳор навъи фаъолияти олии асаб, ба ақидаи И.П.Павлов, ба чаҳор мизоҷе, ки аз замонҳои қадим боз маълуманд, на он қадар возеҳу равшан аст, чунонки пештар ҳамин хел тахмин карда мешуд. Онҳо таклиф ба миён гузоштанд, ки аз муҳокимаи навъҳои фаъолияти олии асаб муваққатан даст кашида шавад, то даме ки ҷиҳату хусусиятҳои асосии равобити байниҳамдигарии онҳо пурра омӯхта нашавад. Ин олимон ҳангоми истифодаи қоидаҳои рефлексҳои шартӣ дар низомҳои гуногуни анализаторӣ (асбобҳои таҳлилӣ) ҷузъиёти чунин хусусиятҳоро нишон доданд ва ҷустуҷӯйи тавсифоти умумии системаи асабро дар

сохтори амодалии танзимаи майна пешбинӣ ва муқаррар карданд. Хулосаҳои Б.М.Теплов дар бораи вуҷуд надоштани мутавозияти бевосита дар байни хусусиятҳои системаи асаб ва тавсифоти психологии рафтору кирдор алалхусус муҳиманд. Бинобар ин дар бораи сифатҳои психологии системаи асаб аз рӯйи тавсифоти психологии байни хусусиятҳои системаи асаб муҳокимаю мулоҳиза рондан мумкин нест. Хусусиятҳои он қаблан ягон шакли гуфтору кирдорро муқаррар намекунад, вале заминае ба вуҷуд меоваранд, ки дар ин замина баъзе шаклҳо осонтар ва шаклҳо дигар душвортар ташаккул меёбанд. Вазифа ҷустуҷӯйи он сифатҳоеро пешниҳод менамояд, ки онҳо тафовутҳои фардиро аз рӯйи параметрҳои фаъолияти умумии психологӣ ва эҳсосотӣ – ду ченаки асосии мизоҷ муайян мекунанд (В.Д.Небылицын).

Бад-ин тариқ, мизоҷ – ин тавсифи инсон аз ҷониби хусусиятҳои пуртаҳарруки фаъолияти рӯҳии ӯ, яъне суръат, зудӣ, назму тартиб, шиддатнокии фаъолияти раванду ҳолатҳои рӯҳӣ ва дараҷаи хурӯшонии табъ мебошад.

Маҳсулнокию самарабахшии кори одами калонсол бо хусусиятҳои мизоҷи ӯ робитаи ногусастанӣ дорад. Масалан, серҳаракатию тағйирпазирии махсуси одами шӯхмизоҷ метавонад самараи иловагӣ диҳад, агар кор аз ӯ гузариши ҷузъиро аз як навъи машғулият ба дигараш, оперативиятро дар қабули қарорҳо талаб намояд. Якрангӣ ва батартибандозии фаъолият бошад, баръакс, чунин одамро ба хасташавии босуръат оварда мерасонад. Хунсардмизоҷону молихулиёимизоҷон бошанд, баръакс, дар шароитҳои батартибандозии қатъӣ ва меҳнати якранга ба хасташавӣ, назар ба оташинмизоҷону зиндадилмизоҷон, муқовимати самарабахштару ҷиддитар нишон медиҳанд.

Дар муносибату рафтор ва муошират хусусиятҳои таассури ашхоси дорои навъҳои гуногуни мизоҷро пешбинӣ ва якхела ба онҳо эътино кардан мумкин ва зарур аст.

Таъкид менамоем, ки мизоҷ танҳо тавсифоти амалу рафтори пуртаҳаррук, вале на сифатҳои пурмазмуну пурмӯҳтавои онро муайян мекунад. Ҳамон як нави мизоҷ ҳам дар шахсияти «бузург» ва ҳам дар шахсияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳақиру оҷиз низ шуда метавонад.

Аксарият (80 фоиз) ба «беҳтарин» навъи миёна мансуб мебошанд. Дар хислат ва хулқу атвори онҳо мабдаи ратсионалӣ ва эҳсосотӣ афзалияти каму ночизе дорад ва ин аз вазъу ҳолат ва шароитҳои зиндагӣ вобаста аст.

## Ташхиси мизоҷ

**Дастур**. Ба шумо якчанд савол пешниҳод карда мешавад. Ба ҳар яке аз онҳо танҳо «ҳа» ё «не» гуфта ҷавоб диҳед. Ба муҳокимаи онҳо вақтро беҳуда сарф накунед, дар ин ҷо ҷавоби хуб ё бад шуда наметавонад, барои он ки ин имтиҳону озмоиши қобилиятҳои зеҳнӣ маҳсуб мегардад.

***Саволҳо:***

1. Оё шумо ба таассуротҳои нав, ба он ки диққатро ба ҷой ва ё кори дигар ҷалб сохта, ҳиссиёти пурзӯре эҳсос мекунед, тез-тез майлу рағбат пайдо менамояд?
2. Оё шумо зуд-зуд дарк месозед, ки бо дӯстоне ниёз доред, ки онҳо метавонанд шуморо бифаҳманд, бишисанданд ва эҳсос кунанд?
3. Оё шумо худро одами ҳалиму беозор меҳисобед?
4. Оё шумо мехоҳед, ки аз ниятҳоятон даст кашед?
5. Оё шумо корҳои худро бе шитобкорӣ меандешед ва пеш аз он ки амал кунед, магар сабру бардоштро афзалтар мешуморед?
6. Оё шумо ба ваъдаатон ҳамеша вафо мекунед, ҳатто агар ин бароятон манфиате ҳам надошта бошад?
7. Оё шумо рӯҳафтодагӣ ва рӯҳбаландӣ зуд-зуд ба амал меояд?
8. Оё дар шумо одатан зуд амал мекунед ва гап мезанед?
9. Оё дар шумо ягон вақт эҳсосоте пайдо шуда буд, ки хушбахт нестед, агарчи барои ин ҳеҷ гуна сабаби ҷиддие ҷой надошт?
10. Оё дуруст аст, ки «дар мавриди шарту гарав» шумо ба ҳама кор қодиред?

11. Оё шумо, вақте мехоҳед бо одами ҷинси муқобили худ шинос шавед, ки бароятон ҷозибу дилчасп аст, хиҷолат мекашед?
12. Оё ягон вақте мешавад, ки шумо дар сари қаҳру ғазаб инони ихтиёри худро аз даст диҳед?
13. Оё бисёр мешавад, ки шумо ноандешида, таҳти таъсири вакт, амал мекунед?
14. Оё зуд-зуд шуморо андешае ташвиш медиҳад, Ки шумо набояд ягон кореро мекардед ё ягон гаперо мегуфтед?
15. Оё шумо хондану қироати китобро аз мулоқот бо одамон афзалтар медонед?
16. Оё дуруст аст, ки шуморо зуд ранҷондан мумкин бошад?
17. Оё шумо тез-тез ба маъракаҳо рафтанро дўст медоред?
18. Оё дар шумо чунин фирку андешаҳое пайдо мешаванд, ки онҳоро намехоҳед бо дигарон бо ҳам бинед?
19. Оё дуруст аст, ки гоҳо шумо он қадар пургайратед, ки ҳама кор аз дастатон меояд, баъзан бошад, шалпарию хастагӣ ҳис мекунед?
20. Оё шумо кўшиш мекунед, ки доираи шиносҳои худро бо шумораи начандон зиёди дўстони аз ҳама наздиктаринатон маҳдуд намоед?
21. Оё шумо бисёр орзу мекунед?
22. Вақте ки ба сари шумо дод мезананд, оё шумо ҳам ҳамон тавр ҷавоб медиҳед?
23. Оё шумо тамоми одатҳои худро одатхои хуб мешуморед?
24. Оё дар шумо зуд-зуд эҳсосоте пайдо мешавад, ки шумо дар ягон кор гунаҳгоред?
25. Оё шумо қодиред, ки базан иродаатонро ба ихтиёри эҳсосотатон вогузор намоед ва дар маъракаи сурурбахш фориғболонаю бегамона шодию хурсандӣ кунед?
26. Оё метавон гуфт, ки асабонияти шумо зуд-зуд ба ҳадди ниҳоӣ мерасад?

27. Оё шумо ҳамчун одами зиндадил ва хушҳолу масрур машҳуред?
28. Баъди он ки кор иҷро карда шуд, оё шумо фикран ба он зуд-зуд бармегардад ва меандешед, ки метавонистед онро беҳтар иҷро намоед?
29. Оё шумо дар маъракати калону бодабдаба ширкат варзида, худро ноороому нороҳат эҳсос мекунед?
30. Оё мешавад, ки шумо овозаҳо паҳн менамоед?
31. Оё мешавад, ки шумо аз сабаби он ки фикрҳои гуногун саратонро гиҷ менамоянд, хоб карда наметавонед?

## Сифат ва хусусиятҳои психологии шахсият

***Хислат – ин ҳамбастагии фардию махсуси сифатҳои инсон мебошад, ки муносибатҳои ӯро ба воқеият ифода менамоянд ва дар рафтору кирдори вай зоҳир мегарданд.*** Бад-ин маънӣ, хислат ягонагии муносибатҳо ба воқеияти тарзу усулҳои амалу рафторе ба шумор меравад, ки бо ҳамин муносибатҳо далелнок карда мешаванд. **Он низоми тарзу усулҳои устувори ба ҳаёт татбиқ намудани муносибатҳо маҳсуб мегардад.** Вақте мегӯем, ки инсон фалон хислат дорад, мо **низоми муносибатҳои ӯро** ба воқеият ошкор месозем ва ҳамзамон **образи** устувору одатии **рафтори вайро** дар вазъияти муайян ҳамчун тарзу усули зуҳуроти ин муносибатҳо муқаррар мекунем.

Агар мо қайд намоем, ки худтанқидкунӣ хусусияти хоси хислати ҳамин одам маҳсуб мегардад, пас бад-ин васила мо нишон медиҳем, ки муносибати ӯ ба худии худаш чӣ хел аст, рафтори вай дар вазъияти муайян чӣ гуна мебошад ва чӣ амалу кирдоре аз ӯ дар шароитҳои дахлдор метавон интизор шуд, чунки муносибат тавассути рафтору кирдор амалӣ гардонда мешавад, **рафтор бошад, низоми муносибатҳо дар амал** ё, ба таъбир дигар, аз ҷониби инсон амалан ба ҳаёт татбиқ кардани муносибат ба шумор меравад.

Хислат бо дигар сифатҳои одам ва, пеш аз ҳама, бо қобилияту мизоҷ робитаи зич дорад.

Инкишофи лаёқату қобилиятҳо дар ягонагии ногусастанӣ бо ҷиҳатҳои характерологӣ амалӣ гардонда мешавад.

Ташаккули қобилияту истеъдодҳо ба муносибати эҷодӣ ба меҳнат, хоҳишу маҳорати боэҳтиросу пурчӯшухурӯши ҷустуҷӯйи чизи наву оригиналӣ, рӯҳбаландии ҷасорати эҷодӣ, дарки кори худ ҳамчун як қисми кори бузурги ҷамъиятӣ, эҳсосоти робитаи ногусастанӣ бо коллектив, майлу рағбати кор бахри неъматҳо, боварию эътимод ва қувваю имкониятҳо, пайвастани ноқаноатмандии доимӣ бо комёбиву дастовардҳои худ ва серталабӣ ба хеш, маҳорати рафтори танқидӣ ба кори худ вобастагӣ дорад. Инкишофи қобилиятҳо бо маҳорати рафъи устуворонаи душвориҳо, норӯҳафтодагӣ таҳти таъсири нобарорӣ, кори муташаккилона ва зоҳир намудани ташаббусу ибтикор зич алоқаманд мебошад. Ин ҷиҳатҳои характерологӣ дар як қатор мавридҳо имконият медиҳанд, ки сустии нисбии ин ё он қобилият аз рӯйи инкишофи нокифояи он ҷуброн карда шавад.

Хислат дар фаъолияти амалии инсон, дар таҷрибаи амалию ҳаётии ӯ таркиб ва тағйир меёбад.

Хислат дар ҷараёни ҳаёт пайдо мешавад. Он аз роҳи ҳаётии инсон вобаста мебошад, шароит ва тарзи зиндагии ӯро инъикос мекунад. Низоми муносибатҳои инсон ба воқеият таҳти таъсири худи воқеият ба вуҷуд меояд.

Пеш аз ин мавриди зикр гардид, ки хислат ягонагии ногусастании хусусияту ҷиҳат ё сифатҳои инсонро дар худ таҷассум менамояд. Ҳар як рафтори инсон умуман ҳамеша аз рӯйи шахсияти ӯ муайян карда мешавад, на аз рӯйи ин ё он ҷиҳату хусусияти хосаш ва ҳар як аломати хислат вобаста ба муносибатҳои он бо дигар ҷиҳатҳои шахсият аксар вақт аҳамияти комилан гуногуни худро пайдо мекунад. Масалан, ҷасорат ҳамчун нишонаи хислат вобаста ба он аҳамияти сифатан гуногун пайдо менамояд, ки оё он бо эҳтиёткорию бомулоҳизагӣ ё беэҳтиётию ҳардамхаёлӣ, бо устуворӣ ё якравӣ, бо эҳсосоти баланди ахлоқию маънавӣ ё ҳисси бухлу ҳасад ва ғуруру такаббур ҳамбастагию вобастагие дорад ё не. Устуворӣ танҳо дар ҳамбастагӣ бо мулоҳизакорӣ ва ғоянокии баланд аҳамияти мусбат дорад, бидуни он устуворӣ метавонад ба якравӣ табдил ёбад. «Ношитобкории хирадмандона» ва эҳтиёдкорӣ бидуни ҳамбастагӣ бо қатъият метавонанд инсонро ноӯҳдабаро ва ғайри қобили амал

гардонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳлили хислатхои фардӣ ҳар як аломатро бояд умуман танҳо дар «заминаи» хислат ҳамчун нишонаи хислат, ҳамчун аломати хислати инсоне муоина кард, ки боз дорои бисёр дигар ҷиҳату хусусиятҳост ва бояд аҳамият дод, ки нишонаи махсуси ҳамин хислати ин одам нисбат ба дигарон дар чист, чӣ гуна хусусиятхо ба ӯ хосанд. Аз ин рӯ, омӯхтан ва фаҳмидани чунин чизи мураккабу комил, ба мисли хислат, бидуни дар он ҷудо кардани ҷиҳатҳои алоҳида ё зуҳуроти махсусе имконнопазир аст, ки онҳоро, зимнан, метавон дар робитаи байниҳамдигарӣ бо якдигар, бо хислат ва умуман шахсият мавриди муоина қарор дод. Хислат гуногунҷанбаю серҷиҳата мебошад ва дар ҳар як мавриди ҷудогона гоҳо бо як ҷиҳат ва баъзан бо ҷиҳати дигараш ҷилвагар мешавад. **Таҳлил кардани хислат – ин маънии ҳамчун ягонагии комил ҷудо намудани ҷанбаю ҷиҳатҳои гуногуни онро дорад.**

Шароити зиндагӣ ва фаъолияти ҳар як инсони ҷудогона, роҳи ҳаётии ӯ ба таври фардӣ хос ва нотакрор мебошад. Хусусиятҳои беохири гуногуни фардӣ низ натиҷаи ҳаминҳоянд. Дар баробари ин дар ҳаёт ва фаъолияти одамоне, ки дар шароитҳои якхелаи ҷамъиятӣ зиндагӣ мекунанду инкишоф меёбанд, ҷанбаҳои зиёди умумӣ низ ҳаст. Аз ин рӯ, дар табиату хислати онҳо ҳам баъзе ҷиҳату ҷанбаҳои умумие мешаванд, ки вазъу ҳолатҳои умумию махсуси ҳаёти эшонро инъикос мекунанд. Хислату табиати ҳар як инсон ягонагии ҷиҳатҳои фардӣ ва махсусро дар назар дорад.

Одам дар шароитҳои муайяни сохти ҷамъиятӣ зиндагӣ мекунад ва дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Аз ин рӯ, мо дар бораи хулқу атвор ва хислати инсон ҳамчун намояндаи ин ё он ҷомеа сухан меронем. Хислату хусусиятҳои махсус – маҳсули шароитҳои муайяни ҷамъиятию таърихӣ мебошанд. Онҳо вазъияту шароитҳои махсусеро инъикос менамоянд, ки марҳалаи муайяни ҳаёти ҳамин ҷомеаро тавсиф мекунанд.

Ҳангоми муоинаи таҳлилии табиату хислат ***ду гурӯҳ нишонаҳои хислат ҷудо карда мешаванд, ки тарзу усулҳои фардию махсуси амалӣ гардондани муносибатҳои инсон ба воқеият дар вазъу ҳолатҳои дахлдор ба шумор мерававд.***

Гурӯҳи якуми нишонаҳои хислат он ҷиҳатҳои махсуси ӯро ташкил медиҳанд, ки дар онҳо **самтгирии шахсият**, яъне низоми муносибатҳо ба воқеият, ифодаи бевоситаи худро меёбад.

Ин муносибатҳои инсон бағоят гуногуншакланд ва объектҳои ин муносибатҳо низ хеле зиёданд. Вале бояд намудҳои асосии зерини муносибатҳоро ҷудо кард: муносибат ба ҷамъият, коллектив, ба дигар одамон ҳамчун узви коллектив; муносибат ба меҳнат, ба натиҷаю маҳсули меҳнат ва муносибат ба худии худ, ба шахсияту оилаи хеш.

Албатта, ин таснифот шартист, чунки тамоми муносибатҳо ба ҳамдигар алоқамананд ва низоми ягонаро ташкил медиҳанд. Муносибат ба дигар одамон, масалан, ба муносибат ба худии худ таъсир мерасонад: баҳои дигарон ба он таъсир мерасонад, ки инсон ба худ чӣ гуна баҳо медиҳад. Муносибат ба коллектив бо муносибат ба меҳнати ҷамъиятӣ робитаи зич дорад. Аз муносибати муайян ба меҳнат муносибат ба маҳсули меҳнат бармеояд.

Гурӯҳи дуввуми нишонаҳои хислат ҳангоми таҳлили **маҳорати** инсон дар бораи **танзими бошууронаи фаъолият** **худ**, ки бо рафъи мушкилоту монеаҳо алоқаманд мебошад, ошкор карда мешавад. Самтгирии одамизод, ки дар бораи он андаке бештар аз ин гуфта гузаштем, мақсаду нақшаҳои фаъолият ӯро муайян месозад, ки мазмуну мӯҳтавои онҳо, албатта, бағоят муҳиманд. Вале амалӣ гардондани ин мақсаду нақшҳо дар амалия низ аҳамияти хеле калон доранд, чунки онҳо ба сабаби рафъи мушкилоту монеаҳо дар роҳи расидан ба ҳадафи гузошташуда ба даст оварда мешаванд. Мувофиқи ҳамин нишонаҳои хислат гурӯҳи махсуси ҷиҳатҳои он – **таъсири ҷиҳатҳои махсуси хислат** ташкил карда мешаванд.

Ба ҷиҳатҳои иродавии хислат инҳо тааллуқ доранд:

Мақсаднокӣ, мустақилият, қатъият, устуворӣ, истодагарию ботамкинӣ, интизомнокӣ, мардонагию ҷасурӣ.

## Ҷиҳатҳои иродавии хислати одами калонсол

***Сифатҳои иродавии инсон дар омодагӣ, маҳорат ва одати мувофиқи принсипҳои муайян бошуурона равона сохтани***

***рафтору фаъолияти худ ба рафъи монеаҳо дар роҳи расидан ба мақсадҳои гузоштаишуда ифода меёбанд.***

**Мақсаднокӣ** танзими рафтори худ аз ҷониби инсон баҳри тобеъ гардондани он ба мақсади устувори ҳаётӣ мебошад. Барои одами соҳибмақсад мавҷудияти мақсади роҳнамо, омодагӣ ва қатъияти равона сохтани тамоми қувваю қобилият баҳри расидан ба он, мураттабу мунтазам ва пайвастаю бемайлон амалӣ гардондани ин мақсад хос аст.

**Мустақилият** тобеъ гардондани рафтори худ аз ҷониби инсон ба ақоиду эътиқоди шахсӣ ба шумор меравад. Одами мустақил ба ҳама гуна амалу рафторҳое, ки ӯро ҷалб кардан мехоҳанд, агар эътимод ҳосил накунад, розӣ намешавад. Вале ин чунин маънӣ надорад, ки ӯ ҳама гуна таъсири ғайру бегонаро рад мекунад. Одами мустақил ҳамеша омодааст, ки маслиҳату нишондодҳои дигаронро дида барояд, ба онҳо танқидан баҳо диҳад, агар ин нишондоду маслиҳатҳо оқилона бошанд, онҳоро қабул намояд.

**Қатъият** - маҳорат ва одати дар вазъияту ҳолатҳои мушкилу душвор қабул кардани қарорҳои асосноку устувор ва бидуни таваққуфу таъхири барзиёдатӣ шурӯъ намудан ба иҷрои онҳо мебошад. Он алалхусус дар вазъиятҳои душворе, ки аз якчанд имконият интихоби як имконият мавҷуд аст ва дар ҷое, ки амалу рафтор бо баъзе таваккал ва хавфу хатар алоқаманд мебошад, равшану возеҳ зоҳир мегардад.

**Устуворӣ** маҳорат ва одати то ба охир расондани қабули қарорҳо, ба даст овардани мақсади гузошташуда бар асари рафъи ҳама гуна монеаҳою душвориҳои роҳи он мебошад.

**Интизомнокӣ** амалу рафтори худро ба қавоид ва талаботи коллектив, ҷамъият тобеъ гардондани инсон маҳсуб мегардад.

**Истодагарию ботамкинӣ** – ин маҳорату одати назорати рафтору кирдори хеш, идораи худ ва ҳаракату суханрониҳои хеш, худдорӣ аз амалҳое ба шумор меоянд, ки дар ҳамин шароитҳо нодаркор ё зарарнок эътироф карда мешаванд.

**Мардонагӣ ва ҷасурӣ** – ин омодагӣ ва маҳорати инсон баҳри расидан ба мақсад мебошад, сарфи назар аз хавфу хатари он барои ҳаёт ва беҳбудию саломатӣ.

Барои ин ду сифат омодагӣ ба иҷрои амалу рафторҳои хатарнок чизи умумӣ маҳсуб мегардад. Вале на ҳар як одами

ҷасур метавонад то ба охир ба маҳрумият, азоби рӯҳию ҷисмонӣ, бадбахтию мусибат ва амсоли инҳо тоб биоварад ва устувор бимонад.

**Қобилият** – ба маънии васеи мафҳум хусусияти рӯҳии фардест, ки рафтору амали ӯ ва шароитҳои минбаъдаи фаъолияти ҳаётиашро танзим мекунад. Ба маънии маҳдуди калима – қобилият ин хусусияти шахсиятест, ки барои амалӣ гардондани мақсадҳояш дар байни мардум аҳамияти ҷиддӣ дорад.

Ҳар як фаъолият аз инсон як қобилият не, балки як қатор лаёқату қобилиятҳои ба ҳамдигар алоқамандро талаб менамояд. Масалан, қобилияти адабӣ, ғайр аз мавқеи эстетикӣ, таъсирпазирӣ, мушоҳидакорӣ, хотироти образнок, тахайюлот, забони саҳеҳу фасеҳ ва амсоли инҳоро дарбар мегирад.

**Норасоӣ**, инкишофи сусти кадом як қобилияти ҷузъӣ метавонад аз ҳисоби инкишофи пурзӯру ҷиддии дигар қобилиятҳо **ҷуброн карда шавад.** Ин хусусияти ҷуброни қобилиятҳо барои азхудкунии намудҳои гуногуни фаъолият ва интихоби касб имконияти комилан васеъ фароҳам меоварад. Набудани қобилияти ҷудогонаи ҷузъиро метавон бо меҳнати суботкоронаю бардавом ва устуворона ҷуброн кард.

*Қобилият ва фаъолият.* Қобилият танҳо дар раванди фаъолияти дахлдор ташаккул меёбад ва зоҳир мегардад. Инсонро дар фаъолият мушоҳида накарда, дар бораи будан ё набудани қобилиятҳои ӯ мулоҳиза рондан мумкин нест. Агар кӯдак ҳанӯз шаклҳои оддитарини фаъолияти мусиқиро наомӯхта бошад, агар ба ӯ ҳанӯз мусиқиро ёд надода бошанд, дар бораи лаёқату қобилиятҳо ба мусиқӣ сухан рондан нашояд. Танҳо дар раванди омӯзиш (зимнан омӯзиши дуруст) муайян карда мешавад, ки ӯ чӣ гуна қобилият дорад, дар вай эҳсосоти вазну оҳанг ва ҳофизаи мусиқӣ зуду осон ё бо душворӣ ва суст ташаккул меёбад.

Одамизод барои ин ё он фаъолият соҳибқобилият таваллуд намешавад, қобилиятҳои ӯ дар заминаи ташкили дурусти фаъолияти дахлдор дар тӯли ҳаёташ таҳти таъсири атрофиён ташаккулу таркиб ва инкишоф меёбанд. Ба

таъбири дигар, **қобилиятҳо – ташкилаҳои ҳаётанд, на модарзодӣ.**

Дар фаъолияте, ки ба қонеъ гардондани талаботҳо нигаронида шудааст, таърихан қобилиятҳои одамон ба вучуд меомаданд ва инкишоф меёфтанд. Дар чараёни инкишофи таърихии чамъияти инсонӣ талаботҳои нав пайдо шуданд, одамон соҳаҳои нави фаъолият ба вучуд оварданд ва бо ҳамин роҳ сабабгори инкишофи қобилиятҳои нав гардиданд. Масалан, дар замои мо талаботи азхудкунии фазои кайҳонӣ ба вучуд омад ва намуди комилан нави фаъолияти инсон – фаъолияти кайҳоннавард пайдо шуд. Ба ташаккули қобилиятҳои махсуси парвозҳои кайҳонӣ талабот ба вучуд омад ва чунин қобилиятҳо дар номзадҳо ба кайҳоннавардӣ инкишоф меёбанд.

Бояд робитаи зичу ногусастании қобилиятҳоро бо донишу маҳорат ва малакаҳо махсус таъкид кард. Аз як тараф, қобилиятҳо аз донишу маҳорат ва малакаҳо вобаста мебошанд, - дар раванди андӯхтани донишу маҳорат ва малакаҳо қобилиятҳо инкишоф меёбанд. Аз тарафи дигар, донишу махрат ва малакаҳо аз қобилиятҳо вобаста мебошанд, - раванди андӯхтани донишу маҳорат ва малакаҳо дар баробари дигар шароитҳо (масалан, сифати омӯзиш) аз хусусиятҳои фардии психологии инсон низ вобастагӣ дорад. Қобилиятҳо имконият медиҳанд, ки донишу маҳорат ва малакаҳо зудтару осонтар ва мустаҳкамтару амиқтар аз худ карда шаванд. Масалан, дар раванди андӯхтани донишу маҳорат ва малакаҳои математикӣ чунин қобилиятхо, ба мисли хотираи математикӣ, лаёқат ба фазои геометрӣ, қобилият ба тафаккури мантиқӣ инкишоф меёбанд. Аз чониби дигар, ҳангоми мавчудияти хотираи хуби математикӣ, қобилият ба тафаккури мантиқӣ омӯхтани донишу маҳорат ва малакаҳо дар соҳаи математика осонтару зудтар ва бомуваффақияттар ба амал меояд.

Вале рад намудан ва қабул накардани қобилияти донишу маҳорат ва малакаҳо саҳву хатои дағал мебуд. Дониши нокифоя ё ноўҳдабароию бемаҳоратиро ба чойи набудани қобилиятҳо қабул кардан нашояд. Ғалату саҳви чиддӣ кассе содир менамояд, Ки дар бораинабудани қобилиятҳо дар

хонандагон дар заминаи он, ки кӯдак кам медонад, донишу маҳорати зарурӣ надорад, хулосаи шитобкорона ва сатҳию рӯякӣ мебарорад. *Заминаҳои табиӣ ва инкишофи қобилиятҳо.* Дар инкишофи қобилиятҳо омилҳои табиӣ ва модарзодӣ ягон нақш мебозанд?

Аксарияти олимони Ғарб дар мавқеи эътирофи баромади модарзодию ирсии қобилиятҳои инсон қарор доранд. Онҳо чунин мешуморанд, ки ҳам намудҳои қобилият, ҳам дараҷаи муқаррароти пешакии онҳо модарзодист, қобилиятҳо қаблан дар генҳо барномарезӣ шудаанд, ки ин ҳадяи махсуси табиат мебошад.

Олимони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ин нуқтаи назари нодурустро комилан рад мекунанд. Шароитҳои зиндагӣ ва фаъолияти инсон қобилиятҳои ӯро боз ҳам бештар ташаккул медиҳанд. Вале ин чунин маънӣ дорад, ки омилҳои табиию биологӣ дар раванди ташаккули қобилиятҳо умуман ягон нақше намебозанд? Психологҳо - материалистон нақши муайяни омилҳои табиию биологиро ҳамчун **заминаҳои** табиии инкишофи қобилиятҳо эътироф менамоянд. Чунин **заминаҳои табиии инкишофи қобилиятҳо аломатҳои қобилият номида мешаванд.**

*Аломатҳои қобилият* – баъзе хусусиятҳои модарзодии анатомию физиологии майна, системаи асаб ва анализаторҳое (асбобҳои таҳлилие), ки сабабгори тавофутҳои табиии фардии байни одамон мебошанд.

Нишонаҳои лаёқату қобилият ба раванди ташаккул ва инкишофи қобилиятҳо таъсир мерасонанд. Бо вуҷуди тамоми шароитҳои дигари якхелаю баробар мавҷудияти аломатҳои мусоиду созгори қобилият барои ҳамин фаъолият ба ташаккули бомуваффақияти қобилиятҳо мусоидат мекунад, инкишофи онҳоро осон мегардонад. Албатта, танҳо мавҷудияти аломатҳои махсусан созгори қобилият ва шароитҳои махсусан мусоиди ҳаёт ва фаъолият аз рӯйи дараҷаи фавқулодда баланди комёбиву дастовардҳо маънидод карда мешавад. Масалан, истеъдоди забондонии олими даниягии асри XIX Раск, ки мувофиқи иттилооти матбуот, ба 230 забон гап мезадааст, ба ин мисол шуда метавонад. Дар бораи истеъдоди математики Э.Галуаи

чавон низ, ки дар 19 - солагиаш кашфиёти ҳақиқатан гениалии математикӣ кард, метавон ҳамин чизро гуфт.

Ба аломатҳои қобилият баъзе хусусиятҳои модарзодии анализатори (асбоби таҳлили) биноӣ ва шунавоӣ низ мансубанд. Ба сифати нишонаҳои лаёқату истеъдод инчунин хусусиятҳои типологии системаи асаб ҳам баромад мекунанд, ки суръати ташкили робитаҳои муваққатии системаи асаб, устувории онҳо, қувваи диққати ҷиддӣ, тобоварии системаи асаб, коршоямии фикрию зеҳнӣ аз ҳамин хусусиятҳо вобастаанд. Дар айни замон муқаррар карда шудааст, ки дар баробари он ки хусусиятҳои типологӣ (қувва, мувозина ва мутаҳаррикию тағйирпазирии равандҳои асаб) системаи асабро умуман тавсиф менамоянд, онҳо метавонанд кори соҳаҳои алоҳидаи қишрҳо (биноӣ, шунавоӣ, ҳаракат)-ро комилан ба таври дигар тавсиф кунанд. Дар ин сурат хусусиятҳои типологӣ хусусиятҳои ҷузъӣ маҳсуб мегарданд, чунки танҳо кори қисми ҷудогонаи қишрҳои майнаро тавсия месозад. Хусусиятҳои ҷузъӣ метавон боз ҳам возеҳу равшантар нишонаҳои қобилиятҳоеро ҳисобид, ки бо кори анализатории (асбоби таҳлили) биноӣ ва шунавоӣ, бо суръат ва дақиқияти ҳаракат алоқамандаанд.

Аломатҳои лаёқату истеъдод метавонанд қобилиятҳои фардии сохтори ҷудогонаи қисмҳои қишри мағзи сар низ шаванд.

Бояд дар хотир дошт, ки аломатҳои лаёқат қобилиятҳоро дарбар намегиранд ва инкишофи онҳоро кафолат намедиҳанд. *Аломатҳои қобилият – инҳо танҳо яке аз шартҳои ташаккули қобилиятҳо мебошанд.* Ягон шахс, соҳиби чӣ гуна аломатҳои хубу мусбати қобилияту истеъдод набошад ҳам, мутрибу мусиқинавоз, рассом, математик ва шоири барҷаста шуда наметавонад, агар ба фаъолияти дахлдор бисёру пайваста ва устуворона машғул нашавад. Дар ҳаёт мисолҳои зиёде ҳастанд, ки одамони дорои аломатҳои комилан наҷибонаи қобилият дар зиндагӣ имкониятҳои худро амалӣ гардонда натавонистаанд. Онҳо метавонистанд муваффақияту комёбиҳои бештаре ба даст оваранд, агар ҳаёту фаъолияти эшон ба таври дигар ҷараён мегирифт. Ва баръакс, ҳатто дар сурати набудани

нишонаҳои хуби лаёқату истеъдод ҳам, одами меҳнатдўсту устувор ва соҳиби майлу рағбати қавию суботкор метавонад дар ин ё он соҳаи фаъолият ба дастовардҳои назаррасе ноил гардад.

Чунин баршумурдан мумкин нест, ки ҳар як қобилият ба аломатҳои муайяни худ мувофиқат менамояд. **Аломатҳои қобилият сермаъноянд**. Ин чунин маънӣ дорад, ки дар заминаи ҳамон як нишонаҳои лаёқат метавонанд қобилиятҳои гуногун пайдо шаванд. Масалан, дар асоси чунин аломатҳо, ба мисли суръат, аникияту дақиқият, нафосату латофат, моҳиронагию боназокатии ҳаракатҳо метавонанд аз вобастагии шароитҳои ҳаёт ва фаъолият ҳам қобилияти ҳаракатҳои мавзуну хиромон ва мувофиқу мутобиқи ҷисму пайкари гимнаст, ҳам лаёқати ҳаракатҳои аниқу дақиқ, моҳиронаю нозуки дастони ҷарроҳ, ҳам қобилияти ҳаракатҳои зуду босуръат, ҳамвору зебо ва равону нарми ангуштони ғиҷҷакнавоз ба вуҷуд оянд.

Дар заминаи қобилияти навъи бадеӣ метавонад лаёқату истеъдодҳои ҳам актёр, ҳам нависандаву шоир, ҳам рассому мутриб; дар асоси лаёқати навъи зеҳнӣ -- қобилиятҳои ҳам математика, ҳам илми забоншиносӣ ва ҳам олим таркиб ёбанд.

# ШАХСИЯТ ВА ҶАМЪИЯТ

## Қоидаҳои умумӣ

Психология ба таълимоти фалсафӣ асос ёфта, таҳти мафҳуми шахсият инсони мушаххас, намояндаи ҷамъият, синф, коллективи муайянеро мефаҳмад, ба шакли конкретии фаъолият машғул мебошад, муносибати худро ба атрофиён дарк менамояд ва хусусиятҳои хоси фардии хешро дорад. Нишонаю аломатҳои фарққунандаи психологии шахсият инҳоанд: худшиносӣ, фардият, худтанзимшавӣ, фаъолиятмандӣ, ки дар фаъолияти мушаххас ифода меёбанд, вуруд ба низоми муносибату робитаҳои ҷамъиятӣ. Мафҳуми «шахсият» бо мафҳуми хеши наздики «инсон» айни як чиз ва монанд нест. Инсон – мафҳуми ҷомеъ, шахсият – одами мушаххасест бо тамоми хусусиятҳои фардияш. Ба ҳар як инсон як навъ фардият ва махсусият хос аст. Сифату хусусиятҳои фардӣ инсонро ба он андозае шахсият мегардонанд, ки ба ҳамон андоза онҳо дар ӯ инкишоф ва ифода ёфтаанд.

Шахсияти инсон, мувофиқи таълимоти фалсафӣ, маҳсули инкишофи ҷамъиятию таърихӣ маҳсуб мегардад.

Аз ин рӯ, барои он ки инсон, хусусиятҳои фардии ӯ, олами ботиниаш хуб фаҳмидаю дарк карда шавад, бояд он робитаю муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо атрофиён ошкору муайян карда шаванд, ки дар айни замон вай дар дохили онҳост. Симои шахсият аз нақши ӯ ҳамчун мутахассис иборат мебошад.

Вақте ки инсони мушаххас омӯхта мешавад, на танҳо симои ҷамъиятии ӯ ба эътибор гирифта мешавад. Албатта, симои ҷамъиятӣ он чизи асосиест, ки дар он шахсият ошкору зоҳир мегардад. Вале бояд ҳамчунин ҷиҳати биологии инсонро низ ба назар гирифт. Инсон як қисми табиат, маҳсули инкишофи он, мавҷудоти бевоситаи табиат ба шумор меравад.

Шахсият ба андозаи ҳалкунанда аз рӯйи он тавсиф дода мешавад, ки ӯ чӣ ва чӣ гуна кор мекунад. Кору амал, рафтору кирдори инсон, чунонки маълум аст, бесабаб

нестанд. Онҳо ба хусусиятҳои рӯҳии одам, фикру андешаҳо, майлу хоҳиш ва эҳсосоти ӯ вобаста мебошанд.

Олами сохторию рӯҳии шахсият раванду хусусият ва маърифату ҳолатҳои рӯҳиро дарбар мегирад. Ҳамаи ин унсурҳои рӯҳӣ дар ҳар як инсон ҳаст ва ҳамин сохторро ҳамчун барнома сармашқи кори худ мекунад. Ба ҳар як одам ҳамчун шахсият хусусияти фардӣ хос мебошад. Дар айни замон ба ҳар як инсон ҷиҳатҳои умумӣ низ хосанд.

Ин – меҳнаткаши бовиҷдон, инсони соҳиби фарҳанги баланди сиёсӣ, ватандӯсту меҳнатпараст ва интернатсионалист. Он дар рӯҳи таърихи қаҳрамононаи мамлакат, тамоми сохти мо ба камол расидааст. Ӯ ҳаёти рӯҳафзою фараҳбахши бунёдкоронаю созандаеро аз сар мегузаронад.

***Озодии шахсият*** ё озодии интихоб, ирода, баъзан бар хилофи шароитҳои иҷтимоӣ ё шавку рағбати худ, аз рӯйи имконияти ин ё он касб, тарзу навъи рафторро интихоб намудани инсон муайян карда мешавад. Одамизод – ин мавҷудоти ягонаест, ки метавонад дар ҳар як лаҳза ба шавқу рағбати «қувваи мавҷудаи ҳаётии» биологии худ «не» гӯяд. Инсон аз таъсироти иҷтимоӣ озод нест, вале аз ӯ вобаста аст, ки оё вай тан медиҳад ё метавонад ба шароитҳои иҷтимоӣ муқобилат намояд. Аз ин ҷиҳат озодӣ – ин чизест, ки инсон бояд худаш ба қароре ояд, ки некиро интихоб менамояд ё ба бадӣ гузашт мекунад. Баъзе одамон мехоҳанд рафтору кирдорҳои бад, зишту қабеҳ, палидию разилӣ, хиёнатгарию хоинии худро дар заминаи «шароитҳои объективӣ - нокомилии ҷамъият, тарбиятгарону мураббиёни поӯхдабаро, оилаҳои нотинҷу ноосудае, ки эшон дар ин оилаҳо ба камол расидаанд, «аз ҳисоб бароранд ва аз ҷавобгарии шахсӣ барои рафтору ҳаёти худ саркашӣ намоянд. Озодии шахсият дар дарки зарурат ва мақсаднокии тарзи интихобии рафтор ва эътирофи пурраи масъулияту ҷавобгарии хештан барои интихоби худ ва оқибати амалҳои хеш зоҳир мегардад.

## Ҷузъҳои асосии шахсият

Ба мисли ҳар як ташкилот, ҳаёти рӯҳӣ низ сохтори муайян дорад. Аз хусусиятҳои фардии тарзи рӯҳӣ дур шуда, метавон сохтори хоси шахсиятро муқаррар кард.

**Ҷузъи якуми** сохтор самтгирии шахсият ё муносибати таъсиргузаронии инсонро ба воқеият тавсиф менамояд. Самтгирӣ хусусиятҳои гуногун, низоми байниҳамдигарии талаботу манфиатҳо, дастурҳои амалиро дарбар мегирад.

**Ҷузъи дуввум** имкониятҳои шахсиятро муайян менамояд ва он низоми лаёқату қобилиятҳоеро дарбар мегирад, ки комёбию муваффақияти шахсиятро таъмин месозад. Лаёқату қобилиятҳо байни ҳамдигар алоқамандаңд ва ба якдигар таъсир мерасонанд.

**Ҷузъи сеюм** дар сохтори шахсият **хислат** ё тарзу усули рафтори инсон дар муҳити иҷтимоӣ мебошад. Хислат – ташкилаи мураккаби таркибиест, ки дар он мазмуну мӯҳтаво ва шаклҳои ҳаёти рӯҳию маънавии одам дар ягонагӣ зоҳир мегарданд. Агарчи хислат умуман шахсиятро ифода насозад ҳам, вале низоми мураккаби хусусиятҳои он, самтгирӣ ва ирода, сифатҳои зеҳнию эҳсосотӣ, ҷнбаҳои хосеро дарбар мегирад, ки дар мизоҷу табъ ва ғайрат зоҳир мегарданд.

Дар низоми хислат низ метавон хусусиятҳои асосиро ҷудо кард. Ба онҳо дар навбати аввал сифатҳои ахлоқӣ (меҳрубонию ғамхорӣ ё сангдилию бераҳмӣ нисбат ба одамон, масъулият нисбат ба ӯҳдадорию вазифаҳои ҷамъиятӣ, хоксорию фурӯтанӣ, дар навбати дуввум сифатҳои иродавӣ (қатъияту устуворӣ, мардонагию ҷасорат ва худдорӣ) тааллуқ доранд, ки тариқу услуби муайяни рафтор ва тарзу усули ҳалли масъалаю вазифаҳои амалиро таъмин мекунанд. Ана барои ҳамин ҳам метавон гуфт, ки сифатҳои ахлоқию иродавӣ асоси ҳақиқию воқеии хислатро ташкил медиҳанд.

**Ҷузъи чаҳорум**, ки болосохти тамоми ҷузъҳои дигар маҳсуб мегардад, **низоми идора** мебошад, ки онро одатан бо мафҳуми «ман» ифода менамоянд. «Ман» - ташкила (натиҷа)-и худшиносии шахсият, он худтанзимшавиро амалӣ мегардонад: тақвиятёбӣ ё сустшавии фаъолият,

худназораткунӣ ва ислоҳи амалу рафтор, афзалияти банақшагирии ҳаёт ва фаъолият.

## Мафҳуми инсон

*Инсон* – ин, пеш аз ҳама, мавҷудоти биологӣ мебошад. Одам дар айни замон мавҷудоти ҷамъиятӣ низ ҳаст.

Инсон бисёрҷиҳатаю чандинтарафа мебошад, аз ин рӯ, он ҳамчун объекти омӯзиши ҳам илмҳои табиатшиносӣ ва ҳам илмҳои ҷамъиятшиносӣ хидмат мекунад.

## Мафҳуми шахсият

**Шахсият** – *фаъолияти инкишофи ҷамъиятӣ, фарди бошууре мебошад, ки дар ҷамъият мавқеи муайян дорад ва нақши муайяни ҷамъиятиро иҷро мекунад.*

**Мафҳуми фардият**. Фардият – ин шахсиятест бо хусусиятҳои хосаш. Вақте ки дар бораи фардият сухан меронанд, пас шахсияти нодиру галатиро дар назар доранд. Одатан бо калимаи «фардият» ягон навъ хусусияти муҳиму асосии шахсиятро муайян менамоянд, ки ӯро аз атрофиён ҷудо карда меистад.

## Фаъолияти ҳаётии шахсият ва муҳити иҷтимоӣ

Тамоми он чизҳое, ки инкишофи онҳо инсонро дар марҳалаи иҷтимоии муайяни ӯ иҳота мекунанд ва ё фаро мегиранд, муҳити иҷтимоӣ маҳсуб мегардад. Муҳити иҷтимоӣ аз навъу шакли форматсияҳои ҷамъиятию иқтисодӣ, аз мансубияти синфию миллӣ, аз тафовутҳои дохилисинфии табақаҳои муайян, аз фарқиятҳои ҳаётӣ ва маишию касбӣ («муҳити шаҳрӣ», «муҳити деҳотӣ», «муҳити истеҳсолӣ», «муҳити артистӣ») вобаста мебошад.

Инак, форматсияи ҷамъиятию иқтисодӣ бо мушаххасоти таърихию демографӣ ва миллиаш мислаш ҳамин муҳити иҷтимоиро ташаккул медиҳад, ки вай ин ё он тарзи ҳаёт ва аз дунболи онҳо тарзи тафаккур ва рафторро ба вуҷуд меорад. Пас, роҳи асосии ташаккули шахсият чунин аст: форматсияи

чамъиятию иктисодӣ – «муҳити ичтимоӣ» - тарзи ҳаёти инсон.

Тафовуту фаркиятҳои одамон байни худ серчабҳа ва бисёрчиҳата мебошанд: онҳо ба эътикоду манфиатҳо, донишу тачрибаҳо, кобилияту лаёкатҳо, маҳорату малакаҳо, мизочу табъ ва хислатҳо дахл доранд. Бо вучуди ин, кори рӯҳи тамоми одамон ба конуниятҳои умумӣ вобаста мебошад: дар ҳама хотирот, эҳсосот ва дигар равандҳои рӯҳӣ мавчуданд: дар инкишофи худ ҳама аз марҳалаҳои умумии рушд мегузаранд; зуҳуроту нишонаҳои умумию хоси инсонии рӯҳ ташаккул меёбанд. Ва ҳатто фарку тавофутҳои одамон аз якдигар аз рӯйи устувории муайян тавсиф карда мешаванд.

Вале тамоми таснифоти навъҳои тафаккур, мизочу табъ ва хислатҳои одамон, аз як чиҳат, басо пурвусъатанд, барои он ки дар як коллектив шумораи зиёди одамони комилан гуногун вомехӯранд, аз чиҳати дигар бошад, бағоят маҳдуданд, азбаски ягон одам, ба ягон синф пурра мувофик намеояд. Вале бидуни типологияҳои илмӣ ҳеч кореро наметавон ичро кард. Онҳо акаллан барои он лозиманд, ки ба ягон навъ пешгӯйӣ кардани инсон, дарк намудани ӯ кӯмак мерасонанд, агар, албатта, мо сунъият ва шартияташонро аз ёд набароварда бошем. Он боби психология, ки хусусиятҳои хоси фардҳои алоҳида ё гурӯҳҳои одамонеро меомӯзад, ки аз рӯйи ягон хел аломатҳои умумӣ (синну сол, чинс ва амсоли инҳо) муттаҳид мегарданд, **психологияи дифференсилӣ** (ё психологияи тафовуту фаркиятҳои фардӣ) номида мешавад. Он ба табиат ва манбаъҳои фарку тафовутҳои фардӣ сару кор дорад ва марок зоҳир менамояд.

Тафовутҳои фардию психологиеро, ки аз хусусиятҳои асосии системаи асаби инсон вобастаанд, **психофизиологияи дифференсиалӣ** муоина мекунад.

**Фаркиятҳои фардӣ** (фардию психологӣ) – инҳо хусусиятҳои хоси зуҳуроти рӯҳӣ (равандҳо, ҳолатҳо ва хислатҳое, ки одамонро аз ҳамдигар фарк мекунонанд) мебошанд. Хусусиятҳои хоси системаи асаб ва майна заминаи табиии онҳо маҳсуб мегарданд. Онҳо дар тӯли ҳаёт бар асари фаъолият ва муошират, дар натичаи робитаи байниҳамдигарии инсон бо олам атроф (ба маънии аз ҳама

васеи ин калима) эҷод мегарданд ва инкишоф меёбанд. Сифатҳои асосии фардиятро метавон ҷудо кард: лаёқату қобилият, мизоҷу табъ, хулқу хислат.

### Нақши муҳит ва ташаккули одами калонсол

Инсон вобаста ба андозаю дараҷаи рушду инкишоф ва ифодаёбии хусусиятҳои хоси психологияш шахсияту фардият маҳсуб мегардад.

Дар такомулу ташаккули шахсият, хусусиятҳои психологии он муҳит нақши муайян мебозад. Ба омилҳои муҳит, пеш аз ҳама, муносибатҳои ҷамъиятӣ, идеология ва фарҳанг дохил мешаванд.

Вале ба шахсият на танҳо шароитҳои умумии зиндагию маишат ва оила таъсир мерасонад. Ин шароитҳои мушаххас, одатан, ба шароитҳои умумӣ мувофиқат менамоянд. Аммо маҳз дар шароитҳои мушаххас нигоҳ ва маҳфуз доштани боқимондаҳои замони гузашта ва ақидаҳои маҳдуд имконпазир мебошад. Шароитҳои мушаххас як навъ ба таври муайян таъсири шароитҳои умумиро тағйир медиҳанд, шароитҳо ин таъсирро ё суст мекунанд ва ё баъзан халалдор месозанд. Ана барои ҳамин ҳам, дар ҷамъияти мо баъзан шахсиятҳои фосиқу бадахлоқ, ақидаю рӯҳия ва фикру андешаҳояшон вайрон вомехӯранд.

Моҳияти шахсият аз рӯйи таъсири муҳит, яъне мазмуну мӯҳтавои хусусиятҳои психологӣ ва сарватҳои маънавии он муайян карда мешавад. Сарвати ҳақиқии маънавии фард комилан аз гановатмандии муносибатҳои амалкунандаи ӯ вобаста мебошад. Вале ин муносибатҳои гуногуншакл, пеш аз ҳама, муносибатҳои миллиро дарбар мегиранд ва дар навбати худ маҳз василаи онҳо тамоми дигар шаклҳои муносибатҳо муайян карда мешаванд.

Аз ин рӯ, шахсият аз ҷиҳати нигоҳ доштани хусусиятҳои муҳимтарини психологии он мафҳуми миллӣ маҳсуб мегардад.

Вобаста ба мавқеъҳои иҷтимоии одамизод, мансубияташ ба ин ё он миллат, нақш, ҷову мақомаш дар низоми истеҳсолот, муносибатҳои иҷтимоию шароитҳои ҳаёташ симои рӯҳию маънавӣ ва сохти хислатҳои психологии ӯ

ташаккул меёбанд. Шуур – танҳо инъикоси ҳастӣ аз вобастагии мазмуну мӯҳтавои олами рӯҳию маънавии инсон аз шароитҳоест, ки ҳаёти ӯро иҳота кардаанд.

Вале таъсири ташаккулёбандаи шароитҳои муҳити атрофро ҳамчун таъсири яктарафа муоина кардан нашояд. Ин таъсиррасонӣ дар сурати муносибати фаъолонаи инсон ба атрофиён амалӣ гардонда мешавад. Фаъолиятмандӣ ҳар қадар баландтар бошад, таъсири ташаккулёбандаи муҳит ҳамон андоза пурзӯртар мегардад. Шакли асосии муносибати фаъолонаи инсон бо атрофиён ва муҳити зист фаъолият мебошад.

Ташаккули шахсияти инсон дар асоси он вазифаю хусусиятҳои рӯҳие амалӣ гардонда мешавад, ки дар ӯ дар давраи зиндагӣ ба вуҷуд омадаанд. Вале ин на инкишофи муқаррарию тадриҷии ин ё он хусусияту ҷиҳатҳо, балки тағйироту дигаргунсозии сифатии шахсияти инсон, ақидаю эътиқод, талаботу сабабхо, хислату рафторҳои ӯ маҳсуб мегардад. Ба ҳайси қувваҳои ҳаракатдиҳандаи чунин инкишоф ихтилофоти миёни шаклҳои одатии рафтор ва шароитҳои нави амалӣ гардондани онҳо, зиддияти байни шаклҳои одатии рафтор ва тарзу усулҳои нави фаъолият ва амсоли инҳо баромад карда метавонанд. Аз ин рӯ, ташаккули инсон ҳамчун шахсият, дар ӯ парваридан ва инкишоф додани сифатҳои ахлоқию сиёсӣ - раванди мураккаб, диалектикан пурихтилофест, ки ба бисёр омилҳои объективию субъективӣ вобаста мебошад.

Шахсият таҳти таъсири муносибатҳои ҷамъиятӣ, тарзи ҳаёт, идеология ва сиёсат, шароитҳои ҳаёт ва фаъолият, таъиноти таърихии онҳо ташаккул меёбад. Ба шахсият раванди фаъолияти серҷабҳаи ӯ ва, *пеш аз ҳама*, иҷрои вазифаҳои ҷамъият таъсир мерасонад.

### Шахсият ва фаъолият

**Фаъолият** – ин робитаю таъсири байниҳамдигарии инсон ва муҳит мебошад, ки дар натиҷаи он одамизод муҳитро ба худ тобеъ месозад, соҳиби он мегардад.

Фаъолияти инсонӣ – ин, пеш аз ҳама, меҳнат мебошад. Дар охири раванди меҳнат натиҷа ба даст меояд, ки

аллакай дар ибтидои ин раванд он дар тасаввуроти инсон ҷой дошт.

Меҳнати одамизод – ин раванди таъсиррасонии инсон ба табиат тавассути олатҳои муайян бо истифодаи донишҳо мебошад. Инсон ҳамеша ҳамроҳи дигар одамони ҷомеа ба фаъолияти меҳнатӣ машғул мешавад.

Дар раванди фаъолият одам ғайратмандӣ зоҳир месозад, муҳити атрофро дарк менамояд; ӯ бо муҳит, асбобу олати меҳнат ва дигар одамон алоқаманд мебошад. Фаъолият инсонро ба низоми бардурӯғу баргалати муносибатҳо, ба робитаю шароитҳои мураккаб ворид месозад. Лекин инсон таъсири баръакси тамоми ҷузъҳои баршумурдаро эҳсос менамояд ва одам ҳар қадар фаъол бошад, ин таъсир ҳамон андоза пурзӯртар мегардад. Таъсири баръакс хусусияти ташаккулдиҳанда дорад: дар фаъолият шахсияти инсон инкишоф меёбад. Одамизод ба табиати беруна таъсир расонда, онро тағйир дода, дар айни замон табиати худро низ дигаргун месозад. Дар фаъолият хусусиятҳои психологии шахсияти инсон ҳам инкишоф меёбанд.

Инкишофи хусусиятҳои психологии шахсият барои он ба амал меоянд, ки ба инсон дар раванди фаъолият дигар одамон, асбобу олати меҳнат ва муҳит таъсир мерасонанд. Инсон маҳз дар меҳнат бо дигар одамон муошират мекунад, мубодилаи афкор менамояд, амалу рафторҳои худро мутобиқ месозад ва мақсаду андешаҳои онҳоро мефаҳмад.

Ҳар як шакли фаъолият аз воқеаҳои ҷудогона ва урсурҳои таркибӣ пайдо мешавад. Унсури фаъолият амал мебошад. Амал – ин як қисми ҷудогонаи фаъолият маҳсуб мегардад. Чунончи, идораи ҳавопаймо аз қисмҳои алоҳида таркиб меёбад: парвозгоҳ, парвоз, фурӯдгоҳ. Ҳамаи ин ҷузъҳои фаъолият аз рӯйи амалҳои ҷудогонаи мустақилонаи халабон иҷро карда мешаванд. Барои он ки сохти психологии фаъолиятро бифаҳмем, сохтори унсури он – амалро муоина мекунем.

Ин ё он амали инсон аз майлу хоҳиш бармеояд. Ин майлу хоҳишро сабаб меноманд. Амалу рафтор ҳамеша ба мақсаду ҳадаф нигаронида шудааст, яъне ба он, ки дар натиҷаи амал чӣ чиз бояд ба даст оварда шавад. Инсон ҳар кадом амалро иҷро карда, воситаҳои муайянро истифода менамояд: ё

асбобу олатҳои техникӣ, ё тарзу усулҳои амалу рафторро. Барои он ки амалу рафтор, василаи он бошад, фаъолиятро бифаҳмем, бояд ба сабабу мақсад ва воситаҳои онҳо баҳо бидиҳем. Шахсият аз рӯйи он тавсиф карда мешавад, ки ӯ чӣ кор мекунад, яъне аз рӯйи мақсадҳои бадастоварда, боз аз он ҷиҳат тавсиф карда мешавад, ки вай чӣ тавр иҷро менамояд, яъне аз рӯйи воситаҳои истифодашаванда.

Дар мавриде, ки агар амал аҳамияти ҷамъбастӣ дошта, мақсадаш барои бисёр одамон муҳим бошад, пас амал ба рафтор табдил меёбад. **Рафтор** – ин амалест, ки аз ҷониби шахси амалкунанда ҳамчун кори ҷамъиятӣ дарк карда мешавад, муносибатро ба одамон инъикос менамояд ва дорои аҳамияти ҷамъиятӣ мебошад. Инсон ҳамчун мавҷудоти ҷамъиятӣ одатан рафторҳояшро такмил медиҳад, чунки амалҳои ӯ ба дигарон таъсир мерасонанд. Амалҳо ҳамеша рафторҳоянд. Омӯхтани дарксозии амалҳои худ ҳамчун рафторҳо бағоят муҳим аст. Рафтор дар шаҳр муносибати боэҳтиромонаю меҳрубонона ба калонсолону занон, ёрию мадад ба одамоне маҳсуб мегардад, ки ба он мӯҳтоҷанд.

Вақте ки амал дорои аҳамияти ҷамъиятӣ мебошад, бо рафъи душворию мушкилот ва хавфу хатар алоқаманд аст.

Амал аз ҷониби инсон дар асоси ҳаракатҳои ҷудогона ба ҷо оварда мешавад. **Ҳаракат** – ин тарзу усули иҷрои амал ба шумор меравад. Сифати амалҳо аз ҳаракатҳо вобаста мебошад. Ин ба идораи техникаи мураккаб таъсири махсус мерасонад. Аз рӯйи ҳаракат ба амал аз ҷиҳати техникӣ метавон баҳо дод. Одатан ҳаракатҳои одамизод беихтиёрона мешаванд. Ҳаракатҳо ба шаклҳо ҷудо мешаванд: вазъияту ҳолатҳо, мутаассирӣ, ҷисмонӣ, нутқӣ, корӣ ва амсоли инҳо. Ҳаракат аз рӯйи чунин хусусиятҳо тавсиф карда мешавад: суръат, қувва, тезию зудӣ, тарзу тартиб, мутобиқат, аниқию дурустӣ, нафисию мавзуният ва чолокию чаққонӣ.

Ҳаракатҳое, ки бо мақсади умумӣ муттаҳид гардидаанд, амалиёти муҳаррикиеро ташкил медиҳанд, ки сифати иҷрои онҳо аз бисёр ҷиҳат аз сифати ҳаракатҳо вобаста мебошад. Ҳаракатҳо тавассути машқҳо метавонанд худ ба худ, беихтиёрона ба амал оянд, ба малакаҳо табдил ёбанд. Чунин

ҳаракатҳо бо ниҳондиҳандаҳои ниҳоят баланди миқдорию сифатӣ ичро карда мешаванд.

Аз ҳаракатҳо амалу амалиёт ва фаъолиятҳо таркиб меёбанд, аз ин рӯ, фаъолияти муҳаррикӣ ба ташаккули шахсият таъсир мерасонад. Назорати бодиққату дақиққорона ба ҳаракатҳо, нафисию аниқии ҳаракатҳо, қобилияти идораи ҳаракатҳо, зуд ичро кардани онҳо – ҳамаи ин, ин тавр ё ба таври дигар ба сифатҳои шахсӣ таъсир мерасонад. Агарчи қисми муҳаррикии инсон - ин нисбатан соҳаи на чандон калони рӯҳ аст, вале он ба хусусияти кори вазифаҳои олии равонӣ, ба тарзи тафаккур, ташкил ва тарзи ҳаёт таъсир мерасонад. Охир, тасодуфӣ нест, ки аз рӯйи тарзи навишт метавон дар бораи ҳолати инсон мулоҳиза ронд. Айнан ҳамин барин дар ин чо робитаи баръакс низ ҳаст. Масалан, монтажи схема хотирчамъу ором месозад, тасалло мебахшад, ҳусни хат бошад, муташаккилӣ меомӯзонад. Аз ин рӯ, одамизод бояд ин чиҳати фаъолиятро бедиққат намонад.

Бад-ин тариқ, тавассути фаъолият шахсият ташаккул меёбад, равандҳои рӯҳии инсон, хусусиятҳои равонии ӯ рушд мекунанд, заминаҳои сабабу мақсадҳо ва самтгирӣ гузошта мешаванд.

## Фаъолият ва шуури одами калонсол

Фаъолияти чамъиятию меҳнатӣ шарти асосии пайдоиш ва инкишофи инсон ва башарият гардид. Баробари гузаштан ба фаъолияти меҳнатӣ рӯҳи ниёгони мо хеле инкишоф ёфт. Дар марҳалаи муайян он ба рӯҳи инсонӣ – шуур мубаддал гашт. Шуури одамӣ дар меҳнат барои он пайдо мешавад, ки бе шаклҳои инсонӣ инъикос ва бидуни шуур худи меҳнат имконнопазир мебошад.

**Шуури инсон** – ин шакли махсуси инъикоси воқеият маҳсуб мегардад. Ба шарофати шуур одамизод робитаҳои мураккаби сабабу оқибатро дар табиати атроф ва чамъият инъикос менамояд.

Шуури инсон дорои шаклҳои маърифатӣ, иродавӣ ва эҳсосотии зуҳурот мебошад. Ба шакли маърифатӣ таассурот,

идрок, таҳлил, синтези воқеият, мавқеи худ дар он ва муносибат ба он таалluқ дорад.

Шакли эҳсосотии шуур – ин эҳсоси муносибат ба атрофиён, рафтору кирдор ва нияту мақсади худ мебошад. Ба шакли иродавӣ бозиҳое ворид карда мешаванд, ки фаъолият ва рафтори одамро танзим менамоянд. Ҳамаи ин шаклҳои зуҳуроти шуур симои умумӣ ва сарвати ботинию маънавии инсонро ифода мекунанд. Чунин аст сохтори дохилию ботинии шуур.

Шуури инсон аз рӯйи мазмуну мӯҳтавои он низ тавсиф карда мешавад. Мазмуну мӯҳтавои шуур - ин ҳамон тасаввурот, мафҳумҳо, гояҳо ва ақидаю эътиқодҳоест, ки дар инсон таҳти таъсири фаъолияти меҳнатӣ пайдо шудаанд ва боиси муносибату фаҳмиши атрофиён ва худи шахс гардидаанд. Дар шуур инсон на танҳо оламиатрофро инъикос менамояд. Он худро аз муҳит ҷудо месозад ва муносибати хешро ба атрофиён, ҷою мақом ва нақшу аҳамияти худро дар муҳит инъикос мекунад.

Ба шарофати шуур одам метавонад вазъу ҳолати бавуҷудомадаро ба назар нагирад, фикран истисно намояд. Дар шуури худ чунин амалиёт гузаронида, инсон метавонад амалу рафторҳои хешро пешбинӣ намояд ва ба нақша гирад. Тамоми фаъолияти шуур аз мазмуну мӯҳтавои он вобаста мебошад.

Шуури инсон дар раванди фаъолияти ҷамъиятию меҳнатӣ, дар асоси донишҳои андӯхтаи ӯ ташаккул меёбад ва мукаммал мегардад. Тасаввурот, мафҳумҳо, ақидаю эътиқодҳо дар бораи олатҳои меҳнат, оид ба робитаю муносибатҳои мураккаб дар табиат ва ҷамъият ҳамин тавр ташаккул меёбад.

Муносибату рафтор, нуктаи назар ба ашёҳо, ба нақш ва имкониятҳои худ дар натиҷаи ҳамин рушд мекунад. Шуури инсон аз ҳисоби мубодилаи афкори байни одамон, бо роҳи андӯхтани донишҳо аз рӯномаю китоб, аз лексияю сӯҳбатҳо, аз тамошои кинофилмҳою намоишномаҳо ва амсоли инҳо инкишоф меёбад ва ғанӣ мегардад.

Фаъолият на танҳо ба мазмуну мӯҳтавои шуур, балки ба сохтори он – ба тамоми равандҳои рӯҳии инсон низ

(маърифат, эҳсосот, ирода) таъсир мерасонад. Фаъолият ин равандҳоро инкишоф ва такмил медиҳад.

Шуури одамӣ табиати иҷтимоӣ дорад. Моҳияти иҷтимоии шуури инсонӣ дар он ифода меёбад, ки одамизод дар муҳити ҷамъиятӣ зиндагӣ менамояд, зуҳуроту ҳодисот ва рӯйдоду далелҳои ҷамъиятиро инъикос месозад. Дар шуури инсон муҳит ва атрофиён аз мавқеъҳое, ки шахсият ишгол менамояд, инъикос карда мешавад. Худи ҳамон як предмет, зуҳурот дар шуури одамони гуногун метавонад баҳои мухталиф дошта бошад ва муносибати гуногунро ба вуҷуд орад. Ин ҳам аз эҳсосоти инсон дар ҳаёт ва ҷамъият, ҳам аз мазмуну мӯҳтавои шуури ӯ вобаста мебошад.

Шуури одами ҷудогонаро бо тамоми мазмуну мӯҳтавои он шуури фардӣ меноманд. Он, пеш аз ҳама, аз рӯйи мавқеи синфии инсон муайян карда мешавад ва фаҳмиши ӯро дар бораи муҳити зист ифода менамояд. Ба шуури фардӣ ҳатто он муҳиту шароити бевоситае таъсир мерасонад, ки одамизод дар он зиндагию кор мекунад. Зимнан таъсири муҳиту шароити бевосита ба мавқеи воқеие, ки инсон дар ҷамъият ишгол мекунад, баъзан мухолифат менамояд. Дар чунин мавридҳо дар нуктаи назар ва ақидаҳои одам метавонад ноустуворию норавшанӣ ва ихтилофти муайяне ба вуҷуд ояд. Дар шароитҳои ҷамъияти мо шуури одамонро табиати иҷтимоии давлат муайян месозад. Мавқеи шахсии ҳар як инсон – ин мавқеи меҳнаткашу меҳнатқарин аст. Мувофиқу мутобиқи ин мавқеъҳо ақидаю эътиқодҳои одамонро бошуурона меноманд. Ин чунин маънӣ дорад, ки инсон дар ҳама кор – дар амалу рафтор ва фаҳмиши муҳити атроф – мувофиқи вазъу ҳолат, нуктаи назар ва ақидаҳоро ба роҳбарӣ мегирад. Агар дар одамизод ақидаҳо пайдо нашуда бошанд ё онҳо бо мавқеъҳои ҳаётии ӯ мувофиқат накунанд, пас чунин инсонро бешуур меноманд. Аз ин рӯ, ифодаи «бешуур» маънии онро надорад, ки инсон тамоман бешуур аст. Он фақат мазмуну мӯҳтавои шуури ӯро аз ҷиҳати манфиаш тавсиф менамояд.

Ташаккули шуури фардӣ, шуурнокии иҷтимоию сиёсӣ дар заминаи шуури ҷамъиятӣ ба амал меояд. Таҳти шуури ҷамъият зимнан маҷмӯи ғояҳоеро мефаҳманд, ки манфиат ва мақсаду ниятҳои гурӯҳҳои томи ҷамъиятӣ ва тамоми

чомеаро ифода месозанд. Шуури чамъиятӣ – ин ақоид, тасаввурот, ғояҳо, назарияҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, эстетикӣ ва дигар назарияҳо, фалсафа, ахлоқ, дин ва соири шаклҳои шуур маҳсуб мегардад.

Ба чомеаи демократии мамлакати мо шуури чамъиятӣ хос аст. Асоси моддии шуури чамъиятӣ – тарзи демократии истеҳсолот мебошад. Заминаи ғоявии он – бозаргонӣ маҳсуб мегардад, ки идеологияи тамоми халқ ба шумор меравад.

Дар шуури чамъиятӣ метавон баъзе дигар унсурҳоеро низ чудо намуд, ки аз ақидаҳои фалсафӣ ва сиёсии чомеа вобастаанд, вале ба онҳо ворид карда нашудаанд. Ба ин чо *метавон афкори ҳукмрон, завқу салиқа, одату хислат, мӯд* ва тарзу услуб, тааccуроту ҳиссиёт, орзую умед ва норизоию нохушнудиро дохил намуд. Ин чиҳати шуури чамъиятиро психологияи чамъиятӣ ё ичтимоӣ меомӯзонад.

Агар шуури инсон ба тарзи муайян муносибати ӯро ба муҳити атроф инъикос созад, пас худогоҳӣ аз чониби одамизод дарк намудани худии худаш ҳамчун шахсияти мустақили чамъиятӣ, фаҳмидани афкор, рафтору кирдор ва симои маънавию чисмониаш махсуб мегардад. Худогоҳӣ – ин идрокест, ки ба худии худ, ба шахсияти хеш нигаронида шудааст. Василаи худогоҳӣ шахсият ба худ, ба мазмуну мӯҳтаво ва амалу рафторҳои хеш баҳо медиҳад. Ин худбаҳодиҳӣ ба андозае дар заминаи меъёрҳои зиёди зоҳирии эътирофгардидаи шахсият амалӣ гардонда мешавад. Барои одами ҳозиразамон чунин меъёрҳо шавқу рағбат ва мақсаду манфиатҳои худаш маҳсуб мегарданд.

Дар худогоҳӣ дарку эътироф кардани хеш ҳамчун иштирокдори ин ё он фаъолияте, ки дорои аҳамияти шахсӣ ва чамъиятӣ мебошад, чойи асосиро ишғол менамояд.

Муносибат ба дарачаи ширкат дар ин фаъолият бештар аз ҳама худогоҳии инсонро тавсиф менамояд. Яке метавонад тамоми қувваашро баҳри ичрои ӯҳдадорию вазифаҳои худ барои он сафарбар созад, ки ба хештан ҳамчун ба узви коллективи меҳнатӣ, иштирокдори кори муҳиму зарурӣ муносибат мекунад. Дигаре бе чидду чаҳди зиёд меҳнат мекунад ва чунин мешуморад, ки вазифаю ӯҳдадориҳои ӯ дар назди чамъият ба ӯҳдадорию вазифаҳои чомеа дар назди вай баробаранд. Сеюмӣ метавонад фаъолиятмандӣ зоҳир

намояд ва дар ин роҳи таъмину қонеъ кардани нияту мақсадҳои мағруронаю шӯҳратпарастонаи худро бинад. Барои чорумӣ сарфи ҷидду ҷаҳд ва қувваи зиёд бефоидаю беҳуда ва бемаъни менамояд, чунки ин барояш натиҷаҳои дилхоҳ намеоварад. Дар худогоҳии инсон дарки робитаҳои худ бо одамон, муносибати хеш бо дигар одамон, ӯҳдадорию масъулиятҳояш дар назди ҷомеа нақши калон мебозад.

Дар инкишофи худогоҳӣ дар одамизод парваридани тасаввуроту мафҳумҳои маънавӣ, фаҳмиши ҳуқуқу вазифаҳои худ дар меҳнат, дар назди дигар одамон ва дар назди ҷамъият нақши бағоят муҳим мебозад. Чунин худогоҳӣ инсонро шахси воқеию дорои аҳамияти ҷамъиятӣ ва шахсияти барои ҷамъият арзишманд мегардонад. Дигар хел баҳодиҳӣ ба худогоҳии хеш, ба шавқу рағбат ва манфиату мақсадҳои худ инсонро нисбат ба меҳнат ва одамон маҳдуду бепарво ва беаҳамияту бетафовут месозад ва бинобар ин ба маънии ҷамъиятиаш камарзиш мебошад.

Худогоҳ, дарки «ман» - и худ натиҷаи инкишофи шахсият, яке аз сабабҳои рушди шуур ба шумор меравад. Худро дуруст фаҳмидан, дуруст муносибат кардан ба хеш, ба имкониятҳои хештан – ин лаёқату қобилият дар натиҷаи фаъолияти ҷамъиятию меҳнатӣ ташаккул меёбад.

## САМТГИРӢ ВА САБАБҲОИ ФАЪОЛИЯТ

### Қоидаҳои умумӣ

Самтгирӣ – ин хусусияти асосии шахсият мебошад, ки дар ҳаёти инсон, фаъолият ва рафтори ӯ нақши ҷиддӣ мегузорад.

Ҳаёти инсон – ин фаъолияти доимии ӯ ба шумор меравад. Роҳи ҳаётии шахсият низоми муташаккилу пайдарпайи рафтору кирдорҳоест, ки дар замон ба амал меоянд. Ҳар як амалу рафтори одамизод ба мақсади ҷудогона нигаронида шудааст. Аз тамоюлоти рафторҳои алоҳида бо мақсадҳои тасодуфию ногаҳонӣ тамоюлоти тамоми ҳаёт таркиб меёбад. Мақсадҳои шахсӣ тартиботи дараҷот ва тобеони худро доранд. Онҳо метавонанд аз рӯйи замон барои инсон наздик ё дур, тсодуфию ногаҳонӣ, дорои аҳамияти шахсӣ ё ҷамъиятӣ ва амсоли инҳо бошанд. Роҳи ҳаётӣ умуман аз рӯйи низоми мақсадҳои аз ҳама асосию дурандешона ва муҳимтарин муайян карда мешавад. Ва ин низом нисбат ба мақсадҳои ҷузъӣ низ ҳамчун воситаи муайянкунанда баромад менамояд. Низоми мақсадҳои аз ҳама асосию дурандешона ва муҳимтаринро, ки тамоми роҳи ҳаётии шахсиятро мунаввар месозанд, маъмулан чун мақсаднокию ҳадафмандии шахсӣ маънидод мекунанд. Он самтгирии инсонро ифода месозад, ки ин самтгириро метавон ҳамчун роҳнамунсози ҳаракат ва амалу рафторҳо ба ин ё он мақсади мушаххас муоина кард.

**Самтгирӣ** – ин ҳамон барномаи ботиниест, ки аз худи рафтору амал пештар вуҷуд дорад. Агар самтгирии инсон маълум бошад, пас бо эҳтимолияти бағоят зиёде метавон рафтору кирдори ӯро пешгӯйӣ кард.

Инсон дар назди худ тасодуфан мақсаду ҳадаф намегузорад. Мақсадҳои инсон аз худи олами объективӣ маншаъ мегиранд ва онро дар назар доранд. Вале ба назари инсон чунин менамояд, ки мақсадҳои ӯ берун аз олам гирифта шудаанд, аз олам вобаста нестанд. Интихоб ва гузориши мақсадҳо раванди қонунан вобаста мебошад. Ин қонуниятро бояд дар кор ба эътироф гирифт ва аз он омӯхт.

Самтгирии **пайдошавандаи** шахсият бо талабот алоқаманд мебошад. Талабот – ин категорияи муҳими ибтидоии психологиест, ки ба фаҳмидани рафтору амали инсон ва мазмуну мӯҳтавои ҳаёти маънавию рӯҳии ӯ мадад мерасонад. Таҳти мафҳуми талабот эҳтиёҷоти одамизод ба ягон чиз фаҳмида мешавад, ки қонеъ нагардондани он илоҷнопазир аст.

**Талаботи** инсон дар раванди ҳаёт, дар низоми муносибатҳои ӯ таҳти таъсири муҳит ва тарбия ташаккул меёбад. Таъсири робитаҳои иҷтимоӣ, касбӣ, маишӣ ва дигар робитаҳое, ки фарогири инсон мебошанд, дар ғояи доираҳои ҳаммарказ инъикос гардидааст. Ҳар як одам намояндаи ҷомеа мебошад, мавқеи муайяни иҷтимоиро ишғол мекунад. Маҳз ҳамин ба мазмуну мӯҳтавои талаботи ӯ таъсир мерасонад. Лекин муҳити иҷтимоӣ ба ташаккули талаботи инсон ба таври мустақим не, балки тавассути муҳити ғайримустақим, аз ҷумла василаи муҳити истеҳсолӣ метавонад таъсири худро бирасонад. Воқеан, он ҳам на танҳо бевосита, балки ба воситаи муҳити маишию зиндагӣ таъсир мерасонад. Ин таъсир дар навбати худ василаи оила амалӣ мегардад. Бад-ин тариқ, дар натиҷаи як навъ таъсири серзинае, ки ба тарзи ба худ хос ба ҳамдигар таъсир мерасонанд, якдигарро иваз месозанд, мазмуну мӯҳтавои талаботи фардӣ низ ташаккул меёбад.

Талабот аз рӯйи мазмуну мӯҳтаво ба талаботи моддӣ ва маънавӣ ҷудо мешавад. Талаботи моддӣ ин эҳтиёҷоти инсон ба ягон хел предмет ва шароит, масалан, ба хӯрокворӣ, истироҳату фароғат ва манзил мебошад. Агар ин талаботҳо қонеъ гардонда нашаванд, пас одамизод ҷисман вуҷуд дошта наметавонад. Агар онҳо номунтазам ё нопурра қонеъ гардонда шаванд, пас рӯҳияву ҳолати инсон бад мешавад, норизоӣ ба вуҷуд меояд.

Вале эҳтиёҷоти маънавӣ талаботи асосӣ мебошад. Ба он, пеш аз ҳама, чунин талаботҳо мансубанд: ба мисли талабот ба донистани вазъу ҳолат ва шароитҳо; талабот ба фаъолият, барои инсон дар меҳнати дорои аҳамияти ҷамъиятӣ; талабот дар муошират бо дигар одамон, ҳамдардию дастгирӣ ва ҳурмату эҳтироми онҳо. Симои маънавии инсон, арзиши ҷамъиятии ӯ аз талаботи рӯҳӣ

вобаста мебошад. Рафтори ҳақиқатан қаҳрамонона натиҷаи талаботи рӯҳию маънавии инсон маҳсуб мегардад. Ҳамчунин аз рӯйи эътиқод амал кардан, ҳурмату эҳтироми коллектив ва боварии одамонро сазовор гаштан низ бар асари талаботи маънавӣ ба вуқӯъ мепайвандад.

Агар қонеъ накунондани талаботи моддӣ ба ҳаёти инсон таъсири расонад, пас қаноатманд нагардондани эҳтиёҷоти маънавӣ ба таназзули симои рӯҳию маънавии ӯ оварда мерасонад. Барои одами баркамол, назар ба ҳифзи мавҷудияти ҷисмонии худ, хешро ҳамчун шахсият нигоҳ доштан муҳимтар аст.

Агар инсон дар натиҷаи инкишофи нокифояи фарҳангии худ ё нафаҳмидани моҳияти вазъият ба ҳар ҳол ба талаботи моддӣ бар зарари эҳтиёҷоти маънавӣ афзалият диҳад, пас ин одам ба зиммаи худ бори гарони маънавиро мегирад, ки зуд ё дер ӯро маҷақ мекунад.

Бо назардошти ин, ки талаботи маънавӣ дар сохтори *шахсият талаботи асосӣ мебошад, метавон хулосаи муҳими* педагогӣ баровард: барои ташаккули одами қавию тавоно ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ арзишманд бояд инкишофи ҳамаҷонибаи талаботи маънавӣ, манфиату дархостҳои ӯро таъмин кард. Дар амалияи омода сохтани мутахассис ин маънии зарурати ҳамаҷониба пурзӯр намудани тарбияи маънавию сиёсии оммаро дорад.

## Сабабҳои рафтор

Талаботҳо дар ҳаёти одамизод аҳамияти басо калон доранд. Аммо бояд ба назар гирифт, ки онҳо самтгирии ӯро беихтиёрона ва якранг муайян намекунанд. Дар асоси талаботи инсон сабабҳои фаъолияти ӯ пайдо мешаванд.

*Сабаб* – ин қувваест, ки инсонро ба гузориши мақсад ва амалу рафторҳои расидан ба ин мақсад водор месозад.

Дар ҳар сабаб талаботҳои гуногуни маънавию моддӣ бо ягон хел афзалияти муайян ба таври мураккаб ба ҳам пайваста мегардонд. Дар раванди тарбияи шахсият бояд ба одамон омӯзонд, ки сабабҳои амалу рафторҳои худро бифаҳманд, аниқ дарк бисозанд, ки онҳо бо амалу рафтори

хеш ба чӣ ноил шудан мехоҳанд, барои чӣ онҳоро содир мекунанд.

Сабабҳое, ки одамро ба содир кардани рафтору кирдорҳо водор месозанд, аз рӯйи шаклу мазмун фарқ менамоянд.

Аз рӯйи шакл – инҳо сабабҳои аз ҳам инкишофёфта, мураккаб ё аз ҳама муқаррарӣ мебошанд. Сабабҳо метавонанд аз нуқтаи назари меъёрҳои ахлоқии мақбули умум мазмуну мӯҳтавои мусбат, безарар ва манфӣ дошта бошанд.

Ба ҷумлаи сабабҳо инҳо дохил мешаванд: шавқу ҳавас, майлу рағбат, хоҳишу орзу, манфиатҳо, тамоюлот, идеалҳо ва эътиқод. Ба сифати қувваҳое, ки инсонро ба амалу рафтор водор месозанд, баъзан эҳсосотҳои алоҳида низ баромад карда метавонанд.

**Шавқу ҳавас** – шакли аз ҳама оддитарини сабаб маҳсуб мегардад. Он вақте пайдо мешавад, ки инсон ҳанӯз талаботи худро дарк накардааст ва номуташаккилона амал менамояд. Чунин шакли сабаб аксар вақт дар ҷавонон мушоҳида карда мешавад, ки онҳо ҳанӯз худро ба таври кифоя наомӯхтаанд.

Сабаби амалу рафтор дар шакли шавқу ҳавас аксар вақт боиси сар задани кирдорҳо мегардад. Масалан, ҳар як инсон талаботи маънавии худсобитсозӣ ва ба даст овардани ҳурмату эҳтироми атрофиёнро дорад. Вале агар ӯ ин талаботро дарк насозад, пас онро бо роҳи тамоман нодуруст қонеъ мегардонад: ҷанҷолу низоъ, дағалию бадмуомилагӣ, эътирозу мухолифат мекунад ва чунин мешуморад, ки дар ҳамин аст зуҳуроти мустақилияти вай. Танҳо коре, ки хуб ба роҳ монда шудааст, барои раҳоӣ ёфтан аз чунин шакли сабабият кӯмак мерасонад.

**Майлу рағбат** – ин дарк кардану фаҳмидани талаботҳои инсон аз ҷониби худаш мебошад. Лекин майлу рағбат аксар вақт ба мақсадҳое нигаронида шудаанд, ки ба имконияти ба даст овардани онҳо одамизод чандон боварӣ надорад.

*Хоҳишу орзу* – ин сабабест, ки ба майлу рағбат қаробату хешӣ дорад. Дар он талаботи идрокгардида, бештар аз ҳама талаботи моддӣ ифода меёбад. Аммо бар хилофи майлу рағбат қувваи барангезандаю водорсозандаи хоҳишу орзу хеле баландтар аст. Дар сурати ба даст овардани мақсадҳои

дахлдор хоҳишу орзу ҳамчун сабаб нақши барангезандаю водорсозандаи худро гум мекунад.

Вале хоҳишу орзу ҳамчун шакли махсуси сабабият моҳияти тарбиявӣ дорад. Ҷалб кардани одамон ба кори таъҷилӣ, ташвику талқин намудан ба иҷрои фаъолияти якдафъина аз ҳисоби водор сохтани хоҳишу орзу метавонад амалӣ гардонда шавад.

Шавқу ҳавас, майлу рағбат ва хоҳишу орзу – сабабҳои оддию муқаррариянд ва онҳо ба андозаи зиёд бо талаботи моддии инсон алоқаманд мебошанд.

Барои талаботҳои маънавӣ шаклҳои мураккабтари сабабҳо хосанд.

**Манфиатҳо** – ин муносибати интихобӣ, афзалан маърифатии инсон ба ягон хел зуҳурот, предмет ва фаъолияти муайян мебошад. Мавҷудияти манфиатҳо барои инкишофи қобилияту лаёқатҳо, омӯзишу таълими бомуваффақият заминаи мусоид ба шумор меравад. Талаботи маърифатии одам дар навбати аввал дар манфиатҳо зоҳир мегардад. Вале манфиат – сабаби ноустувор аст. Он метавонад ё аз байн биравад, ё ба тамоюлот табдил ёбад. Охирин аз тарбия, аз гузориши тамоми кори тарбиявӣ бо одамон вобаста мебошад.

*Тамоюлот* – ин на танҳо самтгирии маърифатии шахсият ба дарки предмети муҳими фаъолият, балки ҷаҳду талошест баҳри фаъолият нисбати ҳамин предмет.

Дар бораи таъсир ва тамоюлоти одамон ба рафтору фаъолияти онҳо чунин далел шаҳодат медиҳад. Дар як қатор макотиби олӣ бо мақсади ошкор кардани он, ки манфиатҳо ва тамоюлот ба нағзу бомуваффақият хондани шогирдон ва ихтисоси минбаъдаи онҳо чӣ тавр таъсир мерасонанд, тадқиқотҳои махсус гузаронида шуданд. Аз шумораи зиёди хонандагон онҳое интихоб гардиданд, ки манфиатҳояшонро ба роҳбарӣ гирифта, ба мактабҳои олӣ омада буданд. Ин бо роҳи пурсиш, саволнома ва амсоли онҳо муайян карда мешуд.

Дар соли аввали таҳсил онҳо нишондиҳандаҳои баланд доштанд. Вале дар охири соли нахуст, дар курсҳои дуввум ва минбаъда дараҷаи нағзу бомуваффақият хондани миқдори муайяни донишҷӯён паст шуд. Гурӯҳи дигар онҳое маҳсуб

мегардиданд, ки ба макотиби олӣ аз рӯйи тамоюлот омада буданд. Таълимгирандагнони ин гурӯҳ дар соли аввали таҳсил, ба мисли гурӯҳӣ якум, чандон дараҷаи баланди хониш ва муваффақияти хуб нишон надоданд. Лекин баъд, дар соли дуввуми таҳсил ва ҳангоми хатми макотиби олӣ, нишондиҳандаҳои аксарияти мутлақашон хубу устувор буданд.

Аз рӯзҳои аввал коллективҳои педагогӣ бояд ба мустаҳкам кардани манфиатҳои эшон ва табдил додани онҳо ба тамоюлот диққати ҷиддӣ медоданд. Инкишофи тамоюлот ба таълим, ки бо ҷаҳду талоши зеҳнию иродавии донишҷӯён сурат мегирад, далелу бурҳони хониши хубу аълои онҳост.

Сабаби аз ҳама қавию пурзӯр, барангезандаю водорсозандаи рафтору кирдор дар кору амалҳои инсон идеал ба шумор меравад, ки дар равоншиносӣ ҳамчун мақсади олии ҷаҳду талошҳои шахсӣ муайян карда мешавад. Идеал ҳамеша ба талаботи асосии шахсии инсон мувофиқат менамояд, он ҳамчунин ба манфиатҳои коллектив ва ҷомеа низ мутобиқат мекунад. Ба сифати идеал инсон, гоя ва амалу рафторҳое шуда метавонанд, ки одам ба онҳо пайравӣ менамояд. Идеал талқингару водорсозандаи пурзӯрест баҳри амалу рафтор. Одатан одамоне рафтори қаҳрамонона нишон медиҳанд, ки идеалҳои олиро сармашқи кори худ мекунанд.

Мавҷудияти идеали олӣ инсонро илҳом мебахшад, рӯҳбаланд месозад, қобилияти меҳнатии ӯро баланд мебардорад, варо дорои аҳамияти иҷтимоӣ ва арзишманд мегардонад. Бо назардошти он, ки ба инсон идеал хос аст ва омили қувваҳо, қобилияти меҳнатии шахсият вуҷуд дорад, метавон чунин хулосаи педагогӣ баровард: омӯзгорон бояд баҳри дар донишҷӯён парваридани ин заминаи зоҳирӣ ҷидду ҷаҳд намоянд. Сараввал месазад муқаррар кард, ки ин ё он донишҷӯ бо чӣ гуна идеал омадааст ва баъд вазифаҳои кори тарбиявиро ба асос гирифта, ин идеалро бояд ё инкишоф дод ё идеали нав парварид.

Ҳамчунин бояд ба эътибор гирифт, ки дар синни ҷавонӣ инсон соҳиби идеалҳои мушаххасу образнок мебошад. Дар тадқиқоти махсусе, ки шумораи зиёди одамонро фаро гирифт, қонунияти амиқу возеҳ зоҳир гардид: ба сифати

идеал барои хонандагон одамон ва қаҳрамонони мушаххаси адабӣ баромад карданд. Дар синни баркамолӣ идеал одатан хусусияти ҷамъбастӣ дорад.

Сабаби аз ҳама қавӣ, мураккаб ва олии рафтори инсон эътиқоду ақоиди ӯ, низоми онҳо маҳсуб мегарданд. Дар сурати инкишофи кофӣ ва мазмуну мӯҳтавои амиқи ақоиду эътиқод тамоми дигар сабабҳо тобеи онҳо мешаванд.

Ҷаҳонбинии инсон симои шахсият, рафтору амалҳои ӯро муайян месозад. Ҷаҳонбинии инсон – ин ақоиду эътиқоди шахсии ӯ дар бораи ҳодисоту воқеот, далелу бурҳон ва одамони атроф мебошад. Ин ақидаҳо талаботи асосии инсонро ифода менамоянд ва ба манфиатҳои он ҷамъияту коллективе мувофиқат мекунанд, ки ӯ аъзо ба шумор меравад. Дуруст аст, мавридҳое мешаванд, ки инсон ягон навъи донишҳоро аз бар месозад, аммо онҳо на ба талаботи воқеии ӯ ва на ба манфиатҳои ҷамъият мувофиқат намекунанд. Он гоҳ ин донишҳо устувор ва водорсозандагону талқингарони ҷиддии амалу рафторҳо шуда наметавонанд.

**Талаботи** инсон бо эҳтиёҷоти ҷамъияти демократӣ мувофиқат менамояд, ҷаҳонбинии ҷамъиятӣ бошад, на танҳо умуман манфиатҳои ҷамъиятӣ, балки манфиатҳои ҳар як аъзоро низ ифода мекунад. Аз ин рӯ, дар заминаи омӯзиши ҷаҳонбинии ҷамъиятӣ дар одамон ақоиду эътиқод ва ҷаҳонбинии шахсии мустаҳкаму устувор пайдо мешавад.

Инсоне, ки соҳиби ҷаҳонбинӣ мебошад, - ин одами устувору суботкор, мӯътабару боэътимод, дар ҳама бобат мӯътақиду собитқадам маҳсуб мегардад. Рафтору кирдорҳои ӯ аз таъсири ашхоси гайру бегона вобаста нестанд, ба майлу хоҳиши тасодуфӣ низ тобеъ наянд.

Он чи ки ба эҳсосоти оддию муқаррарӣ дахл дорад, пас онҳо, одатан, ба сифати талқингарону водорсозандагони муваққатӣ ва баъзан тасодуфии амалу рафторҳои инсон низ баромад мекунанд. Масалан, одам дар ҳолати бехудӣ метавонад амалу рафтори баргалат ва ҳатто ислоҳнопазир содир намояд. Эҳсосоту ҳиссиёти мураккаби ахлоқию сиёсии инсон метавонанд ҳамчун сабабу талқингарони устувортари амалу рафтор баромад кунанд. Чунин ҳиссиёт, ба мисли муҳаббат ба Ватан, ҳамчун унсури таркибии тамоми

сабабҳо, ба сифати заминаи эҳсосотии сабабҳо зоҳир мегардад.

## ХОТИМА

Раванду ҳолатҳои психологӣ, хусусиятҳои фардию байнишахсӣ, хорикаҳои иҷтимоию психологие, ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ зуҳур меёбанд, объекти ҳама гуна фаъолияти одами калонсол мебошанд.

Ба ин муносибат ба одами калонсол маҳз талаботҳои зерини умумие пешниҳод карда мешаванд, ки дар ҳар як истеҳсолот ва ҳама гуна сатҳу дараҷаи хизматию вазифадорӣ заруранд:

- шиносой бо асосҳои умумӣ ва иҷтимоии психология, психологияи коллектив, психологияи касбии коллектив, психологияи касбӣ, қобилияти таҳлил карда тавонистани масъалаю равандҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ, маҳорати истифода карда тавонистани методҳои ин илмҳо дар намудҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ;

- доштани тафаккури фарҳангӣ, донистани қонуниятҳои умумии он, маҳорати дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст (мантиқан) дарҷ кардани натиҷаҳои он;

- маҳорати дар заминаи илмӣ ташкил намудани меҳнати худ, донистани методҳои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди иттилооте, ки дар соҳаи фаъолияти хеш истифода мегарданд;

- соҳибқобилиятӣ дар шароитҳои амалияи тағйирпазири иҷтимоӣ ба барзиёдбаҳодиҳии таҷриба, таҳлили имкониятҳои худ, маҳорати андӯхтани донишҳои нав василаи истифодаи технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ;

- фаҳмидани моҳият ва аҳамияти иҷтимоии касби хеш;

- соҳибқобилиятии дарёфтани қарорҳои гайристандартии вазифаҳои намунавӣ ва маҳорати ҳаллу фасли вазифаҳои ғайристандартӣ;

- соҳибқобилиятӣ дар фаъолияти лоиҳавӣ дар соҳаи меҳнати ҷамъиятӣ, донистани принсипҳои таҳлили системавӣ, маҳорати сохтану истифодаи намунаю тамсилҳо барои тасвиру пешгӯйии рӯйдоду зуҳуроти гуногуни

ичтимоӣ, амалӣ гардондани таҳлили сифатию миқдории онҳо;

- соҳибқобилиятии гузоштани мақсадҳо ва аниқ ифода кардани вазифаҳое, ки бо амалигардонии иттиҳодия, ҷамъият ва гурӯҳи худ алоқаманд мебошанд;

- омодагӣ ба кооператсия, бо дигар одамон, бо методҳои муошират, маҳорати ташкил кардани кори худ, дарёфтан ва қабул намудани қарорҳо дар шароитҳои талаботҳои гуногунихтилоф;

-тайёрии методӣ ва психологӣ ба тағйирпазирии намуду хусусиятҳои фаъолияти худ;

- фаҳмидани нақши илм дар инкишофи тамаддун, таносуби илму техника ва масъалаҳои ҳозиразамони ичтимоию этникии бо онҳо алоқаманд, арзишмандии ратсионалии илм ва навъҳои таърихии он, донистани сохтор, шаклу методҳои маърифати илмӣ ва таҳаввулоти онҳо;

- шиносоӣ бо соҳаю марҳалаҳои муҳимтарини инкишофи тағйироту ислоҳоти куллии ичтимоию иқтисодӣ;

- фаҳмидани маънию моҳияти муносибатҳои байнихамдигарии маънавию моддӣ, мабдаи биологӣ дар одами калонсол, муносибати одам ба табиат ва ихтилофоту бӯҳрони дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти техникӣ пайдошудаи мавҷудияти инсон дар табиат;

- донистани шарту шароитҳои ташаккули шахсият, тарзу усулҳои масъулияти ӯ баҳри ҳифзи ҳаёт, табиат ва фарҳанг, фаҳмидани нақши зулму тааддӣ дар таърих ва рафтори одамизод, вазифаю ӯҳдадориҳои маънавии инсон нисбат ба худии худ;

- доштани тасаввурот дар бораи моҳияти шуур, муносибати байниҳамдигарии он бо рафтори бешуурона, нақши шуур ва худогоҳӣ дар амалу рафтор, муошират ва фаъолияти одамон, ташаккули шахсият;

- фахмидан ва маънидод карда тавонистани хориқаи фарҳанг, нақши он дар фаъолияти ҳаётии инсон, доштани тасаввурот дар бораи тарзу усулҳои андӯхтану нигоҳдорӣ ва интиқоли таҷрибаи ичтимоӣ, сарватҳои бунёдии фарҳанг;

-донистани шаклу навъҳои фарҳанг, марказу минтақаҳои асосии фарҳангию таърихӣ, қонуниятҳои фаъолияту инкишофи онҳо, ошноӣ бо таърих, психологияи миллати

точик ва дигар халкхо, чою макоми онхо дар тамаддуни чахонӣ.

## АДАБИЁТ

1. Адульханова - Славская К. Д. Деятельность и психология личности,--М., 1985.
2. Аверин В.А Психология личности: Учебное пособие. 2-е издание - Спб : И;д-во Михайлова В Д ., 2001 - 1914 с.
3. Ананьев Б. Г. Человек как предмет познания,— М.-Л., 1968.
4. Адульханова - Словская К. А. Деятельность и психология личности.— М., 1986.
5. Асмолов А, Г. Психология личности,—М., 1990.
6. Бадалев А. А. Личность и общение.— М., 1983.
7. Батаршев А.В. Психология личности и общения. - М.: Туманит. изд. Центр
8. Бетина О Б. Психология и педагогика. - СПб.: Вектор, 2006. - 256 с.
9. Буйдаков X. Б. Формирование психологического мировоззрения.— Душанбе, 1988.
10. Волков Б.С. Психология юности и молодости: Учебное пособие. - М.: Академический Проект: Трикста, 2006. - 256 с. - («Gaudeamus»).
11. Вилюнас В. К. Психологические механизмы мотивации человека.— М., 1990.
12. Гамезо М.В. Домашенко И.А. Атлас по психологии: Информ,- метод. Пособие к курсу. «Психология человека». - М.: Педагогическое общество России, 2001-276 с.
13. Загвязинский В.И., Атаханов Р. Методология и методы психолого-педагогического исследования: Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений. - М.: Издательский центр «Академия», 2003. - 208 с.
14. Клюткин Ю. Н. Психология обучения взрослых.-— М , 1985.
15. Крысько В.Г. Психология и педагогика: Схемы и комментарии. - М.: Изд-во ВЛАДОС-ПРЕСС. 2001. - 368 с.

16.Михайлов Ф. Г. Общественное сознание и самосознание индивида.—М., 1990.
17.Носс И.И., Носс Н.В. Психология управления персоналом предприятия. Профессиологический аспект. - М.:»КСП+», 2002 240 с.
18.Панферов В.Н. Психология человека: Учебное пособие.2-е издание,- СПб.: Изд-во Михайлова В.А., 2002. - 253 с.
Панфилова А.П. Игротехнический менеджмент. Интерактивные технологии для обучения и организационного развития персонала: Учебное пособие. - СПб: ИВЭСЭП. «Знание»,-536
19.Психология человека / В.С. Саблин, С.П. Слаква. - М.: Издательство «Экзамен», 2004. — 352 с.
20.Сапогова Е. Е. Психология развития человека: Учебное пособие. - М.: Аспект Пресс, 2001. - 460 с.
21.Сластенин В.А., Каширин В.П Психология и педагогика: Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений, - М.: Издательский цент «Академия», 2001. - 480 с.
22.Столяренко Л.Д., Столяренко В.Е. Психология и педагогика для технических вузов. Серия «Учебники для технических вузов». Ростов н/Д: «Феникс», 2001. - 512 с.
23.Шоев Н.Н. Психология и педагогика с основами кредитной технологии и активных методов воспитывающего обучения. – Душанбе: «ИРФОН», 2008. -535

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** ... 3

**ПАЙДОИШИ ПСИХОЛОГИЯ ВА ИНКИШОФИ ТАЪРИХИИ ОН**

Мухтасар дар бораи психологияи миллӣ ... 8
Пайдоиши калимаи «психология» ... 8
Рӯҳ ҳамчун объекти таҳқиқоти психология ... 19
Вазифа ва ҷойи психология дар низоми илмҳо ... 20
Моҳияти сифати рӯҳ ва фаъолияти инсон ... 23
Сохтори рӯҳи инсон ... 24
Шаклҳои зуҳуроти рӯҳи инсон ... 25
Соҳаҳои равоншиносӣ ... 26
Булуғияти инсон ва ташаккули он ... 32

**РАВАНДҲОИ ПСИХОЛОГӢ**

Қоидаҳои умумӣ ... 38
Равандҳои маърифатӣ ... 40
Маънидории идрок. Донистан ... 46
Таъсиргузаронии идрок ... 46
Идроки хусусиятҳои маконии предметҳо ... 47
Фарқият ва идрокоти фардӣ ... 47
Диққат ... 48

**ХОТИРОТ, ТАСАВВУРОТ, ТАХАЙЮЛОТ, ИНКИШОФИ ОНҲО ДАР КАЛОНСОЛОН**

Хотирот ... 52
Тасаввурот ... 56
Тахайюлот ... 58

**ТАФАККУРИ НУТҚ ВА ФАЪОЛИЯТ**

Тавсифи умумии раванди тафаккур ... 61
Амалиётҳои асосӣ, шаклу метод ва намудҳои тафаккур ... 64
Инкишофи тафаккури одами калонсол ... 68
Нутқ ва фаъолият ... 69

## ЭҲСОСОТ ВА ҲИССИЁТ

Қоидаҳои умумии эҳсосот ва ҳиссиёт ....................................73
Хусусиятҳои эҳсосот ва ҳиссиёт ............................................76

## ИРОДА, ИНКИШОФИ СИФАТҲОИ ИРОДАВӢ

Қоидаҳои умумӣ..........................................................................79
Сифатҳои иродавии одами калонсон ....................................81
Таҳлили психологии рафтори иродавии инсон.....................83

## МИЗОҶ, ХИСЛАТ ВА ҚОБИЛИЯТИ ОДАМИ КАЛОНСОЛ

Мизоҷ ...........................................................................................87
Типология ва назарияи мизоҷ..................................................89
Навъҳои мизоҷ ва тавсифи психологии онҳо.........................90
Ташхиси мизоҷ............................................................................95
Сифат ва хусусиятҳои психологии шахсият ..........................97
Ҷиҳатҳои иродавии хислати одами калонсол ....................100

## ШАХСИЯТ ВА ҶАМЪИЯТ

Қоидаҳои умумӣ........................................................................107
Ҷузъҳои асосии шахсият..........................................................109
Мафҳуми инсон..........................................................................110
Мафҳуми шахсият.......................................................................110
Фаъолияти ҳаётии шахсият ва муҳити иҷтимоӣ ...............110
Нақши муҳит ва ташаккули одами калонсол.....................112
Шахсият ва фаъолият ..............................................................113
Фаъолият ва шуури одами калонсол ....................................116

## САМТГИРӢ ВА САБАБҲОИ ФАЪОЛИЯТ

Қоидаҳои умумӣ........................................................................121
Сабабҳои рафтор .......................................................................123

ХОТИМА.......................................................................................128

АДАБИЁТ ....................................................................................130

**Холмурод Буйдоқов**
**Начимова Халимахон**

# ПСИХОЛОГИЯИ СИНУСОЛӢ

***(ҷавонон ва калонсолон)***

**Муҳаррир Н.Одинаев**
**Муҳаррири ороиш: Хуршедӣ Ҳ.**
**Муҳаррири техникӣ: Шарифов М.**
**Мусаҳҳеҳ О.Ҷабборова**

**БИ № 4020**

Ба матбаа 19.04.2014 супурда шуд. Ба чоп 21.04.2014 имзо шуд.
Андозаи 84x108¹/32 . Когази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Чопи афсетӣ. Адади нашр 200 дона Супориши № 35
Нархи шартномавӣ

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш.Душанбе, кӯчаи н.Қаробоев, 17.
Суроғаи матбаа ш. Душанбе, к. М. Турсунзода 9